ҶОН БИВЕР



# ШИКАСТАНИ БЕҶУРЪАТӢ

БЕ ҲИСИ АЙБДОРӢ МЕТАВОНӢ “НЕ” ГӮЙ
БЕ РОЗИГИИ ОДАМОН БА ХУД БОВАРӢ ДОШТА БОШ

ҶОН БИВЕР

# ШИКАСТДОДАНИ БЕЧУРЪАТӢ

ХУДРО АЙБДОР ҲИС НАКАРДА «НЕ» ГӮЙ!
БЕ РОЗИГИИ ОДАМОН ҲАМ БЕХАТАР БОШ

ҶОН БИВЕР

ШИКАСТДОДАНИ БЕҶУРЪАТӢ
Тарҷума ба забони тоҷикӣ 2011

Originally published in English by John Bevere Ministries, Inc. Colorado Springs, Colorado, USA, under the title
BREAKING INTIMIDATION by John Bevere

Copyright © 2011 by John Bevere, All rights reserved

Ин китоб ва қисмҳои он бе иҷозати хаттии нашркунанда наметавонад дар ягон шакл баровarда шавад, дар системаи ҷустуҷӯи маълумот захира карда шавад ё дар ягон шакл ба дигарон ба воситаи ягон усул-электронӣ, механикӣ, фотокопӣ, сабтӣ ё дигар усул ирсол карда шавад.

***Миннатдории калон ба....***

Занам, Лиза. Баъд аз Худо, ту дӯсти азизтарини ман ҳастӣ.
Барои имтиёз, ки бо ту оиладорам, Ман то абад ба Худованд миннатдорам.
Раҳмат барои соатҳои зиёде, ки ту барои таҳрири ин китоб саҳм гузоштӣ.
Ман туро дӯст дорам, азизам.

Ба чор писарони мо...
Ба Эддисон, ман барои дили нарми ту сипосгузорам.
Ту мувофиқи номат зиндагӣ мекунӣ «боэътимод».
Ба Остин, ман барои муҳаббати фидокорона ваҳиссиётнокии ту сипосгузорам.
Ба Александр, бисёр шод мешавам, вақте ки
ту хонаро бо ҳузури худ равшан месозӣ.
Ба Арден, ту ба мо хурсандии беҳад калон мебиёрӣ.

Ба Джон ва Кэй Бивер, барои он, ки шумо,
падару модари худотарс ҳастед. Ман бисёр шодам,
ки Худо маро ба шумо ба фарзандӣ бахшид.
Ман ҳардуи шуморо дӯст медорам.

Ба кормандони хизмати «Messenger International»,
раҳмат барои дастигирию вафодории шумоён.

Миннатдории махсус ба Джон Мэйсон, дӯсти аслӣ,
ки барои муваффақияти дигарон аз тахти дил шодӣ мекунад.

Ба ҳамаи кормандони нашриёти «Charisma House», ки ҳамроҳи мо
меҳнат карда, хизмати моро дастгирӣ карданд.
Ҳамаи шумо ҳамкорон ва дӯстони махсуси хизмати мо ҳастед.

Аз ҳама муҳим, миннатдории самимии ман
ба Падари мо, ки дар осмон аст - барои муҳаббати бепоёни Ӯ,
ба Худованди мо Исо - барои файз, ростию муҳаббаташ,
ва ба Рӯҳи Муқаддас -барои роҳбарии бовафои Ӯ
ҳангоми навиштани ин китоб.

## *Пайём азмуаллиф*

Вақте ки ман ин китобро менавиштам, Худо ба ман
пешгӯӣ карда, гуфт:

*Бисёр имондороне, ки ба артиши бузурги замони охир
даъват шудаанд, бо беҷуръатӣ баста ҳастанд.
Дилашон нисбати Худо ва одамон пок аст,
лекин онҳо монанди Ҷидъун асири тарси одамон
мебошанд(Доварон 6-8). Бахшоишҳое, ки Ман
ба онҳо додам, беамал мемонанд.*

*Ман ин китобро тадҳин мекунам, то ки бисёр касонро озод кунам.
Онҳо ба пеш қадам монда, бетарс ба Ман итоат мекунанд.
Онҳо ҷанговарони ҷасур мешаванд
ва дар қуввати Худои худ ғалабаҳои бузург
ба даст меоваранд.*

## *Мундариҷа*


*Пешгуфтор* ........................................................................ 6
*Муқаддима* ........................................................................ 7


### ҚИСМИ I
### Устувор гардонидани мавқеи рӯҳонии худ


*1. Дар қудрати худ роҳ гард*.................................................... 11
*2. Мавқеъва қудрати рӯҳонӣ*.................................................... 19
*3. Ду канор*.................................................................................. 27
*4. Бахшоишҳои Худо*.................................................................. 35


### ҚИСМИ II
### Фошкунии беҷуръатӣ


*5. Бахшоишҳои беамал*................................................................ 47
*6. Аз беҷуръатӣ фалаҷшуда*....................................................... 57
*7. Рӯҳи беҷуръатӣ*........................................................................ 67


### ҚИСМИ III
### Шикастдодани беҷуръатӣ


*8. Бахшоишро авҷ гирон*............................................................ 79
*9. Решаи беҷуръатӣ*...................................................................... 89
*10. Хоҳиш кифоя нест*................................................................. 99
*11. Тарси Худо ва тарс аз одам* ...............................................113
*12. Амал кардан ё ҷавоб додан?* ...............................................127
*13. Рӯҳи ақлӣсолим*....................................................................137
*14. Ба пеш харакат кун*..............................................................149

*Охирсухан*.................................................................................. 162

# *Пешгуфтор*

Барои ман имтиёзи калон аст, ки Ҷон Биверро солҳои зиёд ҳамчун ҳамкор дар хизмат ва ҳамчун дӯст мешиносам.Ман аз тахти дил боварӣ дорам, ки Худо ӯро бардошт, то ки пайғоми ғалаба, имон ва умедро ба насли мо расонад.

Китоби Ҷон Бивер *«Шикаст додани беҷуръатӣ»*–ин паёми бисёр саривақт аст, ки тамоми бадани Масеҳ ба он беҳад мӯҳтоҷ аст. Мо бояд он бахшоишҳоеро, ки Худо ба мо додааст, истифода барем, то ки ин ҷаҳонро ба назди Худо биёрем. Лекин ба ҷои ин бисёр одамоназ сабаби ҳуҷумҳои ҳилагаронаё на он қадар ҳилагарона ба қудрате, ки мо дар Масеҳ дорем, ақибнишинӣ мекунем.

Шайтон бо ҳар саъю кӯшиш ҳар гуна шароитро месозад ва одамонро истифода мебарад, то ки бахшоишҳои Худоро дар ҳаёти мо боздорад. Дар Каломи Худо бисёр мисолҳои он аст, ки имондорон ҳатто беҷуръатбуда, ғалаба мекарданд - Еҳушаъ, Ҷидъӯн, Наҳемё ва Довуд–ин фақат баъзе аз инимондорон. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст:

> Ҳар олате, ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт.
>
> **- ИШАЪЁ 54:17**

Миннатдоран ба ин китоб ва қуввати Рӯҳи Муқаддас ҳар имондор метавонад аз беҷуръатӣ гузашта, ғалаба кунад. Бигзор Худо дар ин насл артиши аскаронро бардорад, ки ҳеҷгоҳ ба қафо намераванд!

- ҶОН МЕЙСОН

*Муаллифи китобҳои«Душман бо номи«Оддӣ», «Ҳар чизеро, ки туро боз медорад, сар деҳ»ва «Каломи ваъдаҳо»*

# *Муқаддима*

Масеҳиёни бешумор бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд,лекин ба ҷои борешааш мубориза бурдан, бештар бо оқибати он мубориза мебаранд. Ба худ як хонаи зеборо тасаввур кунед, ки пур аз мебели қимат, аммо як қисми бомаш нест. Борони сахт меборад ва тамоми хонаро сероб мекунад, тақрибан ҳар чизе, ки дар хона аст, вайрон мешавад. Барои баровардани мебел, гилему тахтаҳои чиркину вайроншуда бисёр рӯзҳо лозим мешавад. Соҳиби хона бояд зиёд кор кунад ва ҳамаи чизҳои вайроншударо иваз кунад.

Вақте ки кор тақрибан ба охир мерасад, дигар тӯфон омада, боз ҳар чизи таъмиршударо вайрон мекунад. Ғамгин шуда, соҳиби хона боз таъмири дилгиркунандаю ташвиршоварро сар мекунад. Лекин дере нагузашта борон боз ҳама чизро вайрон мекунад. Бор паси бор қуввату пули соҳиби хона кам мешавад. Дар охир соҳиби хона ноумед шуда, ин корро мепартояд ва ба тақдири худ тан медиҳад.

Албатта, ин ба назар бемаънӣ менамояд. Шояд шумо фикр мекунед: *«Чаро вай аввал бомро ва баъд аз он чизҳои вайроншударо таъмир намекунад? Чӣ хел одами бефаҳм!»*.Лекин ин мисол нишон медиҳад, чӣ тавр бисёр касон бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд. Онҳо кӯшиш мекунанд оқибаташро ислоҳ кунанд, ки рӯҳафтодагӣ, ғамгинӣ, парешонӣ, ноумедӣ ва ғайра аст, аммо қуввати бучуръатиро шикаст намедиҳанд!

Баъзе касон бо беҷуръатӣ ба воситаи маслиҳати одамон мубориза мебаранд, то ки фаҳманд дар вақти тарс чӣ кор кунанд. Дигарон бо асирӣ ба беҷуръатӣ розӣ шуда, умеди озодиро надоранд. Ҳардуи онҳо монанди хонаеҳастанд, ки бомаш сӯрох дорад ва ҳама чизи даруни хона буда нам кашидаст. Дигарон бошанд, аз одамон ҷудо шуда, зиндагӣ мекунанд. Ноумед шуда, онҳо ҳам хонаи намкашидаи худро тарк мекунанд.

Паёме, ки дар ин китоб аст, ба шумо роҳи ҳалли ин мушкилиро намефаҳмонад. Лекин роҳи Худоро сӯи озодӣ аз ҳар гуна тарс ва беҷуръатӣ нишон медиҳад. Фақат дар ин сурат шумо метавонед даъвати Худоро барои ҳаёти худ иҷро кунед.

Ман бисёр соатҳо сари компутерам нишаста, бо ин китоб кор мекардам ва аз Худованд хоҳиш мекардам, ки дар вақти навиштан маро роҳбарӣ кунад. Як субҳе ҳангоми кор, ҳис кардам, ки ҳузури Худованд хонаро пур кард. Ман аз сари компутер бархеста, роҳравон дуо хондам. Вақте ки дуо мехондам, Рӯҳи Худованд ба ман нозил шуд ва пешгӯӣ карда чунин гуфт:

> Писарам, бисёр имондороне, ки ба артиши бузурги замони охир даъват шудаанд, бо бечуръатӣ бастаанд. Дилашон нисбати Худо ва одамон пок аст, лекин онҳо монанди Ҷидъун асири тарси одамон астанд (Доварон 6-8). Бахшоишҳои, ки Ман ба онҳо додам, беамал мемонанд. Ман ин китобро тадҳин мекунам, ки бисёронро озод кунам. Онҳо пеш қадам монда, бетарс ба Ман итоат мекунанд. Онҳо ҷанговарони ҷасур мешаванд ва дар қуввати Худои худ ғалабаҳои бузург ба даст меоранд.

Ин фақат таълимоти назариявӣ нест. Ман солҳои дароз бо бечуръатӣ баста будам. Ва монеаи калонтарин он буд, ки ман сарчашмаи мушкилиҳоямро намедонистам. Лекин Худо ин душмани азиятдиҳандаро фош кард. Аз он вақт боз Худо ин пайғомро барои озод кардани масеҳиён дар тамоми дунё истифода бурд.

Як роҳбар бо овози баланд гуфт: «Ин паём бояд дар дасти ҳар пастори Амрико бошад!». Аммо ин паём на фақат барои пасторон, балки барои ҳар як аъзои калисо аст. Ман боварӣ дорам, ки ин китоб тасодуфан ба дасти тунаафтод. Вақте ки ту худат озод мешавӣ, илтимос, ин паёмро ба дигарон, ки ба он мӯҳтоҷанд, расон. Вақте ки онро ба дигарон мегӯӣ, қуввати он дар ҳаёти ту зиёдтар мешавад.

Хоҳиш дорам, ки пеш аз он, ки ин сафарро сар кардан, бо ман дуо хонӣ. Илтимос, дили худро кушо ва ин суханонро дар ҳузури Худо гӯй.

> *Падар, ба номи Худовандам Исои Масеҳ, Ман аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш мекунам, ки каломи Туро дар вақти хондани ин китоб ба ман ошкор кунад. Илтимосҳар гуна ноустувориро дар ҳаёти ман фош карда, нест кун, ки маҳз решаи бечуръатӣ шикаст ёбад. Бигзор ман ба Ту наздиктар шавам ва бо далерӣ дар бораи Худовандам Исои Масеҳ шаҳодат диҳам.*

# *Қисми I*

# УСТУВОР ГАРДОНИДАНИ МАВҚЕИ РӮҲОНИИ ХУД

***Дар он қудрате, ки Худо ба ту додааст,***
***роҳ гард, вагарна***
***каси дигар он гирифта,***
***барзидди ту истифода мебарад***

## *Боби 1*

# ДАР ҚУДРАТИ ХУД РОҲ ГАРД

Ба Худо хизмат карда, ман бештару бештарфаҳмида истодаам, ки Ӯ шароиту одамонро истифода мебарад, то ки моро барои иҷро кардани он даъвате, ки барои ҳаёти мо дорад, омода созад.

Дар соли 1983 ман касби муҳандисии худро тарк кардам, токи ба хизмати пурраи ёрирасон дар як калисои калондохил шавам. Ман ба пастор, занаш ва ба ҳамаи меҳмононе, ки барои маъвиза кардан меомаданд, хизмат мекардам. Ман корҳои майда чуйдаионҳоро иҷро мекардам, то ки онҳо барои он коре, ки Худодаъваткарда аст, озод бошанд. Баъд аз чор сол Худо мароаз ин вазифа озод кард, то кидар дигар калисои калон пастори ҷавононшавам.

Пеш аз рафтанам як ҳамкорам ба занам гуфт, ки Худо ба ӯбарои ман як калом дод. Аз он вақт боз ин суханон дар гӯшам ҳамчун огоҳӣ садо медиҳад ва дар сояи ҳикмату қувваташ муҳофизат мекунад. Мисли ҳар каломе ҳақиқие, ки аз ҷониби Худо меояд, он диламро роҳнамоӣ мекунад ва барои маро аз номуайянӣ нигоҳ доштан, таҳкурсии қавӣ шуд.

Ин шахс занамро огоҳ карда гуфт: «Агар Ҷон дар қудрате, ки Худо барояш додааст, роҳ нагардад, каси дигар онро аз ӯ кашида гирифта, бар зидди вай истифода мебарад.» Ин суханон зуд ба ман таъсир карданд. Ман онро ҳамчун ҳикмати Худо қабул кардам, лекин фаҳмиши пурра надоштам, ки чӣ тавр онро амалӣ гардонам. Танҳо пас аз якчанд сол ман маънои ин суханонро фаҳмидам.

## Саргузаште, ки ҳаётро тағйир медиҳад

Дар аввали соли 1990 Худованд тасдиқ кард, ки даъвати Ӯ барои ҳаётам он буд, ки ман сафар карда, хизмат кунам. Баъд аз чанд вақте ки ман хизмат мекардам, як таҷрибае доштам, ки ҳаётамро тағйир дод. Ва ба

воситаи он ман дар охир он огоҳии, ки Худо якчанд сол пеш ба ман дод, фаҳмидам.

Мо бегоҳии рӯзи чоршанбе гузаронидани ҷамъомадҳоро дар як калисо сар кардем ва нақша доштем, ки то рӯзи якшанбе давом диҳем. Рӯҳи Худо ба таври пурқувват харакат мекард ва одамон озод мешуданд, шифою наҷот меёфтанд. Ҳар рӯз ҳузури Худо меафзуд.

Дар ҳафтаи аввал як зане, ки дар таълимоти бардурӯғи «Асри нав» (ба забони англисӣ *«New Age»*)алоқаманд буд, ба таври пурҷалол озод шуд. Ин ҷамъомадҳои моро пеш бурд. Дар давоми як ҳафта одамоне, ки дар масофаи то 150 км. зиндагӣ мекарданд, меомаданд.

Пастор гуфт: «- Мо ин ҷамъомадҳоро бас карда наметавонем. Худо барои мо чизҳои зиёдтар дорад.» Ман розӣ шудам ва мо боз бисту як ҷамъомад гузарондем. Каломи Худо ҳамчун дарё тез ҷорӣ мешуд ва бахшоишҳои Рӯҳ дар ҳар ҷамъомад амал мекарданд.

Дар ҳафтаи дуюм як бегоҳӣ вақте ки ман мавъиза мекардам, ба гирду атроф нигоҳ карда, ба мусиқачиён ва сурудхонон нигоҳ кардам (дар саҳна тақрибан 25 одам буд). Баъд ман эълон кардам: «- Дар ин саҳна гуноҳ аст. Агар шумо тавба накунед, Худо онро фош мекунад.»

Баъд аз он ки гапамро шунидам, фикр кардам: «Аҳ, ин гап аз куҷо омад?» Ман пеш аз ин ҳам бисёр мавъиза мекардам ва медонистам, ки вақте ки тадҳини боқуввати Худо болои ту аст, баъзан гапҳоеро мегӯӣ, ки гушҳои ҷисмониат онро фақат баъд аз гуфтанат мешунаванд. Ин мавъизаи пешгӯӣ – вақте ки мо аз Худо илҳомёфта, гап мезанем.

Ақлам ба гапи гуфтагиам шакку шубҳа мекард, лекин ман тез ин фикрҳоро дур кардам, чунки медонистам, ки ин гап аз ҷониби Худо буд. Ман ин гапро пешакӣ фикр накардам. Тадҳини боқувват барои мавъиза кардан болои ман монд.

Дар ҳар ҷамъомад одамони зиёдтар меомаданд. Дар ҳафтаи сеюм боз дар вақти мавъиза карданам, ман ба ақиб нигоҳ карда, ангуштамро ба одамони болои саҳна меистодагӣ нишон дода, боҷуръат дар қуввати Рӯҳи Муқаддас гуфтам: «- Дар ин саҳна гуноҳ аст. Агар шумо тавба накунед, Худо онро фош мекунад ва шуморо аз ҷоятон мегирад!» Ман ҳис кардам, ки қудрату боварӣ зиёдтар шуд. Ин дафъа ман шакку шубҳа накардам, чунки медонистам, ки Худо гуноҳро аз хонааш пок мекард.

## Доварӣ кардан ё айбдор шудан

Агар гуноҳ ба ҳаёти мо биёяд, Рӯҳи Муқаддас моро фош карда, роҳнамоӣ мекунад. Лекин агар мо гӯш надиҳем, мо дилхунук ва беэҳсос мешавем. Ин то он нуқтае давом медиҳад, ки дили одам дигар ба Рӯҳи Муқаддас беэҳсос мешавад.

Баъд аз ин, барои он ки ба мо расад, моро ё наздикони моро муҳофизат кунад, Худо дигаркасро мефиристад, ки чизҳои нодурустро ошкор кунад. Худо инро барои моро шарманда кардан намекунад, лекин барои он, ки моро огоҳ ва муҳофизат кунад. Агар мо ба ҳар ҳол гӯш накунем, доварӣ меояд. «Зеро, агар худамон худродоварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем. Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем.» (1 Қӯр. 11:31-32).

Худо якчанд вақт гуноҳро сабр мекунад, то ки ба мо барои тавба кардан вақт диҳад ва моро аз ҷазонигоҳ дорад. Ҳатто дар вақти ҷазо додан, Худо мехоҳад, ки мо ҳамроҳи ин дунё доварӣ нашавем. Вақте ки писари ноқобил дар оғили хукҳо буд, ба худ омад. Беҳтар дар оғили хукҳо одам ба ақлаш биёяд, нисбат ба он, ки дар гуноҳ зиндагӣ кунад ва як рӯз аз Оғояш шунавад: «-Эй бадкорон! Дур шавед аз наздам» (Матто 7:23)!

Агар мо тавба накунем, мо азоб мекашем, ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки Худо инро намехоҳад. Инро дар назар дошта, Павлус мегӯяд: «-Ба ҳамин сабаб бисёре аз шумо оҷиз ва бемор ҳастанд, ва бисёре мурдаанд.» (1 Қӯр. 11:30). Дар оқибат гуноҳ марги ҷисмонӣ ва рӯҳониро ба вуҷуд меоварад. Ман ҳис кардам, ки Худо одами болои саҳна меистодагиро фош карда, ин одамро ба тавба овардан мехоҳад. Лекин ман намедонистам, ки Худо киро фош мекард.

## Ҳуҷуми моҳиронаи беҷуръатӣ

Бегоҳии оянда вақте ми ман ҳамроҳи пастор менишастам ва барои ба ҷамъомад рафтан тайёр будем, як пешвои калисо даромада, гуфт, ки пешвоёни мусиқӣ ва ҳамду сано ғамгин ва манфӣ менамуданд. Пастор фикр кард, ки онҳо ҳамту из бисёр ҷамъомад гузарондан монда шуданд: «- Ба онҳо гӯй, ки баромада Худоро мадҳ кунанд ва ҳиссиёти худро як тараф монанд.»

Ман ба он одам нигоҳ карда, гуфтам: «-Як дақика истед. Ҳамааш дуруст?» вай ҷавоб дод: «-Онҳо фикр мекунанд, ки шумо нисбати онҳо бисёр сахтгап ҳастед. Онҳо фикр мекунанд, ки шумо бояд на дар назди одамон, лекин шахсан ба назди онҳо омада, ин гапҳоро гӯед.»

Ба он нигоҳ накарда, ки дар он замон ман инро намефаҳмидам, лекин ин вақти бисёр муҳим буд. Қудрати Худо-додагии ман барои хизмат ва муҳофизат кардан зери шубҳа монд. Душман бо он чизҳое, ки дар ҷамъомад рӯй медод, розӣ набуд ва мехост онҳоро ба охир расонад.

Ман интихоб доштам, лекин дар он вақт инро намефаҳмидам. Ман метавонистам беҷуръатиро қабул кунам ва он гапро, ки ба хизматчиёни ҳамду сано гуфтам, қафо гирам ва бо ин мавқеи қудрати худро аз даст диҳам. Ё метавонистам дар қудратам истам ва қуввати беҷуръатиро шикаст дода, дар каломи Худо устувор монам.

Ҳамон лаҳза ман фикр кардам: *«Ҷон, чаро ту ин одамонро ба ҳаҷолат андохтӣ? Чаро лозим буд, ки ба қафо нигоҳкунӣва ангуштатро дароз кунӣ? Ҳоло одамон дар калисо фикр мекунанд, кикӣ дар саҳна меистодагӣ дар гуноҳ зиндагӣ мекунад. Агар ягон кас набошад, пас чӣ? Ҳатто агар гуноҳ бошад, чӣ мешавад агар он ошкор нашавад? Одамон шубҳанок мемонанд ва он одамоне, ки пок зиндагӣ мекунанд, азоб мекашанд. Дар калисо монеаҳо пайдо мешаванд. Оё ман чизҳои хубе, ки дар ин калисо буд, вайрон кардам? Агар вайрон карда бошам, ин номи маро бад мекунад ва ман бошамхизмати худро нав сар кардам.»*

Боз ва боз ин фикрҳо ба сарам меомаданд. Тарс гирди як фикр ҷамъ мешуд: *«Бо ман чӣ рӯй медиҳад?»* Беҷуръатӣҳамин тавр чашмони туро ба дигар чизҳо равона мекунад. Сабабаш он аст, ки решаи беҷуръатӣ тарс аст ва тарс одамонро маҷбур месозад, ки диққаташон фақат ба худашон бошад. Муҳаббати комил тарсро меронад, чунки муҳаббат диққати моро ба Худо ва дигар одамон ҷалб мекунад ва худро инкор мекунад (1 Юҳанно 4:18).

Пастор ҳеч чиз нагуфт. Ҳарсеи мо дасти ягдигарро гирифта, дуо хондем, ки дар он ҷамъомад хости Худо иҷро шавад. Мисли се ҳафтаи гузашта ба саҳна баромадем. Дар вақти ситоиш ва мадҳгӯӣ, ман пайхас кардам, ки каломи Худованд диламро пур намекунад. Ман ягон роҳнамоиро ҳис накардам, лекин фикр кардам: *«Худо бовафо аст, вақте ки ба саҳна мебароям, калом барои мавъиза кардан пайдо мешавад.»*

Парастиш тамом шуд ва баъд аз он, ки пастор эълон кард, ман дар дилам ягон чизро нашунидам. Фикр кардам: *«Ман аз ҷояммехезам ва Худо маро роҳнамоӣ мекунад.»* Ман одаме нестам, ки барои худ ёддошт ва мавъизаро тайёр мекунам. Ман меомӯзам, дуо мехонам ва аз дилам аз рӯи илҳом гап мезанам. Вақт мегузашт ва ташвишам зиёд мешуд. Ман намедонистам чӣ гӯям, гӯё ки Худо маро роҳнамоӣ намекард.

Баъд пастор маро шинос кард. Ман ба саҳна баромадам ва барои он, ки роҳнамоӣ надоштам, гуфтам: «Биёед, дуо мехонем.» Лекин дар вақти дуо хондан, ягон роҳнамоӣ нагирифтам. Ман якчанд дақиқа дуо хондам. Ва аз ин зиёдтар, дуоям гӯё мурда буд. Гӯё суханам аз даҳонам баромада, пеши поям меафтод. Ман фикр кардам: *«Чӣ кор кунам?»* Ман қарор кардам, ки як нома аз Забур мавъиза мекунам, ки пештар гуфтагӣ будам.

Вақте ки мавъиза мекардам, ман ягон ҳаёт, тадҳин барои мавъиза ҳис намекардам. Ман кӯшиш мекардам, ки фикрҳоям парешон нашаванд. Гӯё ки Худо дар ягон ҷо набуд. Ман фикр кардам: *«Чаро ман инро гуфтам?»* ё *«Ман инро аз куҷо гирифтам?»* Ҳис мекардам, гӯё ки на Рӯҳи Муқаддас, лекин шарм маро роҳбарӣ мекард. Ман худро ором мекардам, ки Худо худашро зоҳир мекунад ва маро аз ин бетартибӣ халосӣ медиҳад. Лекин

аҳвол бадтар мешуд. Дар охир баъд аз сию панҷ дақиқа ман мавъизаю ҷамъомадро ба охир расондам.

Ғамгин шуда, ман ба ҷои хобам рафтам. Ман мепурсидам: «Худо чаро ту худатро зоҳир накардӣ? Пеш аз ин ҳар ҷамъомад аҷоиб ва боқувват мегузашт, лекин ин ҷамъомад тамоман беҳаётбуд. Агар ман дар ҷои ин одамон мебудам, ман дигар намеомадам. Дар ҳақиқат, ман худам боз ба он ҷо рафтан намехоҳам.» Он шаб ман як халтаи пур аз рег хӯрдагӣ барин хоб рафтам.

Вақте ки саҳар едор шудам,ҳис кардам, ки гӯё ин халта калон шуда, як бурҷ шуд. Ман худро ин қадар вазнин ҳис кардам, ки аз хобам хестан намехостам. Хурсандӣ маро тарк кард. Ман дуо хондам ва боз аз Худо пурсидам: «Чаро ту худатро зоҳир накардӣ?»

Ягон ҷавоб набуд.

«Оё ман гуноҳ кардам? Оё туро ғамгин кардам?»

Ҳанӯз хомӯшӣ буд.Ман як соат дуо хондам ва ҳар дақиқа он мубориза буд.

Ман мусиқии парастишро мондам ва ҳамроҳи он суруд мехондам. Ман фикр кардам: *«Худо ба ҷои рӯҳи вазнинӣ либоси ситоишро медиҳад. Ман бояд аз ин озод шавам.»* Аммо ман монанди мурда ним соат суруд хондам. Ман аз ин зиёдтар парешон шудам. «Ман чӣ кор кардам? Чаро Ту ба ман ҷавоб намедиҳӣ?»

Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ ман ба саҳрои наздик рафтам. Фикр кардам: *«Ман шайтонро мебандам. Ин натиҷаашро медиҳад.»* Лекин баръакс ман худамро баста ҳис кардам. Ман дар давоми се соат дуо хонда, ба шайтон дод мегуфтам, ва қариб овозамро гум кардам. Ман бояд рафта, ба ҷамъомад тайёрӣ медидам. Ман худро тасаллӣ медодам: *«Бо вуҷуди ҳамаи ин зиддият, Худо имрӯз худро ба таври пурқувват изҳор мекунад. Ҷон, бо имон рав.»*

Ҳамду сано, парастиш ва эълонҳо тамом шуданд ва ҳадияро ҷамъ карданд, ва ман боз ҳамон ҳиси бадро монанди бегоҳии гузашта доштам. Ман боз фикр кардам, *«Вақте ки ман аз чоям мехезам, Худо меояд.»*Маро боз шинос карданд – лекин ягон чиз рӯй надод. Ман барои роҳнамоӣ дуо мехондам, лекин хомӯшӣ буд.

Ман дигар номаро, ки пештар мавъиза кардам, сар кардам ва пур аз нофаҳмӣ шудам. Ягон ҳаёт, роҳнамоӣ ва тадҳин набуд. Баъд аз панҷ дақиқаи ҳамин бетартибӣ, ман гуфтам: «Мардум, мо бояд дуо хонем. Чизе нодуруст аст!» Ҳамаи одамон хестанд ва мо фаъолона дуо хонданро сар кардем.

## Беҷуръатӣ ошкор гашт

Ногаҳон ман овози Худоро бори аввал дар бисту чор соати охир шунидам. Вай гуфт: «Ҷон, ту аз ин одамоне, ки дар ақиби ту истодаанд,

тарсонда шудӣ. Туро аз мавқеи қудратат зарба зада, гирифтанд, ва бахшоиши Худо, ки дар ту аст, хомӯш шуд.»

Баъд аз ин сарзаниши нарм як таркиши рӯшноӣ рӯҳамро пур кард. Вақте ки дигарон боз панҷ дақиқаи дигар дуо хонданд, Рӯҳи Худо аз тамоми Китоби Муқаддас ба ман бисёр мисолҳоеро нишон дод, ки мардон ва занонтарсонда буданд ва аз ин сабаб бахшоиши Худо, ки онҳо доштанд, беамал буд. Ман дидам, чӣ тавр онҳо қудрати худро аз даст доданд ва дар Рӯҳ дигар натиҷабахш набуданд. Пас Ӯ якчанд соли гузаштаро ба ман нишон дода, фаҳмонд, ки ман маҳз ҳамин корро мекардам.

Ман тез қудрати беҷуръатиро, ки болои ман буд, дар дуо шикаст додам. Мисоли ин гуна дуохонӣ дар хотимаи китоб аст. Дар давоми ҳафтоду панҷ дақиқаи дигар ман аз Навиштаҷот мавъиза кардам ва пур аз оташ будам. Вақте ки тамом кардам, аз се дуқисми одамон ба пеш баромаданд ва аз беҷуръатӣ озод шуданд. Ин аз ҳамаи дигар ҷамъомадҳо беҳтарин буд.

Тақрибан баъд аз як ҳафта Худо гуноҳҳоро аз байни одамоне, ки дар саҳна буданд, фош кард. Ошкор шуд, ки мусиқаҷчии бас-гитара баъд аз ҷамъомад рафта, арақ мехӯрд. Ба ғайр аз ин, як сурудхон бо як духтари ҷавон аз калисо ҳамбистар буд. Ҳардуи онҳоро аз хизматашон хориҷ карданд. Мусикачии бас-гитара калисоро тарк кард, лекин ин сурудхон тавба кард ва дар зиндагии худ бо Худованд барқарор шуд.

Баъд аз вақти кӯтоҳ пешвои ҳамду сано ва парастиш ва якчанд каси дигар дар калисо ҷудоӣ андохтанд. Аз 4 якқисми калисо ҳамроҳи онҳо аз калисо рафтанд. Маълум шуд, ки пешвои ҳамду сано зино мекард ва баъд аз як сол аз шавҳараш ҷудо шуд. Дар охир шунидам, ки вай бо дигар мард зиндагӣ мекард. Аз он оилаҳое, ки ба калисо ҷудоӣ андохтанд, фақат як оила ҷудо нашуд.

Инҳо ҳамон одамоне буданд, ки шикоят карданд, ки ман нисбати онҳо бисёр сахт ҳастам. Худо онҳоро огоҳ мекард. Чӣқадар беҳтар мешуд, агар онҳо огоҳиро ба дилашон қабул мекарданд.

Баъд аз ин ман ба ин калисо боз ду бор рафтам ва аз пештара зиёдтар ягонагӣ ва қувватро дидам. Пастор фаҳмонд: «Худо калисоашро пок мекард ва дар натиҷа мо қавитар шудем. Ҳамду сано ва парастиши мо беҳад озод шуд!» Ва боз гуфт, ки баҳсу ҷанҷолҳои пештара нест шуданд. Ҷалол ба Худо!

Он чизе, ки Худо дар давоми дуохонии панҷ дақиқа дар он ҷамъомад ба ман дод, ба як мавъиза табдил шуд, ки шумо ҳоло хонда истодаед. Худо маро ба тамоми дунё бурд, ки ман ин номаро мавъиза кунам. Дар натиҷа, ман мардону занони бешуморро дидам, ки аз асирии беҷуръатӣ озод шуданд.

# Нома барои ҳама

Гарчанде, ки ин нома дар он вақт омад, ки ман Худоро дар вақти муҳолифат дар хизмат мечӯстам, фикр накунед, ки ин дарс фақат барои онҳое, ки болои саҳна меистанд. Масеҳиёни бешумор бо бечуръатӣ мубориза мебаранд. Бисёр вақт одамони тарсондашуда намефаҳманд зидди чӣ онҳо мубориза мебаранд. Монанди аксари усулҳои шайтон, бечуръатӣ пинҳон ва моҳир аст. Мо таъсири онро ҳис мекунем – ғамгинӣ, парешонӣ, норасогии имон – ва намедонем решааш чист. Агар ман намефаҳмидам, ки зери таъсири бечуръатӣҳастам, ман дар он калисо ин гуна муборизаро ғалаба карда наметавонистам. Лекин барои дарси гирифтагиам аз Худо миннатдорам.

Рӯҳафтода шуда, аксари мо оқибату натиҷаи бечуръатиро бартараф кардан мехоҳем, аммо на худи бечуръатиро ҳамроҳи решааш. Аз ин сабаб, мо муваққатан сабукӣҳис мекунем, лекин муборизаамон тамом намешавад. Шумо метавонед ҳамаи меваҳои дарахтро ҷамъ кунед, лекин то даме, ки решааш солим аст, мева боз мебарояд. Ин ҷараён метавонад моро рӯҳафтода кунад, чунки мо ҳис мекунем, ки гӯё мо аз ин монеаҳо халос шуда наметавонем. Мо ноумед мешавем ва боҷое розӣ мешавем, ки аз он ҷои ки Худо барои мо ба нақша гирифтааст, беҳад поёнтар аст.

Ҳақиқате, ки дар ин китоб аст, ба шумо ёрӣ мерасонад, ки на фақат бечуръатиро ошкор кунед, лекин ба шумо дониши лозима медиҳад, ки қуввати бечуръатиро дар ҳаётатон шикаст диҳед. Ман дуо мехонам, ки дар вақти хондани ин китоб ва фаҳмидани ин ростӣ, шумо озод шавед ва даъвати худро ҳамчун хизматгори Худовандамон Исои Масеҳ иҷро кунед.

Шояд шумо аз муқобилат кардан ба бечуръатӣ хавотир ҳастед. Вақте ки мо чизеро дар ҳаёти худ мебинем, ки моро фишор медиҳад, мо бисёр вақт сабукии якбора гирифтан мехоҳем, лекин ҳалли мушкилии тез бо нархи калон меояд, яъне он доимӣ намешавад. Ман мехоҳам ин номаро ҳаматарафа ба шумо ошкор кунам, мисли он, ки ба ман ошкор шуд. Дар се боби оянда ман таҳкурсии муҳимро мегузорам ва аз фаҳмидани мавқеъ ва қудрати рӯҳониамон сар мекунам.

***Шайтон мехоҳад ҷои моро гирад, то ки он қудратеро, ки Исо аз ӯ гирифтааст, боз ба даст биёрад***

# *Боби 2*

## МАВҚЕЪ ВА ҚУДРАТИ РӮҲОНӢ

Биёед ба каломе, ки Худо ба ман дод, нигоҳ мекунем: «Агар ту дар қудрате, ки Худо бароят дод, роҳ нагардӣ, каси дигар онро аз ту кашида гирифта, бар зидди ту истифода мебарад.»

Аввал, фаҳмидани он муҳим аст, ки дар олами рӯҳонӣ макон ё мавқеъ аст, ки мо ҳамчун имондорон ба Исо дорем. Ҳамроҳи ин мавқеъ қудрат дода мешавад. Ва душман мехоҳад ин қудратро аз мо кашида, гирад. Агар вай моро маҷбур кунад, ки мо ин қудрати Худододагиро аз даст диҳем, вай онро гирифта, бар зидди мо истифода мебарад. Ин на фақат ба мо таъсир мекунад, лекин ба онҳое, ки ба мо аз тарафи Худо бовар карда шудаанд.

Якчанд ҷои Навиштаҷот оиди мавқеи кудрати мо дар олами рӯҳонӣ аст. Биёед якчандтоашро мехонем.

> Он, ки дар паноҳгоҳи Ҳаққи Таоло нишастааст, дар сояи Қодири Бечун хоҳад буд.
>
> -Забур 91:1
>
> Ва маро ба вусъатобод баровард, маро раҳо кард, зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ӯ бар ман аст.
>
> Забур 17:20
>
> Поям дар ҷои ҳамвор истодааст; дар ҷамъомадҳо Худовандро муборак хоҳам хонд.
>
> Забур 26:12

Имондорон дар ҳақиқат дар олами рӯҳонӣҷоеро ишғол мекунанд. Ва зарур аст, ки ту ҳамчун имондор на фақат ин ҷойро донӣ, лекин онро пурра ишғол кунӣ. Агар ту мавқеи худро надонӣ, ту дар бадани Масеҳ дуруст амал карда наметавонӣ.

Ин мавқеъ ва қудрати он метавонад аз даст дода ё дуздида шавад. Мисоли оддӣ аз Китоби Муқаддас ин Яҳудои Исқарют мебошад. Баъд аз он ки Исо ба осмон рафт, шогирдонаш ҷамъ шуда, дуо хонданд. Он вақт Петрус он чизеро, ки бо Яҳудо рӯй дод, фаҳмонд:

> Зеро ки дар китоби Забур навишта аст: «Манзили вай хароб гардад ва касе дар он сокин нашавад»
>
> Аъмол 1:20

Яҳудо аз барои гуноҳаш ба таври доимӣ мавқеи худро дар олами рӯҳонӣ аз даст дод (Амъол 1:16-17). Ин роҳи аввалин аст, ки ба воситаи он душман аз одамон қудрати рӯҳониро мегирад. Ҳамин тавр вай Одаму Ҳавворо ба гуноҳ кардан водор намуд ва дар натиҷа онҳоро аз ҷояшон маҳрум кард ва бар онҳою ҳар чизе, ки онҳо ҳукмрон буданд, қудратро ба дасти худ гирифт.

Одаму Ҳавво дар замин мавқеи баландарини қудрат доштанд. Ҳар ҷонвар ва тамоми табиат зери қудрати онҳо буд. Худо гуфт: «Ва онҳо бар моҳиёни баҳр, ва бар паррандагони осмон, ва бар чорпоён, ва бар тамоми замин, ва бар тамоми ҳайвоноте, ки бар замин мехазад, ҳукм ронанд.» (Ҳастӣ 1:26). Ягон чиз дар олами рӯҳонӣ ё ҷисмонӣ аз қудрати одам баландтар набуд – фақат Худо.

Вақте ки Одам ин мавқеи қудратро дар дасти худ дошт, дар замин ягон бемориӣ, заминҷунбӣ, гуруснагӣ ва камбағалӣ набуд. Вақте ки Одам дар муносибат бо Худо зиндагӣ мекард, муҳити осмон дар замин буд ва ӯ бо қудрати Худо додагӣҳукмронӣ мекард. Лекин аз барои гуноҳи Одам, ҳар чизе, ки дар қудраташ буд, ба охир расид. Аз барои гуноҳаш ӯ мавқеи рӯҳониашро ба душмани Худо супорид.

Дар Навиштаҷот мисол оварда шудааст, вақте ки шайтон Исоро дар биёбон васваса мекард, ӯ бо худ меболид. Шайтон Исоро ба болои кӯҳи баланд бардошт ва ҳамаи подшоҳии заминро нишон дода, гуфт:

> Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам.
>
> Луқо 4:6

Худо ба Одам қудрат дод, лекин ӯ дар навбати худ онро ба шайтон дод. Одам аз мавқеаш дида, зиёдтар чизҳоеро аз даст дод. Ва ин ба ҳамаи он чизҳое, ки Худо ба ӯ дод, таъсир кард. Акнун тамоми ҳамоҳангӣ ва тартиб оҳиста поён мерафт.

Як мисоли он дар байни хайвонот аст.Дар боғи Адан зери қудрати Худо ва Одам шерҳо дигар хайвонҳоро намехӯрданд (Ишаъё 65:25). Мори айнакдорнеши заҳрнок намезад (Ишаъё 65:25). Барраҳо аз гургон ё дигар

хайвоноти дарранда наметарсиданд (Ишаъё 65:25). Лекин, фавран баъд аз гуноҳи аввал барои пӯшонидани одами луч хайвони бегуноҳқурбон шуд (Ҳастӣ 3:21). Баъдан мо мебинем, ки байни одаму хайвоноте, ки пештар одам болояшон ҳукмрон буд, душманӣ ва тарс пайдо шуд (Ҳастӣ 9:2).

Дигвр соҳае, ки осеб дид, худи замин буд. Замин зери лаънат шуд ва бар зидди одамизод ва на барои нафъаш амал мекард, вай заҳмат кашида, дар замин кор мекард, ки пештар меваи фаровон меовард (Ҳастӣ 3:17-19). Дар Румиён 8:20 навиштааст: «Чунки махлуқот на бо ихтиёри худ мутеи оворагӣ шудааст».

Ин беитоатӣ ба ҳамаи чизҳои болои замин ва дар олами рӯҳонӣ таъсир кард. Ноинсофӣ, марг, беморӣ, камбағалӣ, заминҷунбӣ, гуруснагӣ, офатҳои табиӣ вабисёр чизҳои дигар ба рӯи замин омаданд. Тартибу қудрати осмонӣ гум шуд. Нахустзодаи Одам нафрат, ҳасад ва одамкуширо ёд гирифт. Душман он қудратеро, ки Худо барои муҳофизат ва таъминкунӣ дод, аз одам гирифт ва бар зидди тамоми офариниш барои вайронкунӣ ва марг истифода бурд.

## Қудрати барқароршуда

Одам мавқеи қудраташро гум кард ва барои ҳамин фақат одам метавонист онро барқарор кунад. Баъд аз якчанд ҳазор сол Исо таваллуд шуд. Модараш як духтараз он халқе буд, ки Худо ҳамроҳаш аҳд баста буд. Ва падараш Рӯҳи Муқаддаси Худо буд. Вай қисман одам, қисман Худо набуд. Вай Имонуил - «Худо, ки дар одам худашро зоҳир кард» (Матто 1:23). Аз барои одам буданаш Ӯҳаққи қонунӣ дошт, ки чизҳои аздастдодагиро баргардонад. Аз барои Писари Худо буданаш, Ӯ аз ҳукмронии душман, ки болои тамоми одамизод дошт, озод буд.

Дар ҳамаи гуфтору рафтораш Вай хости Худоро ошкор кард. Гуноҳҳо бахшида шуданд, чунки дар ҳузураш гуноҳҳеҷқуввате надошт. Беморию касалӣпеши қувваю қудраташ сархам карданд(Луқо 5:20-24). Ҳатто худи табиат ба гапаш итоат мекард(Марқӯс 4:4). Исо дар қудрате, ки Одам аз даст дод, мегашт. Ба воситаи итоаткорӣ ва қурбонӣ Исо қудрати Одамро, ки аз ҷониби Худо дода шуда буд, барқарор кард ва дар натиҷаи он муносибати моро бо Худо барқарор намуд.

Пеш аз он ки Исо ба назди Падараш баргашт, Ӯ гуфт: «Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст: Пас, биравед ва ҳамаи ҳалқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳи Муқаддас таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам» (Матто 28:18-20).

Яқин аст, ки Исо он чизеро, ки Одам аз даст дод, барқарор кард ва

аз ин чиз зиёдтар ба даст овард. Шайтон ва Одам фақат аз болои замин қудрат доштанд, лекин Исо на фақат аз болои замин, балки аз болои осмон ҳам қудрат дошт. Исо аз ҷои қудрати шайтон боло рафт. Баъд аз он ки Исо мавқеъ ва қудрати худро ошкор сохт, Ӯ ба мо гуфт: «Пас, равед». Чаро Исо қудрати худробо даъватамон пайваст? Мо ҷавобро дар номаҳои вакил Павлус меёбем.

## Мавқеъҳои қудрат

Павлус дуо хонд, ки мо «бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст... ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки Ӯро аз мурдагон эҳё намуд ва ба ямини Худ дар афлок шинонд» (Эфс. 1:19-20) донем. Дар асл навишта шудаст, ки Ӯро дар ҷойҳои осмон шинонд; Павлус аниқ «ҷойҳо» мегӯяд. Сабабаш дар оятҳои оянда оварда шудааст: «Ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд» (Эфс. 2:2, 6). Ин ҷойҳо барои он аст, ки кӯдакони халостёфтаи Ӯ зиндагӣ кунанд.

Акнун савол ба миён меояд: Ин ҷойҳои зист дар куҷост ва чӣ мавқеъ доранд? Ҷавобаш дар Эфсӯсиён 1:21 навиштааст: «*Болотар* аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад» (*задаи махсус илова шуд)*.

Ҳоло ба одами наҷотёфта, ки дар Масеҳ пинҳон аст, дар олами рӯҳонӣ аз шайтон болотар мавқеъ дода шудааст. Исо далерона эълон кард: «Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо осеб нахоҳад расонд» (Луқо 10:19).

Акнун мо фармоишро мефаҳмем «Пас, равед». Исо дар бораи он қудрате, ки ба ихтиёри имондорон супорид, мефаҳмид. Аз барои он ҳаққу ҳуқуқе, ки мо дар натиҷаи азнавтаваллудшавӣ гирифтем, мо дар ҷойҳои осмон шинонда шудаем, ки аз қудрату қувваи душман хеле баландтар аст.

Чӣ тавре ки шайтон ба Одам дар боғи Адан кард, акнун ӯ мехоҳад ҷои моро дар олами рӯҳонӣ гирад ва он қудратеро боз ба даст биёрад, ки Исо аз вай кашида гирифт. Агар шайтон аз одамон мавқеи қудраташонро дуздад ё маҷбур кунад, ки онро аз даст диҳанд, вай боз барои амал кардан қудрат пайдо мекунад. Павлус равшан карда, мегӯяд: «Ба иблис *ҷой* надиҳед» (Эфс.4:27, *задаи махсус илова шуд)*. Мо, имондорон, набояд ҷои худро дар олами рӯҳонӣ аз даст диҳем.

## Мансаб дар Подшоҳии Худо

Мо бояд фаҳмем, ки подшоҳии Худо ин – *подшоҳӣаст.* Ва дар подшоҳӣ мансабу қудрат мавҷуд аст. Ва подшоҳии осмон ҳам ҳамин тавр аст, кичӣқадаре ки мансаб баландтар бошад, таъсир ва қудрат ҳамон қадар зиёдтар мешавад.

Дар боғи Адан шайтон ба фил ё ҳатто шер шикор намекард. Вай қудратро фаҳмида, аз паи одами Худо буд. Вай медонист, ки агар одамро ба дасти худ гирад, соҳиби ҳамаи чизҳои мешавад, ки дар дасту ихтиёри одам буд.

Бинобар ин, ҳангоме ки душман ба калисо ҳуҷум мекунад, аввал ба роҳбариат ҳуҷум мекунад. Ба наздикӣ пастори як калисои калон мехост аз занаш ҷудо шавад. Лекин барои ин дар Китоби Муқаддас сабаб набуд ва аз барои ин ҳаёти зану кӯдаконаш вайрон шуд. Вақте ки роҳбариат дар бораи сабаби ҷудошавӣ пурсиданд, вай ҷавоб дод, ки агар ба онҳо маъқул набошад, онҳо аз калисо рафта метавонанд.

Ин шахс бо ихтиёри худ, аҳкоми Худоро вайрон кард ва дар натиҷаи он дар тамоми калисои ӯ рӯҳи ҷудошавӣ ва фиреб озод шуд. Баъд аз ин дар он калисоҷудошавӣ байни оилаҳо зиёд шуд, ҳатто байни роҳбарият. Дигарон рӯҳафтода шуданд. Зарбхӯрда онҳо аз як калисо ба калисои дигар мегузаштанд ва намедонистанд, ки ба кӣ бовар кунанд. Вақте ки шайтон соҳиби хонароаз мавқеаш зарба зада, мегирад, ҳамаи он касоне, ки дар ғамхории ҳастанд, зери хатар мемонанд.

Ман дидам, ки падару модарон фаҳмида истода, аҳкоми Худоро вайрон карда, чудо мешуданд. Ва баъд аз якчанд вақт фарзандонашон мисоли онҳоро пайравӣ мекарданд. Шумо метавонед инро лаънат номед, лекин чаро ин рӯй медиҳад? Ба воситаи гуноҳашон падару модарон мавқеи қудраташонро дар олами рӯҳонӣ аз даст доданд ва фарзандони худро ба ҳамлаи душман кушода монданд.

## Додани асос ба душманони Худованд

Ин қоида дар ҳаёти Довуд тасвир карда шудааст (2 Под. 8-18). Зери роҳбарияти ӯ подшоҳӣқавӣ ва бехатар буд. Худо ӯро бо бисёр писарону духтарон баракат дод. Пас Довуд он чизеро гирифт, ки Худо ба вай надода буд; вай бо Батшобаъ зино кард. Ӯ ҳомиладор шуд. Ва бадаш он, ки шавҳараш аз хона дур дар ҷанг подшоҳии Довудро муҳофизат мекард.

Довуд шавҳарашУриёро аз ҷанг ҷег зада, умед дошт, ки вай бо занаш, Батшобаъ, ҳамбистар мешавад, гӯё ки занаш аз вай ҳомиладор шуда бошад. Аммо Уриё ба Довуд ва подшоҳиаш бовафо буда, то даме, ки аскарони шариконаш дар ҷанг буданд, аз наздикӣ бо занаш ҳаловат намебурд. Довуд фаҳмид, ки нақшааш барои пинҳон кардани гуноҳаш барор наёфт. Вай медонист, ки Уриё ба ҳар ҳол бад аз якчанд вақт ҳомиладорбудани занашро мефаҳмад. Дар охир ҳама мефаҳманд, ки падари ин кӯдак Довуд аст.

Барои ҳамин Довуд қарор дошт, ки Уриёро мекушад, ва пас ӯро ба майдони ҷанг фиристод ва ҳамроҳаш номаи маргаш буд. Уриёро байни ҷанги шадидтарин монданд. Баъд вақте ки душманон ӯро

иҳота карданд, ба шариконаш фармуданд, ки қафо раванд. Уриё зери дасти душман афтод. Як амали зинокории Довуд ба фиреб, дурӯғ ва одамкушӣ оварда расонд.

Зуд баъд аз ин пайғамбар Нотон ба назди Довуд омада, гуноҳашро фош кард. Довуд иқрор шуд: «Ман бар зидди Худованд гуноҳ кардам». Баъд Нотон ба Довуд гуфт: «Худованд низ аз гуноҳат гузарой кардааст; ту нахоҳӣ мурд» (2 Под. 12:13).

Довуд тавба кард ва гуноҳаш бахшида шуд. Худо ӯро аз гуноҳаш озод кард (Иш. 43:25-26). Лекин Нотон давом дода, Довудро огоҳ кард: «Ту бо ин кор сабаби куфр гуфтани душманони Худованд гардидаӣ»(2 Под. 12:14).

Довуд бахшида шуд, лекин зиндагию оилааш ба ҳамлаи душманони Худо кушода шуданд – на фақат душманони табиӣ, лекин душманони рӯҳонӣ ҳам. Оилааш ва халқи Исроил бисёр азоб кашиданд.

Нахустзодаи Довуд аз Батшобаъ мурд. Писари калонии Довуд, Амнӯн, ки ворисй тахти подшоҳӣ буд, ба номуси хоҳари худаш Томор таҷовуз кард.Абшолӯм, писари Довуд ва бародари Томор, интиқом гирифта, бародараш, Амнӯнро кушт.

Абшолӯм дили бисёр касонро аз халқи Исроил бар зидди Довуд ва подшоҳиаш равона кард. Вай маъшуқаҳои падарашро фосид кард ва халқи Исроилро фиристод, ки Довудро дастгир карда, кушанд. Нақшааш барор нагирифт ва Абшолӯм мурд.

Се писарони Довуд мурданд, чунки вай ба воситаи гуноҳаш оилаашро ба ҳамлаи душмани Худо кушода монд.

Ман хизматчиёнро дидам, ки фарзандонашон нашъаманд ҳастанд, зидди калисоанд ё асири шаҳват ва гомосексуалӣ буданд. Мо бояд огоҳии Китоби Муқаддасро ҷиддӣ қабул кунем: «Эй бародарони ман! Бисёре аз шумо муаллим нашавед, чун медонед, ки мо ба маҳкумияти бештаре дучор хоҳем шуд» (Яъқуб 3:1). Сабаби он, ки муаллимон (пасторҳо) сахттар доварӣ карда мешаванд дар он аст, ки таъсири беитоатиашон хеле калон аст. Онҳо на фақат ба худ зиён мерасонанд, лекин ба ҳамаи онҳое, ки зери парастории онҳо мебошанд. Худо онҳоро мебахшад, чӣ тавре, ки Довудро ҳам бахшид. Аммо онҳо ба ҳар ҳол он чизеро, ки коштанд, медараванд. Ба душман ҷой дода шуд!

Ман мефаҳмам, ки ин гапҳои сахт аст. Ман ба шумо бо тамоми хоксорӣ муроҷиат мекунам ва ин суханонро бо тарсу ваҳм менависам. Мо аз ҳад зиёд бадбахтиро дидем, маҳз байни хизматчиён. Мо набояд доварӣ ё айбдор кунем. Мо бояд одамонро бахшем ва ба он касоне, ки афтоданд, дасти кӯмак расонем. Агар онҳо тавба кунанд, Худо онҳоро мебахшад. Лекин ман ин суханонро ҳамчун роҳнамоӣ ва огоҳӣ барои он

касоне менависам, ки душман ба онҳо ҳуҷум мекунад. Ҳамаи мо бояд дар фурӯтанӣ ва барқароршавӣ гардем.

Ман чор писар дорам. Ман масъулияту ҷавобгариибеҳадкалонамро барои ҳаёти онҳо фаҳмидам. Онҳо аз они Худо ҳастанд ва ман фақат як шахсеҳастам, ки барои нигоҳубини онҳо гузошта шудаам. Ман намехоҳам, киаз барои он, ки ман ба шайтон ҷой додам,ҳаёти онҳо вайрон шавад.

Вақте ки ман дар хизмат будам, ман корҳои ғуломонаро мекардам барои он, ки одамон даъвати Худоро барои ҳаёташон ичро кунанд. Ман барои ҷомашӯиашон ғамхорӣмекардам, кӯдаконашонро аз мактаб мегирифтам, мошинҳои онҳоро мешустам ва ғайра. Рӯзе Худо ба ман гаперо гуфт, ки ба ман назари ҳушёркунандаро ба хизмат дод. Худо гуфт: «Писар, агар ту дар ин корат хато кунӣ, онро ислоҳ кардан осон мешавад, чунки ту бо корҳои ҷисмонӣ сару кор дорӣ. Лекин вақте ки Ман туро ба ҷои хизмат гузорам, ту болои одамон мешавӣ ва нархи хато ҳаёти ин одамон мешавад.»

## Аз даст додани қудрат

Мақсади ин боб фаҳмонда додани мавқею қудрати рӯҳонӣ аст. Мо якчанд мисолро дидем, ки одамон қудрати худро гум карданд ё онро ба душмани Худо супориданд. Шайтон кушоду равшан кӯшиш мекунад, то ки гуноҳро ба ҳаётат оварда, қудрататро аз ту дуздида гирад. Агар қарор карда бошед, ки аз тахти дил ба Худо хизмат мекунед, шайтон кӯшиш мекунад ба воситаи беҷуръатӣ моро аз мавқеъамон дар Масеҳзарба зада, гирад.

Якум қадам барои шикаст додани беҷуръатӣ ин рӯбарӯ шудан бо масъалаҳое, ки дар дили ту ҳастанд. Дар боби оянда ман мефаҳмонам чӣ тавр инро кардан лозим аст.

***Арзиши ошкоршавӣпаст мешавад, агар одам барои иҷрои он ҳикмат ва хислат надошта бошад***

# *Боби 3*

## ДУ КАНОР

Дар як лаҳза Рӯҳи Худо метавонад ба даруни ту фаҳмиши зиёд диҳад. Лекин арзишаш ночиз мешавад, агар барои иҷро он ҳикмат ва хислат надошта бошӣ.

Вақте ки Рӯҳи Муқаддас ба ман аз Навиштаҷот дар бораи беҷуръатӣ мефаҳмонд, Вай ба ман ду канорро нишон дод, ки ҳаёти имондоронро аз оромӣ бароварда метавонад: якум канор – ин ҷустуҷӯиқудрат, дуюм канор – ин фурӯтании бардурӯғ. Дар ҳаёти Тимотиюс мо мувозинати дурустро мебинем, ки ба ҷои фурӯтании бардурӯғ хислати худотарсиро ва ба ҷои қудрат ҷустан бахшоиши худро инкишоф медод.

## Дили пок

Бори аввал вакил Павлус Тимотиюсро дар шаҳри Листра вохӯрд, ки дар ӯ замон вай одами ҷавон буд, модараш яҳудии масеҳӣ ва падараш юнонӣ буд.

Павлус мехост, ки Тимотиюс ӯро ва Силоро дар сафарашон ҳамчун ёрдамчӣҳамроҳӣ кунад. Вай бояд барои мӯҳтоҷиҳои Павлус ғамхорӣ мекард (Аъмол 19:22).

Баъд аз якчанд вақт вафодории Тимотиюс ҳамчун хизматгор исбот шуд. Ӯробаланд бардоштанд ва аввал ҳамчун хизматчии хушхабар ва баъд пастори калисои Эфсӯс таъин карданд. Дар дуюм номаи худ ба Тимотиюс Павлус менависад:

> Зеро ки имони бериёи туро, ки пештар дар модаркалонат Лӯид ва модарат Авниқо сокин буд, ба хотир меоварам ва яқин дорам, ки он дар ту низ сокин аст. Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро авҷ гиронӣ.
>
> 2 Тимотиюс 1:5-6

Пайхас кунед, ки Павлус қайд мекунад, ки имони Тимотиюс самимӣ аст. Дили ин одами ҷавон пок буд. Вай фиребгар набуд. Дар дигар номааш Павлус мефармояд: «Ва дар Масеҳи Худованд умедворам, ки Тимотиюсро ба зудӣ назди шумо фиристонам... Зеро каси дигаре мисли ӯ надорам, ки дар бораи шумо аз самими қалбғамхорӣ мекарда бошад; чунки ҳама нафъи худро толибанд, на он чиро, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Вале шумо бовафоии ӯро медонед, чунки ӯ ба ман мисли писар ба падар, дар башорат хизмат кардааст» (Фил. 2:19-22).

Фаҳмо аст, ки хислату шахсияти Тимотиюс зери шубҳа набуд. Ҳамчун масеҳиён мо бояд аввал болои хислати худ кор кунем. Падарамон на ба қувват, балки хислат нигоҳ мекунад. Ин ҳақикати ғамовар, ки бисёр касон дар калисо қудрату тадҳини Рӯҳи Муқаддасро меҷӯянд, лекин ба хислати худотарсӣ аҳамият намедиҳанд. Дар якум Қӯринтиён 14:1 ба мо гуфта шудааст: «Аз паи муҳаббат бошед; иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ бошед». Лекин мо ин фармонро вайрон кардем. Мо бахшоишу тадҳинро меҷӯем ва самараи муҳаббатро дар ҳаёти худ фақат хоҳишдорем. Худо муҳаббат аст ва агар мо дар муҳаббат нагардем, мо ба табиати Вай расида наметавонем.

## Канори якум: ҷустани қудрат ба ҷои хислат

Баъзе масеҳиён тайёранд, ки бисёр сафар кунанд – садҳо километр – ки ба ҷамъомади муъҷизакор, пешгӯӣ ва тадҳиншуда раванд, лекин намехоҳанд ғазаб, нобахшиш ё бераҳмиашонро, ки дар дилашон аст, ҳал кунанд. Ин нишон медиҳад, ки онҳо ба қудрат, на ба хислат аҳамият медиҳанд.

Шояд изҳороти рӯҳонӣ дар ин ҷамъомадҳо аз ҷониби Худо бошад, лекин мо бояд бо одами дарунӣ сару кор дошта бошем. Аз барои он, ки намехоҳанд бо масъалаҳои дарунӣкор дошта бошанд, бисёр касон ба фиреб кушода шуданд. Ба он нигоҳ накарда, ки дар ин гуна замон калисо тару тоза мегардад, масъалаи гуноҳ бояд ҳал шавад. Ин хуб аст, ки одамон нисбати қуввати Худо ташна ҳастанд, лекин биёед дар бораи покии дил фаромӯш накунем.

Бо аз ҳад зиёд афтодани бисёр хизматчиён дидем. Аммо онҳо наафтоданд, вақте ки амали аввали гуноҳро карданд. Не, афтодани онҳо барвақтар сар шуд-рӯзи муваффақияти хизматашон аз муносибати наздик бо Худо барояшон муҳимтар шуд. Мо инро на фақат байни хизматчиён, балки дар калисоашон дидем.

Исо гуфт: «Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид» (Матто 5:8). Вай нагуфт: «Хушо касоне, ки хизмати комёб доранд». Ӯ гуфт, ки бе дили пок ту Худоро дида наметавонӣ! Албатта, фақат Исо метавонад ба

мо дили пок диҳад. Мо наметавонем кор карда, сазовори он шавем. Ин ҳам бебаҳо, ҳам муфт аст – бебаҳо, чунки Писари Худо барои ин мурд, ва муфт, чунки бепул ба ҳар касе, киӮро меҷӯяд, дода мешавад.

Ман пештар дуо мехондам: «Худо, маро истифода бар, то ки одамони гумшударо ба даст биёрам. Маро барои тӯдаҳои одамонро шифо додан ва озод кардан истифода бар». Ман боз ва боз ин тавр дуо мехондам ва Худоро фақат то ин дараҷа меҷустам. Мақсади олитарини манхизматчии комёб шудан буд.

Пас, рӯзе Исо ба ман нишон дод, ки назари ман ба тарафи нодуруст буд. Ӯ маро бо гуфтааш ба хайрат овард: «Ҷон, Яҳудои Исқарют девҳоро берун мекард, беморонро шифо медод ва хушхабарро мавъиза мекард. Вай корашро монд, то ки шогирди Ман шавад, лекин ҳоло вай куҷост?» Ин ба ман ҳамчун як тонна хишт зарба зад! Исо давом дод: «Мақсади даъвати олии масеҳият ин қувваи Худо ё хизмат нест, лекин донистани Ман аст.» (ниг. Фил.3:10-15).

Баъдтар вақте ки занам дуо мехонд, ки Худо ӯро низ дар ҳаминчизҳо истифода барад, Исо аз вай пурсид: «Лиза, оё ягон бор дӯстат туро истифода бурд?»

«Бале» ҷавоб дод.

«Чӣ хел худро ҳис кардӣ?»

Вай ҷавоб дод: «Ҳис кардам, ки маро фурӯхтанд!»

Исо боз гуфт: «Лиза, ман одамонро истифода намебарам. Ман тадҳин мекунам, шифо мебахшам, тағир медиҳам ва онҳоро ба шабоҳати худам табдил мегардонам, лекин онҳоро истифода намебарам.»

Чӣ тавр оилаеро тасвир мекардед, ки хоҳиши ягонаи зан ин барои шавҳараш кӯдак таваллуд кардан аст? Фақат дар он замон бо ҳамсараш наздик мешавад, ки ҳомиладор шавад; ва барои шахсан шинохтани шавҳараш шавқманд нест.

Медонам, ки ин бемаънӣ менамояд, лекин ин ба дуои мо монанд аст, ки мо мегӯем: «моро истифода бар, то ки одамонро наҷот диҳӣ», ва худамон аз муносибат кардан бо Ӯҳаловат намебарем. Вақте ки мо бо Худо наздик ҳастем, мо роҳи Худоро такрор мекунем: «Одамоне, ки Худои худро мешиносанд, қавӣ шуда, амал хоҳанд кард» (Дониёл 11:32).

Хоҳиши ягонаи Павлус донистани Худо буд (Фил. 3:8-10). Мусо гуфт: «Роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам» (Хуруҷ 33:13). Довуд фарёд мекард: «Як чизро аз Худованд пурсидаам, ва онро хоҳам талабид, ки тамоми айёми умри худ дар хонаи Худованд сокин бошам, шавкати Худовандро мушоҳида намоям ва дар қасри Ӯ назорат кунам» (Забур 26:4). Ва боз мегуфт: «Ҷонам ташнаи туст ва ҷисмам пазмони Ту» (Забур 62:1).

Он мардон ва заноназ Китоби Муқаддас, ки мехостанд Худоро аз ҳар чизи дигар бештар шиносанд, ба Худо бовафо монданд ва роҳеро, ки Худо барояшон тайёр кард, ба охир расонданд. Онҳо сирро дар бораи ростқалбӣ бо ҳамроҳии қувват фаҳмиданд. Аз таҳти дил Худороҷуста, ба дилаш таъсир мекарданд.

Баъзе одамон калоншавии рӯҳониашонро бо қобилияти пешгӯӣ кардан ё бахшоишҳо чен мекунанд. Аммо дар ёд дошта бош, ки бахшоишҳо дода мешаванд, онҳоро кор карда, ба даст намебиёрӣ. Ҳатто хар гап зад ва олами рӯҳониро ошкор кард. Хурӯс се бор бонг зада, Петрусро фош кард. Оё аз барои ҳаминин хайвонҳо рӯҳонӣ шуданд?

Исо гуфт, ки бисёр касон Ӯро Худованд мехонанд ва интизор мешаванд, ки ба Подшоҳиаш дароянд, лекин рад карда мешаванд. Онҳо мӯъҷизаҳо мекунанд, девҳоро берун мекунанд ва ба исми Исо пешгӯӣ мекунанд. Лекин Ӯ ба онҳо ҷавоб дода, мегӯяд: «Аз Ман дур шавед, эй бадкорон!» (Матто 7:23).

Тадҳини Худо маънои розигии Ӯро надорад. Баъд аз он, ки Худо Шоулро рад кард, вай пешгӯӣ карда буд (1 Под 19:23-24). Қаёфо пешгӯӣ кард, лекин мақсади ягонааш куштани Писари Худо буд (Юҳанно 11:49-51). Дили мо бояд монанди дили Худо бошад, то ки мо ба хости Ӯ итоат кунем. Бе ин мо фақат дар сояи тадҳинаш мегардем ва аз шариатпарастӣ ва шаҳват азоб мекашем. Билъом пешгӯӣ кард ва он иҷро шуд; лекин ҳамчун ҷодугар мурд, ӯро бо шамшер куштанд, вақте ки Исроил замини ваъдашударо забт кард.

Павлус хислати Тимотиюсро аз рӯи покдилӣ ва вафодориаш ба хизмат чен мекард. Мо низ бояд ин стандартро пеши худ гузорем ва ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат диҳем, ки моро дуруст баркашад. Вақте ки мо бо рӯҳи беҷуръатӣ мубориза мебарем, мо бояд шарти бениҳоят муҳимро қайд кунем. Бе ин дастгирӣ, он ростие, ки дар ин китоб аст, туро озод намекунад ва ба ҷои фоида, метавонанд бештар зарар биёрад. Чунки на худи калимаҳо дорои қудрат барои озод кардан ҳастанд, лекин он рӯҳ ва мазмуне, ки паси ин калимаҳо аст.

Барои инро фаҳмидан Петрус огоҳ мекунад: «Чунон ки бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато шудааст, ба шумо навиштааст, ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан меронад, ки дар онҳо кадом як чизи душворфаҳме ҳаст, ки онро нодонон ва ноустуворон мисли Навиштаҳои дигар ғалат таъбир менамоянд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад» (2 Петрус 3:15-16).

Муҳимтар аст, ки аз паи муносибати дуруст бо Худо бошем, нисбати он, ки формулаи қувваташро донем. Аз ин сабаб, сухани муқаддимавии Павлусро дар 2 Тимотиюс хон. Баъд аз қайд кардани покдилии Тимотиюс, Павлус менависад: «Ба ин сабаб ба ту ҳотиррасон мекунам, ки бахшоиши

Худоро авҷ гиронӣ» (2 Тим. 1:6). Ба ин сабаб маънояш «барои ҳамин». Ин тавр маслиҳати Павлус барои Тимотиюс оиди амалкунии бахшоишҳои Худо дар ҳаёташ бефоида мешуд, агар имонаш самимӣ намебуд. Ҳоло биёед давом медиҳем.

## Канори дуюм: фурӯтании бардурӯғ

> Зеро ки имони бериёи туро, ки пештар дар модаркалонат Лӯид ва модарат Авниқо сокин буд, ба хотир меоварам ва яқин дорам, ки он дар ту низ сокин аст. Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ.
>
> 2 Тимотиюс 1:5-6

«Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам». Павлус дар бораи якум номаи худ ба Тимотиюс мегуфт, ки дар он насиҳат мекард: «Ба бахшоишҳои Рӯҳ, ки дар туст, беэътиноӣ накун, ки он ба ту ба василаи нубувват бо гузоштани дастҳои пирон дода шудааст» (1 Тим. 4:14). Павлус барои Тимотиюс ду бор навишта махсус қайд мекунад, ки бахшоишҳои Худоро беэътиноӣ накунад, ва ин гапро дар аввали номааш менависад.

Барои он ки маънои беэътиноӣкарданро хубтар фаҳмем,биёед ба баъзе антонимҳо нигоҳ мекунем. Зидди беэътиноӣ:

> Анҷом додан, ба мақсад расидан, амал кардан, иштирок кардан, ғамхорӣ кардан, ба охир расондан, хотима кардан, ба назар гирифтан, тамом кардан.

Ҳамаи ин калимаҳои амалу қудрат ҳастанд. Бисёри калимаҳо ҳам феъл, ҳам исм доранд. Онҳо мусбат ва қатъӣ мебошанд. Барои боз ҳам дурусттар фаҳмидани Каломи Худо биёед маънои беэътиноӣ накарданро мехонем:

> Вайрон кардан, безор будан, напазируфтан, риоя накардан, кам кардан, ба эътибор нагирифтан, беқадр кардан, пайхас накардан, қадри чизеро надонистан, бад дидан, нафрат кардан.

Ҳамаи ин калимаҳои манфӣ ва норасогии амал, қарору қудратро нишон медиҳад. Ба чизе, ки ба мо бовар карда шудааст беэътиноӣ кардан кори ҷиддӣ ва муҳим. Вақте ки мо беэътиноӣ мекунем, мо зарар мебинем.

Дигар канори фақат ҷустани қудрат ин фурӯтании бардурӯғ аст. Одамоне, ки дар ин гуна ҳолат зиндагӣ мекунанд, мефаҳманд, ки ҷустани Худо муҳим аст, лекин дар ҳамон лаҳза меистанд. Онҳо ҳеҷ вақт ҷуръат

намекунанд, ки бахшоишҳои Худоро дар ҳаёти худ истифода баранд. Онҳо аз ҳар ҳолати муқобилат мегурезанд, зеро фикр мекунанд, ки ин норасогии муҳаббат ва хислати масеҳиро нишон медиҳад.

Ман ин одамонро «сулҳдӯстон» меномам. Дар назари аввал сулҳдӯстӣҷалбкунанда менамояд, лекин Исо ҳеҷ вақт нагуфтааст: «Хушо сулҳдӯстон, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд». Не Ӯ гуфт: «Хушо сулҳҷӯён, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд» (Матто 11:12). Ба паҳншавии подшоҳии Худо муқобилати шадид вуҷуд дорад.

Бисёр вақт мо фикр мекунем: *«Ман ба ин аҳамият намедиҳам ва он худаш нест мешавад».* Лекин мо бояд бедор шуда, фаҳмем агар мо ба ин чизҳо муқобилат накунем, онҳо тағир намеёбанд! Барои ҳамин Яҳудо дар номаи худ муқаддасонро насиҳат медиҳад:

> Эй маҳбубон! Азбаски ҷидду ҷаҳди комил дорам ба шумо дар бораи наҷоти муштараки мо бинависам, зарур донистам ба шумо насиҳате нависам, то шумо дар роҳи имоне ки як бор ба муқаддасон супурда шуд, ҷадал намоед.
>
> Яҳудо 3

Пайхас кун, ки гуфта шудааст «ҷадал намоед», на чизҳои беҳтаринро умедвор бошед. Ҷадал мубориза бурдан ё ба ҷанг даъват кардан маъно дорад. Масеҳият тарзи ҳаёти осон нест! Дар ҷустани Худо ҳам дар олами ҷисмонӣ ваҳам дар олами рӯҳонӣ зиддияту муқобилати доимӣ вуҷуд дорад!

Павлус Тимотиюсро бо ин гапаш қувват бахшид: «Ҳамчун сарбози неки Исои Масеҳ ба уқубатҳо тоб овар. Ҳеҷ сарбоз худро банд намекунад...» (2 Тим. 2:3-4). Мо дар ҷанг ҳастем. Мо бояд мисли сарбоз фикр кунем. Мо набояд пеши бадӣ ақиб равем, лекин бояд онро ба воситаи некӣ бо файзи Худо мағлуб кунем (Рум. 12:21).

Номаҳои Павлус барои Тимотиюс фармон барои ҳаракат кардан буд ва дар он вақт ӯ пастори калисои Эфсус буд. Тимотиюс бо душвориҳо дучор мешуд. Таълимоти бардурӯғ мебоист фош мешуд, ҷангу ҷанҷол бояд бас мешуд, ва пешвоён бояд бардошта мешуданд,то ки калисои боқуввату ба камол расида рушд ёбад. Ва инҳо якчанд вазифаҳои ӯ буданд.

Ман боварӣ дорам, ки барои муқобилат имкониятҳои зиёд буданд. Фикр дорам, ки одамон дар калисо, ки нокомил ё шарир буданд, ӯро айбдор ва тӯҳмат мекарданд. Ба ғайр аз ин, вай бояд аз дигар монеа ҳам гузарад – синну солаш. Вай ҷавон буд ва дар калисо бисёр касон аз ӯ калонсолтар буданд. Худи ин метавонист барои беҷуръатӣ дар кушояд. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Павлус Тимотиюсро

насиҳат медиҳад, ки қавӣ монад ва дар бораи бахшоишҳои Худо фаромӯш накунад. Павлус ҳамеша ба Тимотиюс хотиррасон мекард, ки дар қудрати Худо додагӣ истад. Эҳтимол, Тимотиюс дар як лаҳза ақиб гашт, барои ҳамин Павлус мегӯяд:

> Ҳаминро мавъиза намо ва таълим деҳ.
>
> 1 Тимотиюс 4:11

> Ана ҳаминро ба онҳо талқин намо, то ки беайб бошанд.
>
> 1 Тимотиюс 5:7

> Пас, эй фарзандам, бо файзе ки дар Исои Масеҳ аст, қавӣ бош.
>
> 2 Тимотиюс 2:1

Шояд Тимотиюс монанди бисёр одамони имрӯза буд, ки Худоро дӯст медоранд, лекин аз зиддият мегурезанд. Аз барои тарс пеши зиддият, ту барои беҷуръатӣ сайди осон мешавӣ.

Агар ин гуна тарс дошта бошӣ, пас ин китоб ба ту ҷуръат ва озодӣ мебахшад. Худо мехоҳад туро озод кунад, то ки ту ҳар кореро, ки аз ту хоҳиш кунад, иҷро кунӣ. Вақте ту тарсонда ва беҷуръат ҳастӣ, хурсандӣ нест мешавад. Ва бе хурсандӣ қувват нест. Дар он ҷое, ки тарс аст, дар он ҷо осоиштагӣ нест. Лекин вақте ки аз чизҳое, ки туро нигоҳ медоранд, озод мешавӣ, хурсандӣ ва оромии фаровон пайдо мешавад.

***Ин ба ман чӣ***
***тавр дахл дорад?***

## *Боби 4*

# БАХШОИШҲОИ ХУДО

То ин лаҳза мо фақат дар бораи беҷуръатӣ ва таъсири он ба роҳбарияти калисо гап задем. Аммо шояд бисёрии аз шумо, ки ин китобро мехонед, дар хизмати пурра нестед. Ва шумо савол доред: «Ин ба ман чӣ дахл дорад?»

Худо ба ҳар имондор дар олами рӯҳонӣ ҷой ё мавқеъ медиҳад. Дар ёд дошта бошед, ки Павлус фаҳмонда буд, ки Худо «моро бархезонд ва дар осмон дар Исои Масеҳ шинонд» (Эфс. 2:6). Фарзандони наҷотёфтаи Худо бояд дар ин ҷой сокин бошанд. Ин ҷой «болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад, ва ҳама чизро зери пойҳои Ӯ тобеъ намуд, ва Ӯро чун сари ҳама чиз ба Калисо дод, ки он бадани Ӯст» (Эфс. 1:21-23).

Калисо бадани Масеҳ аст. Монанди он ки бадани ҷисмониамон аз бисёр узвҳо иборат аст, ки аз як дигар дар вазифа ва қобилият фарқ мекунанд, ҳамин тавр узвҳои бадани Масеҳ ҳам дар даъвату бахшоиши гуногун амал мекунанд.

Павлус эълон кард, ки ҳамаи рӯҳҳои нопок зери пои Исо ҳастанд. Ин равшан нишон медиҳад, ки ягон дев набояд болои имондор қудратро истифода барад. Агар ту пои бадани Масеҳ бошӣ, девҳо ба ҳар ҳол зери ту ҳастанд. Исо гуфт: «Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд» (Луқо 10:19). Вале агар мо дар қудрате, ки Худо ба мо додааст, нагардем ва онро истифода набарем, каси дигар онро аз дасти мо кашида гирифта, бар зидди мо истифода мебарад! Душман мавқеи рӯҳонии моро гирифтан мехоҳад.

# Бахшоиш барои амал кардан

Биёд боз номаи Павлусро ба Тимотиюс меомӯзем:

> Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ.
>
> 2 Тимотиюс 1:6

Калимаи юнонии бахшоиш *«харизма»* аст. Дар луғат ин калима ҳамчун «қобиляти рӯҳонӣ» маънидод карда шудааст. Дар дигар луғат ин калима ҳамчун «тӯҳфаи файз, ки ба имондорон ба воситаи амали Рӯҳи Муқаддас дода шудааст» маънидод карда шудааст. Барои ҳамин калимаи харизма он истеъдоди рӯҳониро, ки Худо бо он имондоронро мусаллаҳ мегардонад, тасвир мекунад.

Дар олами рӯҳонӣ ҳеҷ чизро бе ин харизма ё қобилияти фавқултабии Худо ба даст оварда наметавонӣ. Бе он мо набояд мавъиза кунем, ё суруд хонем, ё пешгӯӣ кунем, роҳбарӣ намоем ва ҳатто набояд хизмат кунем. Бе ин файз ҳаёт ба вуҷуд намеояд. Дини мурда аз саъю кӯшиши одам пайдо мешавад, ки ба Худо бо роҳи худ ва бо қобилияти худ хизмат кардан мехоҳад. Вақте мо ба дигарон бе бахшоиши Худо хизмат мекунем, мо беҳуда заҳмат мекашем.

Пайхас кун, ки ин бахшоиш аллакай дар ҳаёти Тимотиюс буд. Вақте ки Худованд бахшоиши худро медиҳад, он омада намеравад, лекин дар даруни мо мемонад. «Зеро ки бахшоишҳо *(харизма)* ва даъвати Худо тағирнопазир аст» (Рум. 11:29). Ин бахшоиш ё қудрат асбоби зарурӣ аст, то ки ҳаряки мо даъвати Худоро барои ҳаётамон иҷро кунем. Истифодаи ин бахшоишҳо бояд бароямон табиӣ ва бороҳат бошад. Монанди он ки нақшаҳо ва вазифаи узвҳои табииамонтағйир намеёбанд ва омада намераванд, бо бахшоишҳои Худо низ ҳамин тавр.

Павлус ба имондорони румиён навиштааст: «Зеро ки хеле орзуманди дидани шумо мебошам, то ки як атои *(харизма)* рӯҳоние, барои устувор шуданатон, ба шумо тақдим намоям» (Рум. 1:11).Калисо бе ин бахшоишҳо барпо намегардад, ки асбоби рӯҳонӣ аст, ки ба фарзандони Худо қобилият барои иҷро кардани хости Худо медиҳад. Ин оятро бодиққат хон:

> Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун идоракунандаи неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед.
>
> 1 Петрус 4:10

Дар ин оят мо се чизро дида мебароем:

1. Ҳар кас бахшоиш қабул мекунад

2. Бахшоиш аз они мо нест, мо фақат идоракунандаи он ҳастем

3. Бахшоиш як қисми файзи гуногуни Худо мебошад

***1.Ҳар кас бахшоишро қабул мекунад***

Пайхас кун, ки дар он навиштааст «Ҳар яке аз рӯи бахшоише, ки ёфтаед, хизмат кунед». Петрус нагуфт, ки «Баъзе интихобшудагон бахшоиш ёфтаед». Не, агар ту аз боло таваллуд шуда бошӣ ва бо Рӯҳи Муқаддас пур бошӣ, ту аз ҷониби Худо бахшоиш гирифтаӣ, то ки дар бадани Ӯ амал кунӣ. Дар ин бадан узвҳои маъюб ё бефоида нест.

Дар Эфсӯсиён 4:7 Павлус мегӯяд: «Аммо ба ҳар яке мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст». Ва боз дар 1 Қӯринтиён 7:7 гуфта шудааст «Зеро мехоҳам, ки ҳамаи одамон мисли ман бошанд; аммо ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, як ин тавр, дигаре ба таври дигар». Агар мо инро надонем, мо дар хизмат ноӯҳдабаро ва номувофиқ мешавем. Ҳамин тавр даъвати мо иҷронаёфта мемонад. Монанди он, ки навзодон истифода бурдани узвҳои баданашонро ёд мегиранд, мо бояд ин бахшоишҳоро рушд диҳем ва истифода барем, ки тавонем дар бадани Ӯ хизмат кунем. Ягон узви бадани Ӯ беин қобилияти фавқултабиӣ амал намекунад.

***2. Бахшоиш аз они мо нест, мо фақат идоракунандаи он ҳ астем***

Аз барои он, ки ин бахшоиш аз они мо нест, мо набояд онро беэътиноӣ кунем ё барои нафъи шахсӣ истифода барем. Мо наметавонем онро чӣ тавре, ки хоҳем истифода барем. Он ба мо дода шудааст, то ки мо ба дигарон хизмат карда тавонем. Мо масъулият дорем, ки барои бахшоиш ғамхорӣ кунем.

Масалро дар бораи се хизматгор, ки оғояшон талантҳоро дод, ба ёд биёр. Оғо «ба якепанҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як талант дод» (Матто 25:15). Баъд ба сафараш баромад. Ду хизматгори аввал тангаҳои худро оқилона истифода бурда, онро афзун намуданд, лекин сеюмин онро гӯр кард.

Вақте ки оғояшон баргашт, ду хизматгори аввал ҳисобот доданд, ки бо талантҳои додашудагӣ чӣ кор карданд. Оғояшон ба ҳар яки онҳо гуфт: «Офарин, хизматгори неку вафодорам».

Баъд хизматгори сеюм омада, ҳисобот дод. Аз барои гӯр кардани таланташ тарсида, вай дар бораи оғояш ҳамчун беинсоф ва одаме, ки аз ҳад зиёд мунтазир аст, фикр кард. Беэътиноӣ, худпарастӣ ва

бепарвоии худро гӯё сафед кард. Дар асл вай ба хӯҷаинаш гуфт «Ана, чизи додагиатро гир!»

Вақте ки оғояш дид, ки хизматгораш дар бораи чизи додагӣ ғамхорӣ накард, ӯро хизматгори баду танбал номид. Як талантро аз вай гирифта, ба он хизматгоре дод, ки таланти худашро дучанд карда буд. Пас он хизматгореро, ки даромад наовард, пеш карданд (Матто 25:16-30).

Мо барои бахшоишҳое, ки ба мо дода шудаанд, ҳисобот медиҳем, ҳамчун ҳар идоракунанда барои идоракуниаш ҳисобот медиҳад. Дигар калимаи ҳаммаънои бахшоиш ин қобилият, ки ҳамчун «истеъдод, тавоноӣ, кордонӣ ё иқтидор» муайян мешавад. Бо дигар гап, маҳорат. Дар ин масал мо мисоли аниқу равшанро мебинем, ки парваришу инкишоф додани бахшоиш, қобилият ва маҳорате, ки Худо ба мо додааст, муҳим аст.

Ба Павлус хизмати таълимдиҳӣ ва вакилӣ дода шуда буд. Ӯ гуфт: «Ман бар тибқи бахшоиши файзи Худо, ки ба ҳасби амали қуввати Ӯ ба ман ато шудааст, хизматгузори он гардидаам» (Эфс. 3:7). Пайхас кунед, ки вай бовафоиро ба бахшоиш махсус қайд кард:

> Зеро, агар башорат диҳам, ин барои ман сабаби фахр нест, чунки ин барои ман як кори воҷибист: вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам!
>
> 1 Қӯринтиён 9:16-17

Павлус мегӯяд «Вой бар ҳоли ман». Ин калимабисёр сахт аст. Исо онро истифода бурда, одамону шаҳрҳои муайянро дар бораи доварии меомадагӣ огоҳ мекард. Ӯ гуфт: Вой бар ҳоли шаҳрҳои Кӯрозин ва Байт-сайдо (Матто 11:21-22). Ва ин шаҳрҳо имрӯз вуҷуд надоранд. Вай гуфт: вой бар ҳоли китобдонон ва фарисиён (Матто 23), ва вой бар ҳоли Яҳудо (Матто 26:24).

Яҳудо дар номааш ин калимаро истифода мебарад, то ки доварии одамони бадро дар калисо тасвир кунад. Дар китоби Ваҳӣ ин калима дар бораи сокинони замин гуфта шудааст, ки аз тарафи Худо доварӣ карда мешавад (Ваҳӣ 8:13). Павлус ибораи «вой бар ҳоли...»-ро истифода бурда, масъулияти бениҳоят калонро барои вафодор будан ба бахшоиши Худо қайд кард.

Агар масеҳӣ дар бахшоиш ва даъватӣ худ амал накунад, ӯ аз имон дур мешавад. Монанди он ки мушак маълул шуда, аз кор мемонад, агар онро истифода набаранд. Имондори бекор худро аз дигарон ҷудо месозад ва барои душман сайди осон мешавад.

Вақте ки ман ба ҳаёти он мардону занон, ки хизматгузорони бузурги

Худобуданд, нигоҳ мекардам, дидам, ки онҳое, ки афтоданд, иҷрои даъвати худро бас карданд ё ба он беэътиноӣ карданд. Эҳтимол, онҳо монанди пештара хизмат мекарданд, лекин ин фақат аз рӯи суръати табиие, ки дар солҳои гузаштаи хизмат пайдо шуд, рӯй медод. Онҳо бахшоиши Худоро барои фоидаи худ истифода бурданд, на барои он ки дигаронро муҳофизат кунанд ва ба онҳо хизмат кунанд.

Вақте ки шоҳ Довуд мебоист ба ҷанг равад, лекин нарафт, он замон гуноҳ кард.

> Ва баъд аз интиҳои сол, вақте ки подшоҳон берун мераванд, чунин воқеъ шуд, ки Довуд Юобро бо навкарони худ ва бо тамоми Исроил фиристод, ва онҳо банӣ-Аммӯнро зарба зада, Раббаро муҳосира карданд; вале Довуд дар Ерусалим монд.
>
> 2 Подшоҳон 11:1

Довуд шоҳ буд. Худо ӯро шоҳ гузошт, ки Исроилро чӯпонӣ ва муҳофизат кунад. Барои ӯ вақти ҷанг кардан буд, ва на дар хона дар Ерусалим монда, аз мукофоти ғалабаҳои гузашта ҳаловат барад. Ӯ ором шуда, болои натиҷаи меҳнати пештарааш савор шуда, мерафт. Дилтанг шуда, ӯ аз айвонаш мулки худро тамошо карда, Батшобаъро, ки оббозӣ мекард, дид. Қисми дигари ҳодисаро шумо медонед.

Гап дар он, ки мо ба ин ҷо барои истироҳат кардан наомадем. Ҳатто ҳаётамон аз они худамон нест, ҳаётамон харида шуд ва ба мо ҳамчун ба идоракунанда дода шудааст. Мо истиқоматкунандагони муваққатӣ ҳастем, на сокинони доимӣ. Бениҳоят бисёр одамон дар рӯи замин ин тавр зиндагӣ мекунанд, гӯё, ки ин ҷойи охири таъиншуда аст!

Исо гуфт: «Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам» (Юҳан. 4:34). Ин ҳам бояд парҳези мо бошад. Исо медонист, ки барои нигоҳ доштани қувваташ чӣ лозим аст. Қуввати мо аз хӯрок меояд, ҳам хӯроки ҷисмонӣ, ҳам рӯҳонӣ. Агар мо хости Ӯро иҷро карданро бас кунем ва таъмини Худоро барои манфиати худ истифода барем, мо монда ва беқувват мешавем, мисли он, ки мо хӯрдани хӯрокро бас кардем. Агар қувватамон кам шавад, бо ҷараёни ин дунё ҷорӣ шудан осонтар мешавад ва ба он зиддият кардан душвортар мешавад. Мо худпараст, худбин, худфикр ва бахудхизматкунанда мешавем.

Мо масъулияти калон дорем. Мо набояд чунин одамоне бошем, ки ба калисо рафта, лекин ягон чизро дар ҳаёти худ амалӣ намекунанд ва аз барои Каломи Худо фарбеҳ мешаванд. Худо моро дар Ҳизқиёл 34:20 огоҳ мекунад: «Бинобар ин Худованд Худо ба онҳо чунин мегӯяд: инак

Ман Худам дар миёни гӯсфанди фарбеҳ ва гӯсфанди хароб доварӣ хоҳам намуд».

Гӯсфандони фарбеҳ кистанд? Ин онҳое, ки чизҳои неки Худоро барои худ истифода бурда, дигаронро аз онҳо маҳрум месозанд. Нигоҳ кун, чӣ тавр Худо гӯсфанди фарбеҳро тасвир мекунад.

> Оё барои шумо кам аст, ки бар чарогоҳи худ чарида, бақияи чарогоҳи худро бо пойҳои худ поймол мекунед? Ва оби таҳнишиншударо нӯшида, бақияи онро бо пойҳои худ лой мекунед? Азбаски шумо бо паҳлӯ ва китфи худ тела медиҳед, ва бо шохҳотон ҳамаи камқувватонро мезанед, то даме ки онҳоро берун бароред, пас Ман гӯсфандони Худро наҷот хоҳам дод, ва онҳо дигар ба тороҷ дода нахоҳанд шуд; ва дар миёни гӯсфанд ва гӯсфанд доварӣ хоҳам намуд.
>
> Ҳизқиёл 34:18, 21-22

Бахшоишҳои Худо барои серии мо нестанд. Худо моро ба воситаи некиаш месанҷад. Мо бояд қобилияти Худо додагиро барои он истифода барем, ки ба онҳое хизмат кунем, ки заиф, ҷавон ва нотавон ҳастанд, то ки бадани Масеҳ ягона бошад.

Маро нодуруст нафаҳмед. Мо метавонем аз самараи заҳматамон ҳаловат барем. Худо ба мо ҳам истироҳат, ҳам тару тозагӣ мебахшад. Лекин вақте ки диққатамон фақат ба худамон нигаронида мешавад, мо фарбеҳ ва бепарво мешавем. Агар бахшоишҳо ва истеъдодҳо фақат барои ба худ хизмат кардан истифода бурда шаванд, онҳо ҳеҷ гоҳ намеафзоянд.

Ҳар қисми баданамон назди дигар узвҳо ҷавобгар аст. Агар пойҳоят аз кор кардан рад кунанд, тамоми баданат азоб мекашад. Агар шуш ё дилат хоҳад корашро бас кунад, дигар узвҳоят ҳалок мешаванд! Агар шайтон тавонад диққати моро ба худамон ҷалб кунад ба ҷои он, ки ба дигарон хизмат кунем, пас тамоми бадани Масеҳ зарар мебинад.

***3. Бахшоиш як қисми файзи гуногуни Худо мебошад***

Калимаи асосӣ - гуногун ё ҳархела. Петрус бахшоишҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мекунад. Якум гурӯҳи бахшоишҳои даҳонакӣ ё гапмезадагӣ; дуюм, бахшоиши хизмат. «Касе агар сухане ба забон ронад, бигзор ҳамчун суханони Худо ба забон ронад; касе агар хизмат кунад, бигзор мувофиқи қуввате ки Худо ба вай медиҳад, хизмат кунад» (1 Пет. 4:11)

Павлус боз ин гурӯҳҳоро ба ду тақсим мекунад. Ба ин порча аз нома ба Румиён нигоҳ кун:

> Зеро, чунон ки дар як бадан андоми бисёре дорем, лекин на ҳамаи андомҳо айни як корро ба ҷо меоваранд, ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем; ва ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст, атоҳои гуногун дорем: агар атои нубувват дошта бошӣ, ба андозаи имон нубувват кун; агар атои хизмат дошта бошӣ, бо хизматгузорӣ машғул шав; агар касе муаллим бошад, бо таълим машғул шавад; агар касе воиз бошад, бо мавъиза машғул шавад; ҳар кӣ бахшанда аст, бо саховат бахшиш диҳад; ҳар кӣ сардор аст, бо ҷидду ҷахд сардорӣ кунад; ҳар кӣ эҳсонкор аст, бо меҳрубонӣ некӣ кунад. (Рум. 12:4-8)

Дар гурӯҳи даҳонакӣ бахшоишҳои пешгӯикунӣ, таълимдиҳӣ, насиҳатдиҳӣ ва роҳбарикунӣ ҳастанд; дар гурӯҳи хизмат бахшоишҳои хизматкунӣ, садақадиҳӣ ва марҳамат.

Мехостам як чизро илова кунам. То он даме, ки дар ҷои будагиат бовафоии худро исбот накунӣ, ту набояд пешгӯӣ ё роҳбарӣкунӣ. Бисёр касон мехоҳанд роҳбарӣ ва мавъиза кунанд, лекин ҳаёти худро барои хизмат кардан набахшиданд. Бо вуҷуди он ки онҳо боистеъдод ҳастанд, ин ҳам барои онҳо ва ҳам барои одамоне, ки зери ғамхории онҳо ҳастанд, хизмати зараровар мешавад. Агар хислати онҳо ба воситаи хизматкунӣ рушд наёфта бошад, онҳо мавқеи роҳбарии худро барои ҳукмронии одамон истифода мебаранд.

Ман аз барои норасогии фаҳмиш ду канорро дидам. Якумаш ба одамоне дахл дорад, ки дар бораи худ аз будагӣ болотар фикр мекунанд. Онҳо хато фикр мекунанд, ки бахшоишҳои даҳонакӣ бахшоишҳоиягона ҳастанд ва ин нуктаи баландатрини хизмат аст ва бовар намекунанд, ки дигар роҳи хизмат кардан ба Худо вуҷуд дорад.

Ин нодуруст аст. «Лекин бадан на аз як узв, балки аз узвҳои бисёр иборат аст... Агар тамоми бадан чашм бошад, сомеа куҷост? Агар ҳамааш сомеа бошад, шомма куҷост?» (1 Қӯр. 12:14,17).Ҳамаи онҳо даҳон шудан мехоҳанд. Ҳар қисми бадан муҳим аст. Бе хизмати ёрирасон, хизмати даҳонакӣ маҳдуд аст. Одамон мехоҳанд, кина дар бахшоиши *доштагиашон*, балкидар бахшоиши *мехостагиашон* амал кунанд!

Дигар канор ин одамоне, ки фикр мекунанд ки хизмат фақат аз мавъизачиён ва миссионерон иборат аст. Аз барои ин гуна фикронӣ бадани Масеҳ маъюб мешавад ва дар сатҳи номувофиқ амал мекунад.

Павлус мефаҳмонад: «Баръакс, он узвҳои бадан, ки ба назар заифтар

менамоянд зарууртаранд, ва дар бораи узвҳое ки наҷобаташон дар бадан ба назари мо камтар аст, бештар ғамхорӣ мекунем» (1 Қӯр. 12:22-23). Ин аҳамияти узвҳои нонамоёнро боз ҳам болотар мекунад. Худо узвҳои нонамоёнро аз узвҳои намоён зарууртар офаридааст. Ту метавонӣ бе овоз зиндагӣ кунӣ, лекин бе чигар ё дил зиндагӣ карда наметавонӣ. Бе онҳо одам на роҳ гашта метавонад, на гап зада метавонад.

Дар китоби Аъмол муносибати имондорон нисбати бахшоишҳо дар калисои аввал нишон дода шудааст. Имондорони аввал мефаҳмиданд, ки хизмат на фақат аз мавъизакунӣ, шифодиҳӣ, озодкунӣ ва пешгӯӣ иборат аст. Дар Аъмол 6 қайд карда шудааст, ки баъзе бевазанон дар калисои Иерусалим хунукназарӣ карда шудаанд. Ба онҳо хӯрок ва кӯмак бо кори ҳаррӯза лозим буд.

Вақте ки ин масъала ба диққати пешвоён расид, онҳо ҷавоб доданд: «Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳи Муқаддас ва пурҳикматро аз миёни худ интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин хизмат таъин кунем» (Аъмол 6:3). Онҳо одамонеро ёфтанд, ки ба талабот ҷавобгӯй буданд, ва онҳоро ба назди вакилон оварданд. «Даст бар сарашон гузошта, дуо карданд. Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар Ерусалим бағоят меафзуд» (Аъмол 6:6-7).

Вақте ки вакилон ба онҳо даст ниҳоданд, чӣ рӯй дод? Бахшоиш барои хизмат кардан ба онҳо гузашт ва дар натиҷа каломи Худо паҳн шуд ва шумораи шогирдон зиёд шуд. Ин одамон дар бахшоише, ки ба онҳо дода шуд, амал карданд. Бисёр воқеаи аҷоиб. Дар натиҷа он, ки ин одамон ба бевазанон хизмат карданд, каломи Худо паҳн шуд ва шумораи шогирдон бисёр афзуд!

Ман боварӣ дорам, ки яке аз сабабҳои асосии он, ки калисоҳои мо калон намешаванд ва намеафзуянд дар он аст, ки на ҳамаи одамон (ҷамъомадҳо ва пешвоён) дар бахшоишҳои худ амал мекунанд. Дар китоби Аъмол ҳатто нишон дода шудааст, ки пешвое, ки дар бахшоишҳои худ амал мекунад, метавонад шумораи маҳдуди одамонро ба наҷот биёрад, лекин вақте ки тамоми калисо иштирок мекунад, натиҷаҳо хеле калонтар мешавад.

Зуд баъд аз рӯзи Пантикост, вақте ки Петрус мавъиза кард: «дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд» (Аъмол 2:41, *курсив* илова шуд; ниг. ояти 47). Вақте ки Петрус дар кӯчаҳои Иерусалим зери тадҳини шифобахшӣ мегашт «мардону занони бисёре ба Худованд имон оварда, торафт бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд» (Аъмол 5:14).

Лекин вақте ки имондорон ҳар рӯз ва дар ҳар хона таълим доданро сар карданд (Аъмол 5:42), пас калисо «афзуд» (Аъмол 6:1). Қадами оянда

барои имондорон дар хизмат кардан буд, ки аз хизмат ба бевазанон сар шуд. Баъд аз ин лаҳза, калисо «бағоят меафзуд» (Аъмол 6:7).

Имрӯз пасторҳо дар асл барои волонтёрҳо илтимос мекунанд. Афсӯс. Дар китоби Аъмол ту намехонӣ, ки пешвоён барои волонтёрҳо хоҳиш мекарданд. Онҳо ин қадар ҷиддӣ ба хизмат муносибат карданд, ки онҳо барои хизмат кардани дастархон одамони корозмударо мекофтанд. Ва баъд онҳоро таъин карданд. Чӣ қадар онҳо чизҳоеро, ки мо имрӯз хурд мешуморем, муҳим медонистанд.

## Масъулият барои бовафо будан

Чӣ рӯй медод, агар ҳама имондорон дар ҷойҳои худ амал мекарданд? Чӣ қадар чизҳои бузургро медидем. Бедоршавӣ на барои мавъизачиён, лекин барои тамоми бадани Масеҳ – вақте ки ҳар одам ҷои худро ишғол мекунад.

Дар ёд дошта бош, ки бахшоиш ин қобилияте, ки Худо ба мо медиҳад. Мо барои чизҳое, ки ба мо дода нашудааст, масъулият надорем. Пой барои чашм ҷавобгар нест. Ба ҳар ҳол, хости Худо фақат ба воситаи тавоноии Рӯҳи Муқаддас иҷро шуда метавонад. «На ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост» (2 Қӯр. 3:5).

Душман мехоҳад маҳз амалиёти муштараки ин бахшоишҳоро боз дорад. Агар дар ин кораш комёб шавад, метавонад ба калоншавии мо сахт халал расонад! Вай медонад, ки Худоро водор карда наметавонад, ки ин бахшоишҳоро надиҳад, барои ҳамин ба озодии мо барои истифодаи онҳо шикор мекунад. Беҷуръатӣ ин роҳи аввалин, ки ба воситаи он мехоҳад барои бахшоишҳо монеа созад.

## *Қисми II*

# ФОШКУНИИ БЕҶУРЪАТӢ

## ***Чаро бисёри мо бесамаранд?***

## *Боби 5*

# БАХШОИШҲОИ БЕАМАЛ

Мо муайян кардем, ки ҳар як имондор мавқеи қудрат дорад, ки бо бахшоишҳою маҳоратҳои Худо-додагӣ меоянд, ва ин мавқеъ дар Исои Масеҳ, ки болотар аз ҳар қудрати шайтон чойгир аст. Пас чаро ин қадар бисёр касони мо бесамаранд? Барои ба ин савол ҷавоб додан, биёед боз огоҳии Павлусро барои Тимотиюс мехонем:

> Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ (2 Тим. 1:6).

Калимаи юнонии «авҷ гирондан « - *аназопурео аст*, ки маънояш «аз нав оташро дар гирондан ё алангаи пурраро нигоҳ доштан»(луғати Вайн). Агар Павлус ин одами ҷавонро рӯҳбаланд карда бошад, ки бахшоишро (харизмаро), авҷ гиронад ва аз нав даргиронад, пас маъно дорад, ки он метавонад бекор монад! Бахшоиш худ ба худ амал намекунад. Монанди оташ онро бояд авҷ гиронӣ ва нигоҳ дорӣ!

Одамоне ҳастанд, ки дили пок ва ниятҳои дуруст доранд ва бовар мекунанд, ки агар Худо чизеро хоҳад, он худ ба худ рӯй медиҳад. Лекин ин нодуруст аст. Дар соли 1795 Эдмунд Бурке навишт: «Сабаби ягона барои он, ки бадӣ муваффақ шавад, он аст, ки одамони хуб ҳеҷ кор накунанд».

Тимотиюс дили пок дошт. Дар ёд дорӣ, чӣ тавр Павлус хислати ӯро таъриф кард? «Зеро каси дигаре мисли ӯ надорам, ки дар бораи шумо аз самими қалб ғамхорӣ мекарда бошад. Чунки ҳама нафъи худро толибанд, на он чиро, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Вале шумо бовафоии ӯро медонед»(Фил. 2:19-22). Аммо Павлус ӯро ду маротиба огоҳ кард, ки ба бахшоиши Худо беэътиноӣ накунад,то ки он бекор намонад.

Мо бояд ба ду савол ҷавоб диҳем: Аз барои чӣ бахшоиш беамал мешавад? Мо онро чӣ тавр авҷ мегиронем? Ба саволи дуюм ман дар боби дигар ҷавоб медиҳам, ва ҳоло биёед ба саволи аввал нигоҳ мекунем. Аз чӣ сабаб бахшоиши Худо бекор мешавад?

Ҷавобаш дар оятҳои поён оварда шудааст:

> Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ;зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (2 Тим. 1:6-7).

Калимаи юнонии тарс *«дейлиа»*аствамаънояш тарсончакӣ ва сустиродагӣ, ва дар Навиштаҷот ин калима ҳеҷ вақт бо маънои нағз истифода бурда намешавад (Луғати Вайн). Боз ба ояти 7 нигоҳ мекунем:

> ЗероХудобаморӯҳи беҷуръатӣ надод (2 Тим. 1:7).

Тарҷумонҳои Китоби Муқаддас фикр мекунанд, ки калимаи «беҷуръатӣ»аз дигар калимаҳобарои ин оят дурусттар мувофиқ меояд, ва ман бо онҳо розиам. Ва инро дар назар дошта, Павлус ба Тимотиюс мегӯяд, «Бахшоиши Худо аз барои беҷуръатӣ дар ту беамал аст». Мазмунашро дигар накарда, ман гуфта метавонам:

> Тимотиюс, бахшоиши Худо аз барои тарсонда шуданат дар ту беамал аст!

Имондорони тарсондашуда қудрати рӯҳонии худро бемубориза аз даст медиҳанд; дар натиҷа, бахшоиши онҳо – қобилияти Худо – хуфта ва бефаъол аст. Ба он нигоҳ накарда, ки ин тӯҳфа аст, он фаъол нест.

Вақте ки як пешвои калисо дар штати Мичиган ба ман гуфт, ки пешвоёни ҳамду сано фикр мекунанд, ки ман ба онҳо бисёр сахт ҳастам, ман тарсонда шудам. Дарҳол бахшоиши Худо бефаъол шуд ва ман монанди ҳаждаҳ ҷамъомади пештар зери тадҳин мавъиза накардам. Гӯё ки ҳаёти Худо нест шуд. Хиҷолат омад; ман ҷасурии худро гум кардам; ман намехостам бо одамон рӯ ба рӯ шавам. Чаро? Чунки ман тарсонда шудам ва барои ҳамин ман қудрати Худо додагиро аз даст додам.

## Маънидодкунии беҷуръатӣ

Ҳоло, биёед ба маънидодкунии *тарсонданва беҷуръатӣ* нигоҳ мекунем. Дар луғати Оксфорд тарсондан ин тавр маънидод карда шудааст:

1. тарсончак кардан.
2. бо тарс илҳом бахшидан.
3. тарсро талқин кардан, ҳаросонидан.

Дар *луғати Мерриам-Вебстер* (нашри даҳӯм) *тарсонданро* ин тавр маънидод мекунад:

> дилхунук кардан, маҷбур сохтан, ё фишор овардан (гӯё ки бо таҳдидкунӣ).

Дар *луғати Оксфорд беҷуръатӣ* ин тавр маънидод шудааст:

1. амали беҷуръат кардан ё тарсондан.
2. факт ё ҳолати тарсондашуда.
3. истифодаи таҳдидкунӣ ё зӯроварӣ бо мақсади маҷбуркунӣ ё нигоҳ доштан аз ягон амал

Мақсади тарсондан дар он аст, ки туро аз ягон амал боз дорад ва туро барои тобеъшавӣ водор ё маҷбур созад. Беҷуръатӣ кӯшиш мекунад, китуро бо ҳиссиёти пастсифат ва тарс пур кунад. Агар ту як бор ба тобеъшавӣ таслим шавӣ, онро дониста ё надониста, ту ғуломи ҳаросонгар мешавӣ. Ва ту дигар озодона хости Худоро иҷро накунӣ, лекин ба хоҳишҳои забткунандаи тарсондакунандаи худ мешавӣ.

Дар натиҷа, бахшоиши Худо ва қобилияти рӯҳонии Ӯ, ки дар туст, беамал мешавад. Акнун қудратат аз ту кашида гирифта шуд, ки он ҳам бар зидди ту, ҳам бар зидди онҳое, ки зери таъсири ту ҳастанд, истифода бурда шавад.

Сарчашмаи беҷуръатӣ тарс аст, ки решааш дар душмани мо, шайтон аст. Вай сардори ҳар тарс ва беҷуръатӣ аст (Ҳастӣ 3:1-10, махсус ояти 10). Вай ба мо ба воситаи фикрҳо, тасаввурот ва хаёлот ҳуҷум мекунад, ё шароитҳо ва одамонеро, ки зери таъсири мо ҳастанд, истифода мебарад. Бо як роҳ ё дигар, вай як мақсад дорад: моро назорат ва маҳдуд кунад.

## Илёс тарсонда шуд?

Пайғамбари Илёс дар қуввати калон амал мекард. Вай далерона назди шоҳи шарир, ки тамоман худотарсӣ надошт, истода эълон кард: «Дар ин солҳо (се сол) шабнам ва борон нахоҳад борид, магар ки бар тибқи каломи ман» (3Подш. 17:1). Вай аз ин шоҳи гунаҳкор наметарсид.

Панҷ соли оянда вай дар шароити мӯъҷизакор зиндагӣ кард. Аввал зоғҳо ӯро мехӯронданд; баъд бевазан ӯро дастгирӣ мекард, ки хӯрокаш ва равғанаш ба муддати гуруснагӣ кофӣ набуд ва дар гирду атроф гуруснагӣ буд. Ногаҳон писари ин бевазан мурд ва Худо дуои Илёсро шуниду писарашро аз мурдагон зинда кард. Ин одам хизмати пурқувват дошт.

Баъд аз вақти бисёр вай боз назди шоҳ истод. Шоҳ Илёсро бароидушвориҳо ва азобҳо, барои хушкӣ айбдор карду ӯро бо ин гап пешвоз гирифт: «Оё ту ҳастӣ, ки Исроилро ба изтироб андохтаӣ?»(3Подш. 18:17).

Илёс ҷасурона ҷавоб дод: «Исроилро ман ба изтироб наадохтаам, балки ту ва хонадони падарат, чунки шумо аҳкоми Худовандро тарк кардед, ва ту Баалҳоро пайравӣ намудӣ»(3 Подш. 18:18). Пас ба шоҳ фармуд, ки 850 пайғамбарони Баал ва Ашераро ҷамъ карда, ба кӯҳи Кармил барад – ҳамроҳи тамоми халқи Исроил.

Дар рӯзи муқобилат тамоми Исроил ҷамъ шуд, то бинанд, ки Худои ҳақиқӣ кист! Илёс далерона пайғамбарони Баал ва Ашераро ба мубориза даъват кард, то ки онҳо ба худоёни худ қурбонӣ биёранд ва Илёс ба Худованд қурбонӣ меоварад. Илёс эълон кард: «Он Худое, ки бо оташ ҷавоб гардонад, Ӯ Худо бошад»(3Подш. 18:24).

Худованд Худо бо оташ ҷавоб дод ва халқи Исроил ба рӯи худ афтода, ба назди Худо баргаштанд. Баъд, бо фармони Илёс онҳо ҳамаи 850 пайғамбарони бардурӯғро куштанд.

Дертар, Илёс эълон кард, ки борон меборад ва боғайрат дуо хонду боронро талаб кард, бо вуҷуди он, ки ягон нишонаи борон набуд. Дар якчанд дақиқа осмон хира шуд ва борони сахт омад. Вақте ки Аҳъоб ба қасраш мегурехт, дасти Худо ба Илёс нозил шуд ва ӯ аробаи Аҳъобро пеш кард.

Ин фақат як рӯз аз ҳаёти Илёс буд. Тамоми халқ ба Худо баргашт; одамони гунаҳкор кушта шуданд; хушкии дуру дароз ба охир расид. Илёс метавонист равшан овози Худоро шунавад, аз рӯи он амал мекард ва мӯъҷизаҳои бузург мекард.

## Муқобилат аз тарафи зани шоҳ

Лекин ҳамон рӯз зани Аҳъоб, Изобал, шунид, ки ба пайғамбаронаш чӣ кор карданд, ва барои Илёс як мактуб фиристод: «Худоён ба ман чунин ва зиёда из ин бикунанд, агар фардо дар ҳамин вақт ҷони туро мисли ҷони яке аз онҳо насозам»(3 Подш. 19:2). Вай ба Илёс аз барои пайғамбаронаш, ки чизҳои мехостагиашро мавъиза мекарданд, хашмгин буд. Акнун ба ҷавоби Илёс нигоҳ кун:

> Ва ӯ ин хатро дида, бархост ва барои ҳифзи ҷони худ равона шуда, ба Беэр-Нобаъ, ки дар Яҳудост, омад, ва навкари худро дар он ҷо гузошт. Ва худаш дар биёбон роҳи якрӯзаро тай намуд, ва омада, зери дарахти ратам нишаст, ва ба ҷони худ маргро хоста, гуфт: «Бас аст! Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ беҳтар нестам.»(3 Подш. 19:3-4).

Ҳамон рӯз вай ин қадар ғалабаи бузург ба даст овард, лекин ҳамон рӯз ҳам барои халос додани ҳаёташ гурехт. Аз тарафи Изобал ин қадар сахт тарсонда ва дилхунук карда шуд, ки мехост мурад. Мақсади тарсондан дар он буд, ки Илёсро аз иҷрои мақсади Худо боз дорад. Изобал мехост таъсири худро болои халқ ба дасти худ баргардонад. Вай мехост, ки Илёсро нобуд карда, ӯро аз роҳ берун кунад. Ҳатто агар вай ӯро кушта наметавониста бошад ҳам, вай ба мақсади ягонааш ба воситаи тарсондани Илёс расид, ки вай ба биёбон гурехт ва мехост мурад. Ӯ нафаҳмида аз рӯи нақшаи Изобал амал мекард. Агар вай равшантар дида метавонист, ҳеҷ вақт намегурехт.

## Нишонаҳои беҷуръатӣ

Рӯҳи тарсондакунӣ нофаҳмӣ, ноумедӣ ва парешонхотириро озод мекунад. Мақсадаш он, ки ту назари дурустро гум кунӣ. Ҳама чиз дилтангкунанда, душвор ё ҳатто имконнопазир менамояд. Чӣ қадаре ки беҷуръатӣ сахттар бошад, дилхунукӣ ва ноумедӣ зиёдтар мешавад. Агар беҷуръатиро фавран ҳал накунӣ, он туро водор мекунад, ки ту чизҳоеро кунӣ, ки намекардӣ, агар зери таъсири беҷуръатӣ намебудӣ. Мақсади беҷуръатӣ маҳз ҳамин аст.

Шояд Илёс худро ин тавр ҳис мекард монанди он, ки ман дар лаҳзаҳое, ки рӯҳи беҷуръатӣ ба ман ҳуҷум мекард, ҳис кардам. Пеш аз он ки ман фаҳмидам чӣ тавр беҷуръатӣ амал мекунад, ман дар утоқи худ дар меҳмонхона нишаста, бо ноумедӣ ва рӯҳафтодагӣ мубориза мебурдам. Ман фикр мекардам: Ҳамаи ин чӣ фоида дорад? Ту дар бораи худат чӣ фикр дорӣ? Ҳатто баъд аз ҷамъомади аҷоиб саҳарии дигар ин гуна фикрҳо ба сарам меомаданд.

Як лаҳзаи муайянро дар ёд дорам, ки ман тамоми рӯз ягон чиз карда наметавонистам. Ман натавонистам ин вазниниро аз худ партоям. Ман дуо мехондам ва гӯё Худо дар ягон ҷо набуд. Монанди Илёс, фақат дар бораи худам, худам, худам фикр мекардам. Ман худро бесамар ҳис мекардам; хизматамро бенатиҷа медидам. Барои ҳамин Илёс гуфт: «Бас аст! Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ беҳтар нестам.» (3 Подш. 19:4).

Дар охири ҳамон рӯзи бисёр хиҷилкунанда Худо ба ман нишон дод, ки чӣ тавр Илёс аз тарафи Изобал тарсонда шуд. Дар охир фаҳмидам, ки ман айнан аз рӯи хости ҳамин рӯҳи беҷурӯатӣ ва тарс рафтор мекардам. Ин рӯҳ мехост, ки ман аз он коре, ки Худо маро барои иҷроаш фиристод, ақиб гардам. Дар ҳамон калисо одамоне буданд, ки мавъизаам дар бораи тавбакунӣ ва муқаддасӣ барояшон маъқул набуд.

Ман дарҳол решаи он нишонаҳоеро мекофтам, ки бо он тамоми рӯз мубориза доштам, яъне рӯҳи беҷуръатӣ. Ман далерона халос шудам ва худро аз нофаҳмӣ ва парешонхотирӣ озод ҳис кардам. Ҳамон бегоҳ ҷамъомади пурқувват доштем! Дертар ман мефаҳмонам, чӣ тавр ба рӯҳи беҷуръатӣ боядмуқобилат кунед. Лекин ҳоло биёед боз ба ҳаёти Илёс нигоҳ мекунем,то ки фаҳмем, ки ин рӯҳро чӣ хел шиносем.

## Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Вақте ки Илёс ба беҷуръаткунии Изобал рӯ ба рӯ зиддият накард, қудраташро зарба зада, гирифтанд. Дар натиҷа бахшоиши хизматаш пахш шуд ва ӯ ба он тарафе рафт, ки хости Худо набуд. Ман боварии комил дорам, ки ӯ тамоман дигар хел одам буд, вақте ки аз муқобилате, ки пештар ба он дохил шуд, акнун аз он мегурехт. Вай ба дигар тараф ҳаракат мекард, хизматгори худро монда, чил шабу рӯз ба сӯи кӯҳи Ҳореб давид. Вақте ки ба он ҷой расид, чизи аввале, ки Худо ба вай гуфт: «Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?»(3 Подш. 19:9).

Тасаввур карда метавонӣ? Вай ин қадар ноумед шуд, аз давидан давоми чил рӯз монда шуд ва ҳолати ғамгин дошт, ки мехост мурад. Ва Худо аз вай пурсид: «Чаро ту дар ин ҷо ҳастӣ?»Оё Худо мегуфт: «Чаро ту аз ҷоят гурехта дар ин ҷо пинҳон шудӣ?»

Шояд ту фикр мекунӣ: Охир, Худо фариштаашро фиристод, ки ба Илёс ду кулча биёрад, то тавонад дар давоми чил шабу рӯз давад. Пас чаро Худо мепурсид: «Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?»

Худо медонист, ки Илёс қарор дошт, ки гурезад. Вақте ки одам дар дилаш мехоҳад кореро кунад, Худо бисёр вақт мегузорад, ки ин корро кунад, ҳатто агар ин хости комили Ӯ набошад.

Худо бо Билъом ҳам ҳамин хел кард, вақте ки Болоқ, шоҳи Мӯоб, хоҳиш кард, ки вай омада, Исроилро лаънат хонад, Худованд ба Билъом гуфт, ки наравад. Лекин Билъом баргашта, аз Худо дуюм маротиба пурсид, ва ин тавр менамуд, ки Худо фикрашро дигар кард. Вай ба Билъом гуфт, ки равад.

Саҳари рӯзи дигар Билъом харашро зин карду рафт, ва дар Китоби Муқаддас навиштааст: «Ва хашми Худо барои рафтани ӯ аланга зад»(Ададҳо 22:22). Фариштаи Худо омад, ки ӯро кушад.

Чаро Худо аввал гуфт, ки вай равад, лекин пасонтар аз барои рафтанаш хашмгин шуд? Худо ба Билъом барои рафтанаш иҷозат дод, чунки дилашро медонист. Медонист, ки Билъом нисбат ба гапдарой ба Худо шарафу пулро, ки Болоқ ба ӯ пешниҳод мекард, бештар мехост. Вақте ки одам мехоҳад кореро кунад, Худо ӯро боз намедорад, ҳатто агар ин хости комили Худо набошад.

Бо Илёс ин тавр рӯй дод. Худо мехост, ки вай қафо рафта, ба Изобал зиддият кунад, монанди он ки ба пайғамбарони Баал муқобилат кард.

Агар ӯ ин тавр рафтор мекард, пас кореро, ки дар кӯҳи Кармил сар карда буд, ба охир мерасонд. Лекин Илёс нахост бо вай рӯ бу рӯ шавад. Мехост аз зери фишори будагӣ бароядд. Барои ҳамин Худо фариштаро фиристод, то хӯроке, ки барои сафараш лозим буд, диҳад. Худо сабр карда, аввал бечуръатии Илёсро, вақте ки ӯ ба кӯҳи Ҳӯриб расид, ҳал кард.

## Паси ҳамаи ин кӣ меистад

То даме, ки Илёс ба Изобал зиддият накард, кори Худо, ки ба воситаи Илёс сар шуда буд, наметавонист ба охир расад. Изобал худи решаи мушкилии Исроил буд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Ҳанӯз касе мисли Аҳъоб набуд, ки ӯ худро фурӯхт, то он чиро, ки дар назари Худованд бад аст, ба амал оварад, ки ба ин амал ӯро занаш Изобал барангехт»(3 Подш. 21:25). Агар Илёс намегурехт, Худованд бо вай мемонд, монанди он ки ҳамроҳаш дар кӯҳи Кармил буд. Лекин Изобал ӯро тарсонд ва зарба зада, қудраташро аз ӯ гирифт. Бахшоиш барои ба охир расондани кор беамал шуд.

Акнун нигоҳ кун Худо ба Илёс чӣ гуфт баъд аз он, ки ду бор пурсид, ки вай дар он ҷо чӣ кор мекард.

> Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Рафта, бо роҳи худ ба биёбони Димишқ баргард, ва омада, Ҳазоилро ба подшоҳӣ бар Арам тадҳин намо; ва Еҳу ибни Нимширо ба подҳошӣ бар Исроил тадҳин намо, ва Элишоъ ибни Шофотро, ки аз Обил-Маҳӯло мебошад, ба набигӣ ба ҷои худат тадҳин намо. Ва ҳар кӣ аз шамшери Ҳазоил раҳо шавад, варо Еҳу хошад кушт; ва ҳар кӣ аз шамшери Еҳу раҳо шавад, варо Элишоъ хоҳад кушт» (3 Подш. 19:15-17).

Пайхас кун, ки Худо ба Илёс гуфт, то Элишоъро ба ҷои худаш ба пайғамбарӣ тадҳин кунад, ва Еҳуробарои подшоҳии Исроил тадҳин кунад. Худо ду одами дигар дошт, ки аз пеши Изобал намегурехтанд. Онҳо вазифаи худро ба анҷом расонданд.

Баъд аз он, ки Илёс аз барои тарсондакунии Изобал гурехт, кори саркардагиаш боз дошта шуд. Дар ёд дошта бош, ки Изобал ташаббускори гуноҳҳое буд, ки дар Исроил пайдо шуданд. Агар ба таъсири нодурусти пешво муқобилат накунанд ва онро боз надоранд, баъд аз вақти муайян ин гуноҳ ба дигар одамоне, ки зери роҳбарияти вай ҳастанд, мегузарад.

Исо ин қоидаро фаҳмонд: «Ҳеҷ кас наметавонад ба хонаи шахси зӯроваре даромада, чизҳои вайро ғорат кунад, бе он ки аввал он зӯроварро бибандад, - ва пас аз он хонаи вайро ғорат мекунад»(Марқ. 3:27). Шахси зӯровар ин пешво аст; хона ин соҳа ё замини таъсир; ва чизҳои вай ин

самара ё натиҷаи таъсираш. Акнун ин тафсирро истифода бурда, биёед боз сухани Исоро мехонем:

> Ҳеҷ кас наметавонад ба замини пешво даромада, натиҷаи таъсирашро ғорат кунад, бе он ки аввал он пешворо боз надорад, - ва пас заминашро ғорат мекунад (Марқ. 3:27, ифодаи тағиршудаи муаллиф).

Шояд ту мегӯӣ: Лекин Аҳъоб пешво буд ва Илёс аз вай наметарсид. Ҳа ва не. Аҳъоб унвони роҳбари халқро дошт, лекин қудраташро ба занаш супорида буд. Барои ҳамин, дар олами рӯҳонӣ занаш «шахси зӯровар»паси будпарастии Исроил буд. Вай сабабгори парастиши бути Баал буд. Таъсираш тамоми халқи Исроилро водор сохт, ки аз парастиши Худои ҳақиқӣ дур шавад, ба ғайр аз ҳафт ҳазор одамони бовафои Худо. Аз барои он, ки ба вай рост муқобилат накарда шуд, таъсираш монд.

Ман боз ва боз инро медидам. Одамоне ҳастанд, ки унвони пастор ё пешво доранд, лекин аз тарафи дигарон ба воситаи фиребгарӣ ва беҷуръатӣ назорат карда мешаванд – одатан аз тарафи одамоне, ки бояд онҳоро дастгирӣ кунанд, монанди ҳамсар, ёрдамчӣ, аъзоёни шӯрои калисо, дякон, шафоатгар ва ғайра. Онҳо ба воситаи назораткунии одамоне, ки унвони пешво доранд, паси саҳна намоишро роҳбарӣ мекунанд.

Ин дар оилаҳо ҳам рӯй медиҳад. Падару модарон бо кӯдакони худ тарсонда шудаанд; шавҳарон аз тарафи ҳамсарошон ҳаросонида мешаванд. Онҳо дигар сардори хонаи худ нестанд. Барои пешво муҳим аст, ки маслиҳати дигаронро, ки дар гирду атроф ҳастанд, хоҳ дар оила бошад, хоҳ дар хизмат, ба шумор гирад. Лекин аз ин ҳам муҳимтар аст, ки вай дар қудраташ монад, то тавонад ба оила ё хизмати худ хизмат кунад ва онҳоро муҳофизат карда, дар айни ҳол бахшоишеро, ки Худо ба вай дод, истифода барад.

Агар хонданро давом диҳед, шумо мебинед чӣ баъд аз он, ки Илёс барои халос кардани ҳаёташ гурехт, рӯй дод. Шумо мебинед, ки корҳое, ки Илёс сар кард, пажмурда шуданд. Аҳъоб боз халқро бо корҳои шарираш фишор меовард. Таъсири Изобал болои шавҳараш – ва подшоҳӣ – зиёдтар мешуд. Парастиши бути Баал аз нав барпо шуд, ба он нигоҳ накарда, ки Илёс ба пайғамбарони Баал муқобилат кард ва тамоми халқ шоҳиди қуввати Худо шуданд. Вақте ки Илёс аз Изобал гурехт, вай ҷуръати халқи Исроилро бо худ бурд. Аҳъоб мурд, лекин ду писараш, ки баъд аз вай шоҳигарӣ карданд, халқи Исроилро боз аз Худо дуртар ва ба бутпарастӣ чуқуртар burданд (3 Подш. 22:51- 4 Подш. 9).

## Ду марде, ки қудрати худро аз даст надоданд

Илёс аз сарчашмаи ҳамаи ин фиску фасод гурехт. Барои ҳамин Худованд ба вай фармуд, ки ду мардро тадҳин кунанд, то бо ин зани шарир дучор шаванд. Дар охир маҳз Еҳу Изобалро кушт (4 Подш. 9:30-37). Вақте ки Изобал кӯшиш кард, ки ӯро назорат кунад, вай нахост зери беҷуръатиаш тобеъ шавад. Вақте ки ба Изобал муқобилат карданд ва ӯро нобуд сохтанд, соҳаи таъсираш ҳам вайрон шуд (4 Подш. 10).

Пас Еҳу ҳамроҳи одамонаш ҳамаи ҳафтод писарони Аҳъобро кушт. Вай ҳамаи парастандагони Баалро даъват карда, сарашонро аз танашон ҷудо кард. Вай ба маъбади Баал даромада, чизҳои рӯҳониашро сӯзонд. Одамонаш сутуни Баалровайрон карда, маъбадро нобуд сохтанд ва онро ҷои ахлот карданд. Акнун бинед, дар Китоби Муқаддас дар бораи Еҳу чӣ гуфта шудааст:

> Ва Еҳу Баалро аз Исроил нест кард (4 Подш. 10:28).

Худо ба Илёс фаҳмо гуфт: «Ва ҳар кӣ аз шамшери Еҳу раҳо шавад, варо Элишоъ хоҳад кушт»(3 Подш. 19:17). Акнун ду каси онҳо лозим шуданд, ки кореро, ки дар асл Илёс мебоист ичро мекард, ба охир расонанд. Вақте ки Худо ба Илёс гуфт, ки Элишоъро «ба пайғамбарӣ ба ҷои худаш»тадҳин кунад, аз барои он буд, ки Илёс мавқеи қудрати худро аз барои беҷуръатӣ аз даст дод. Вале Еҳу ва Элишоъ қудрати Худододагиро ба хонадони Аҳъоб насупориданд; барои ҳамин, бахшоиши Худо беамал набуд ва мардум аз парастиши бути Баал халосӣ ёфт.

Вақте ки мо ҳаросонида мешавем, мо мавқеи қудратамонро таслим мекунем. Дар натиҷа бахшоиши Худо, ки барои хизмат ва муҳофизат кардан дода шуда аст, бефаъол мешавад. Ва дар охир мо беихтиёрона мақсадҳои тарсондакунандаи худро пеш мебарем.

Дар Аҳди Қадим бисёр ходисаҳо ҳастанд, ки халқи Худо тарсида, ақиб гаштан, ҳангоме ки мебоист зӯр зада ба пеш мерафтанд. Чӣ тавре ки Павлус менависад: «Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои тарбияти мо навишта шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст.» (1 Қӯр. 10:11). Ва боз ба Румиён навишт: «Зеро ҳар он чи пештар навишта шудааст, барои омӯхтани мо навишта шудааст» (Рум. 15:4). Дар ин китоб ман бисёр ходисаҳоро аз Аҳди Қадим ва Аҳди Нав нақл мекунам, чунки бе мисолҳои Аҳди Қадим мо наметавонем пурра тарзи истифодаи Аҳди Навро фаҳмем. Дар боби оянда, мо мебинем чӣ тавр беҷуръатӣ ба корҳои Худо халал мерасонад, на фақат дар ҳаёти пешвоён, лекин инчунин дар ҳаёти одамоне , ки ба онҳо хизмат мекунанд.

***Одами тарсондашуда***
***чизи метарсидагиро аз Худо***
***дида зиёдтар мепарастад***

# *Боби 6*

## АЗ БЕҶУРЪАТӢ ФАЛАҶШУДА

Беҷуръатӣ моро дар олами рӯҳонӣ фалаҷ мегардонад. Он моро водор месозад, ки аз чизҳои дуруст ба гузашт равем. Он моро водор месозад, ки мо чизҳоеро иҷозат диҳем ва сабр кунем, ки дар шароити дигар, ин чизҳоро тарафдорӣ намекардем.

Мисоли ин дар ҳодисаи Элӣ ва писаронаш аст. Пеш аз он, ки дар Исроил шоҳигарӣ пайдо шуд, доварон роҳбарӣ мекарданд, ки онҳоро Худо дар замонҳои муҳими таърихи халқ мебардошт. Мувофиқи Китоби Муқаддас бо эзоҳоти Дэйк (ба англисӣ «Dake's Bible»), Элӣ довари понздаҳуми Исроил буд. Вай на фақат довар буд, лекин саррӯҳонии ҳабдаҳум буд. Вай Исроилро дар давоми чил сол доварӣ мекард. Ду писараш низ, Хофнӣ ва Финҳос, рӯҳонӣ буданд. Акнун биёед ба муҳити рӯҳонии Исроил зери роҳбарияти Элӣ нигоҳ мекунем:

> Ва каломи Худованд дар он айём камёфт буд, ва рӯъё ҳанӯз маъмул набуд
>
> (1 Подш. 3:1).

Дар ин порча «каломи Худованд»маънои Навиштаҷотро надорад, чунки исроилиҳо Таврот доштанд. Ин порча дар асл маъно дорад, ки дониши аз Худо илҳомёфта дар бораи роҳҳою нақшаҳои Худо набуд. Дар бораи вақтҳое, ки Худо ба халқи худаш кушоду равшан гап мезад, ёддошти кам буд. Ҳоло муаллифи китоб хомӯш буд. Садоаш кам шунида мешуд.

Чаро Худо хомӯш буд? Ҷавобашро мо дар боби 2 меёбем:

> Ва Элӣ бағоят пир шуда буд; ва ҳар амалеро, ки писаронаш дар ҳаққи тамоми Исроил мекарданд, мешунид, ва онро низ, ки чӣ гуна онҳо бо заноне ки назди даромадҳогӣ хаймаи ҷомеъ ҷамъ мешуданд, хуфтухоб менамуданд
>
> (1 Подш. 2:22)

Ҳофнӣ ва Финҳос, писарони Элӣ, одамони шарир буданд. Онҳо на фақат бо занҳо аз халқи Исроил зино мекарданд, онҳо ин қадар нотарсона зино мекарданд, ки бо занҳое, ки омада, дар маъбад, дар ҷое, ки ҳузури Худо мебоист сокин мешуд, хизмат мекарданд, онҳо бошанд бо онҳо зино мекарданд. Худотарсии онҳо дар куҷо буд?

Шаририи онҳо на фақат дар гуноҳҳои шаҳват буд. Онҳо бо зӯрӣ гӯшти хомро барои қурбонӣ аз одамон мегирифтанд. Ин кирдорашон зидди қонун буд, ки онҳо аз парастандагон ва Худованд гӯшташонро медуздиданд. Дар натиҷа халқи Исроил худро аз қурбонӣ овардан ба Худованд ба канор мекашиданд. Ҳофнӣ ва Финҳос барои халқи Исроил монеа буданд. Аз барои ин рафторашон мардум ба корҳои Худо хашмгин буданд.

Элӣ дар бораи корҳои писаронаш медонист, лекин онҳоро аз хизматашон хориҷ накард ва онҳоро фақат бо сарзаниши суст ислоҳ кард: «Чаро шумо чунин амал мекунед? Ман, охир, ин аъмоли бади шуморо аз тамоми қавм мешунавам. Чунин амал накунед, эй писаронам! Зеро овозае ки ман мешунавам, хуб нест: шумо боиси маъсияти қавми Худованд мегардед» (1 Подш. 2:23-24). Писаронаш сазовори гапи сахттар буданд нисбат ба ин сарзаниши суст. Онҳо бояд аз хизмати рӯҳониашон ва аз маъбади Худо дур карда мешуданд, чунки дилашон ба тавба кардан тайёр набуд.

Пайғамбари Худо ба назди Элӣ омада, гуфт: «Чаро шумо қурбониҳо ва ҳадияҳои ордии Маро, ки барои маскани Худ амр фармудаам, поймол мекунед? Ва чаро ту писарони худро назар ба Ман бештар мӯҳтарам медорӣ?...зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд»(1 Подш. 2:29-30).

Эҳтиром кардан маънои «иззат кардан, бақадр шумориднан ё ҳурмат кардан»дорад.Вақте ки Элӣ нахост ба онҳо муқобилат кунад ва писаронашро тарбия кунад, вай нишон дод, ки онҳоро аз Худо дида зиёдтар ҳурмат мекард. Одами тарсондашуда чизи метарсидагиро аз Худо дида зиёдтар ҳурмат мекунад. Фаҳмида ё нофаҳмида, вай ба чизи метарсидагиаш тобеъ мешавад. Агар Элӣ тарсонда намебуд, вай бо писаронаш дигар тавр рафтор мекард.

Баъдтар Худо ба Самуил дар бораи Элӣ гуфт: «Ва Ман ба ӯ хабар дода будам, ки хонадони ӯро ба сурати абадӣ доварӣ хоҳам намуд, барои он гуноҳи ӯ, ки ӯ медонист, ки писаронаш бар худ лаънат меоваранд, вале ӯ онҳоро ҷилавгирӣ накард» (1 Подш. 3:13).

Каломи Худованд камёфт буд ва шарорат бемаҳдуд ҳукмронӣ мекард, чунки довар ва саррӯҳонӣ аз писаронаш метарсид! Вай мавқеи қудраташро аз даст дод ва қобилияташ барои одилона доварӣ ва хизмат кардан ба

Исроил нест шуд. Ба мақсади Худо халал расонда шуд. Душманони Исроил аз ҳар тараф устувортар мешуданд ва фасод дар даруни Исроил ҳукмронӣ мекард. Вақте ки пешвоён қудрати худро аз даст медиҳанд, ҳар касе, ки зери ғамхории онҳо аст, азоб мекашад.

## Оё ин садоро мешиносӣ?

Афсӯс, лекин бисёр падарон аз тарафи фарзандонашон тарсондашуда ҳастанд. Вақте ки пастори ҷавонон будам, ман медидам, ки оилаҳои масеҳӣ ба кӯмак бисёр мӯҳтоҷӣ доранд. Ман медидам, ки наврасон аз падару модарони худ нафрат доштанд. Онҳо бо падару модарони худ беэҳтиромона ё бо ҳурмати кам гап мезаданд. Гӯё, ки падару модаронашон ба ҷонашон мерасиданд. Ҳайрон шуда, ман ин ҷавононро дар назди падару модаронашон ислоҳ мекардам, чунки падару модаронашон тарсида ва хиҷолат шуда, онҳоро ислоҳ намекарданд. Дар хонаҳояшон бетартибӣ буд; худсарӣ ҳукмронӣ мекард. Падару модарон қудрати худро ба фарзандонашон супориданд. Бахшоиш ва қудрати Худо дар падару модарон барои ташкил кардани тартиб дар хонаҳояшон ва барои ба воя расонидани фарзандони худотарс беамал буд.

Ин масъала на фақат дар хонаҳои мо, инчунин дар калисоҳои мо низ вуҷуд дорад. Ман дар садҳо калисоҳо будам. Ман хавотир мешавам, вақте ки бисёр пешвоёнро мебинам, ки аз тарафи одамон аз калисои худ тарсонда шудаанд. Муҳит дар калисояшон монанди муҳит дар Исроил зери роҳбарияти Элӣ аст: каломи Худо камёфт буд.

Ин пешвоён мавқеи қудраташонро аз даст доданд ва қудрати Худо беамал шуд. Пасторҳо дар ҳар ҷамъомад мавъиза мекунанд ва ҳамду сано ҳам аст, лекин нишонаи ҳузури Худо кам ё тамоман нест.

Мавъизачӣ мавъизаи худро бодиққат тайёр мекунад, то одамонеро, ки дар беитоатӣ зиндагӣ мекунанд, наранҷонад ё ба онҳо зиддият накунанд, ё вай ҳавобаландона ё дилхунук шуда гап мезанад, рамаашро мезанад, то ки беҷуръатии худро, ки аз тарафи якчанд одам аст, пинҳон кунад. Лекин дар ҳамаи ин ҳаёти рӯҳонӣ кам ё тамоман нест.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳузури Худо камёфт буд. Баъзан ҳаёти Худо пайдо мешавад, лекин ҳузури Худо доимӣ намемонад ва каломи Ӯ наметавонад озод ҳамчун оби зинда ҷорӣ шавад.

## Калисои мурдаҳои зинда

Дар соли 1990 ман дар калисои «башорати пурра»хизмат мекардам. Одамон дар калисо фикр мекарданд, ки онҳо зинда буданд ва бо Худо зиндагӣ мекунанд. Вақте ки саҳарии рӯзи якшанбе мавъиза мекардам, ҳис

кардам, ки калимаҳоямро гӯё ки ба рӯям пас мепартофтанд. Монанди он ки ба девор мавъиза мекардам. Муҳит аз исён пур буд.

Ман сабабашро намефаҳмидам. Пастор ва занаш одамони бисёр нағз буданд. Писари онҳо ҳамду саноро мебурд ва ӯро нағз медиданд. То даме, ки баъд аз ҷамъомад ҳамроҳи онҳо хӯрок хӯрдам, гумроҳ будам.

Пастор гуфт: «Ҷон, ман барои ту савол дорам. Дар калисои ман як оила ҳаст, ки ҷудо шуданд. Онҳо ба калисо меоянд, лекин аз якдигар дур мешинанд. Ва шахсе, ки ташкилотчии калон дар калисо аст, бо як духтари ҷавон аз калисо шинос шуд ва бо вай вомехӯрад. Баъд аз чанд вақт ин духтар ба хонааш кӯчид. Акнун онҳо ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд. Ман чӣ гӯям?»

Ман ҳатто бовар намекардам, ки вай ин чизро аз ман мепурсид. Дар ҳайрат монда, ман пурсидам: «Оё ту ӯро аз хизматаш хориҷ накардӣ?»

«Не»ҷавоб дод, «лекин аз вай хоҳиш кардам, ки вазифаи ташкилотчии калонро озод кунад.»

Ман давом дода, ба пастор ва занаш як соат мавъиза кардам. Ман нақл кардам чӣ тавр Павлус бо пешвоён аз калисои Қӯринт сару кор дошт. Дар он калисо ҳам як одам дар фосиқӣ зиндагӣ мекард. Павлус онҳоро маломат кард: «Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад» (1 Қӯр. 5:2). Павлус гуфт, ки ин одам бояд аз калисо пеш карда шавад, ва сабабашро фаҳмонд: «Оё намедонед, ки андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад?» (1 Қӯр. 5:6). Хамирмояро ба хамир меандозанд ва он пурра паҳн шуда, ба нон қобилият медиҳад, ки он баланд шавад. Павлус гуноҳи бемонеа, дағал ва худсаронаро бо хамирмоя муқоиса мекунад.

Ман ин пасторро огоҳ кардам: «Ту ба гуноҳ иҷозат медиҳӣ, ки он дар калисои ту бемонеа паҳн шавад. Худо аз ту барои таъсири манфии ин гуноҳ ба дигар гӯсфандон ҷавобгариро талаб мекунад!»Ман давом кардам: «Чӯпон на фақат рамаро мехӯронад, лекин онро муҳофизат ҳам мекунад. Ту хӯрондани онҳоро нағз мебинӣ, лекин аз муҳофизат кардани онҳо метарсӣ, чунки муқобилатро нағз намебинӣ. Лекин ҳардуяш муҳим аст! Ту бояд ба ин одам қатъиян ва бо муҳаббат зиддият кунӣ ва агар вай дарҳол тавба накунад, ӯро аз калисо пеш кун». Агар мо рамаро нахӯронем, онҳо гурусна мемонанд, лекин агар онро муҳофизат накунем, рама талаф мешавад.

Пастор ва занаш сафед шуданд. Занаш гуфт: «Фикр дорам ман дигар намехоҳам дар хизмат бошам. Ман мехоҳам фақат одамонро дӯст дорам.»

Ман ҷавоб додам: «Ин муҳаббати бароҳат, лекин агар ин одамонро муҳофизат накунӣ, ин муҳаббати ҳақиқӣ нест.»

Онҳо иқрор шуданд, ки аз тарафи баъзе одамон дар калисо тарсонда шуданд. Онҳо дилашонро кушода, дар бораи дигар масъалаҳо ба ман нақл карданд. Дар гурӯҳи ҳамду сано баъзе мусиқачиён беодобу беҳурмат буданд. Ман ба онҳо гуфтам, ки дар вақти ҷамъомад ман бисёр парешон будам, ва акнун сабабашро фаҳмидам.

Он шом дар байни маъвизакуниам як одам гапамро бурида, дар забонҳои гуногун чизеро гуфт. Ман аз вай хоҳиш кардам, ки бас кунад ва фаҳмондам, ки Худо каломи Худашро намебурад. Ин одам фаҳмид ва бас кард, лекин дарҳол баъд аз ин гитаранавоз ҷаҳида, ба ман дод зад: «Ман дигар маъвизаи одамеро сабр намекунам, киба ҷоришавии Рӯҳи Муқаддас иҷозат намедиҳад. Ман за ин ҷо меравам!»Вай занашро гирифт ва ба навозандаи бас гитара дод гуфт, ки ҳамроҳаш биёяд. Занаш, навозандаи бас гитара ва як одами дигар давида берун баромаданд. Муҳит аз шӯриш пур буд; ҷамъомад дар хиҷолат буданд.

Ман фавран аз Рӯҳи Муқаддас пурсидам, ки чӣ кор кунам. Вай гуфт: «Ба онҳо дар бораи қудрат таълим деҳ.»Вақте ки таълим медодам, оромии Худо ба калисо омад ва тартибаш барқарор шуд.

Вақте ки маъвизаро тамом кардам, Худованд ба ман гуфт: «Ба одаме, ки боз доштӣ, гӯй, ки ҳоло ба забонҳо дуо хонад ва тафсири онро диҳад.»

Каме дудила шуда, ман ба ин одаме, ки ислоҳ карда будам, гуфтам: «Дӯстам, агар метавонед, ман фикр дорам, ки Худо мехоҳад, ки шумо акнун ин номаро гап занед.»

Вай бо забонҳо номаро гуфт ва тафсирашро ҳам дод.

Номааш ин хел буд: «Худованд чунин мегӯяд: Ман дар ин калисо заҳролудшавии гуноҳро дидам. Ман ба ин хизматгорам фақат як қисмро нишон додам. Ба маъвизааш диққат диҳед, чунки ин каломи Ман аст.»

Ман аз барои гуноҳ ва шӯрише, ки ба калисо дохил шуд, гиря кардам. Пастор дар тааҷҷуб буд. Гуноҳ бемонеа паҳн шуд, чунки пешвоёназ тарафи одамоне тарсонда буданд, ки мебоист барои онҳо ғамхорӣ мекарданд.

Ман хурсанд шудам, вақте ки дертар фаҳмидам, ки пастор ба он мард ва занаш, ки ҷамъомадро партофта, рафтанд, муқобилат кард. Ҳардуи онҳо тавба карданд ва якбора қарор карданд, ки ҷудо мешаванд.

## Пастор аз тарафи пешвоёни калисои худ тарсонда шуд

Боре ман дар дигар калисо хизмат мекардам ва ҷамъомадҳо субҳи рӯзи якшанбе сар шуданд, ва нақша буд, ки то шоми рӯзи чоршанбе давом медиҳанд. Ҷамъомадҳои бисёр аҷоиб гузаштанд, аломатҳои тавбакунӣ, шифоӣ ва озодшавӣ буданд. Калисо дар соҳаи маблағ ғалаба кард. Бештар одамон ба ҷамъомад меомадагӣ шуданд.Аммо шоми рӯзи сешанбе пеш аз ҷамъомад пастор гиря карданро сар кард.

Ман пурсидам: «Чӣ шуд?»

«Ҷон, ман аз ту ҳасад намебарам. Ман фақат намефаҳмам чаро ман ҳеҷ вақт амали Худоронамебинам.Ман бо Рӯҳи Муқаддас пур ҳастам, лекин ягон бахшоиши Рӯҳи Муқаддас дар ҷамъомадҳоям амал намекунад. Ягон кас шифо намеёбад ва озод намешавад, ва ҳамааш бисёр душвор менамояд.»

Ман ба ӯ якчанд савол додам. Маълум шуд, ки дар шӯрои калисо ду оила буданд, ки аз вай пештар дида бо Рӯҳи Муқаддас пур шуданд. Аз барои ин онҳо ба пастор мегуфтанд, ки чӣ кор кунад ва чӣ тавр калисоро роҳбарӣ кунад. Ман фаҳмондам: «Ту аз тарафи шӯрои худ тарсонда шудаӣ. Ту бояд пас ба қудрати Худододагӣ дохил шавӣ ва гӯӣ, ки ту пастор ҳастӣ– на онҳо.»

Рӯзи дигар пастор бо онҳо гап зад. Ҳардуи оила хафа шуданд ва дар охир аз калисо рафтанд. Мо ҷамъомадҳоро давом додем ва дар ҷамъомади охирин як гурӯҳи одамон ба пеш барои дуохонӣ баромаданд, лекин Худованд ба ман гуфт: «Ту набояд барои ин одамон дуо хонӣ. Бигзор пастор дуо хонад.»

Ман ба пастор нигоҳ кардам ва дидам, ки қудрати Худо болои вай аст. Ман гуфтам: «Пастор,Худо гуфт, ки шумо бояд барои ин одамон дуо хонед.»

Вай байни ин гурӯҳи одамон давид. Ва ҳамин ки ба онҳо даст мерасонд, онҳо зери қуввати Худо меафтоданд. Баъзе касон пеш аз даст монданаш меафтоданд. Қуввати Худо ин қадар зӯр буд, ки ҳатто пеш аз он ки ба онҳо наздик мешуд, Худо ба онҳо таъсир мекард.

Як духтари девдор бо ҷалол озод шуд. Баъд аз якчанд дақиқа ҳар шахс аз он гурӯҳи одамон дар замин мехобиданд ва Рӯҳи Муқаддас ба онҳо хизмат мекард! Пастор гашта, ба ман як назар андохт ва ба замин афтод. Занаш мебоист ҷамъомадро ба охир расонад. Баъд аз ним соат ду одам пасторро аз замин бардоштанд. Пас аз ин он калисо мисли пештара намонд.

Қудрате, ки Худо ба пастор дод, аз барои беҷуръатӣ бефаъол буд. Ва дар натиҷааш ҳузуру қудрати Худо дар калисояш камёфт буданд. Баъд аз шикаст додани қуввати ин беҷуръатӣ, бахшоиши Худо озодона ҷорӣ мешуд.

## Айни ҳамон ҳодиса, аммо дар саҳнаи дигар

Ман дидам, ки ин қоида дар бисёр калисоҳо ва ҳаёти одамон дуруст аст. Ман дар як калисо дар хориҷа хизмат мекардам ва равшан аз рафтори пастор ва дигар пешвоён дидам, ки онҳо бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд. Ман тамоми ҳафта мавъиза кардам, онҳоро рӯҳбаланд кардам,

ки дар рӯҳ устувор истанд ва ба сӯи даъвати олии Худо ҳаракат кунанд. Чор моҳ баъд ин калисо се маротиба калонтар шуд! Онҳо биноеро, ки барои чорсад нафар буд, монданд ва ба толори дигар барои ду ҳазор ҷой кӯчиданд. Баъдтар вақте ки ба он давлат боз омадам, пастор гуфт, ки баъд аз он ки беҷуръатиро мағлуб карданд, худаш ва калисояш монанди пештара набуд.

Маро ба шаҳри Атланта барои се рӯз барои мавъиза кардан даъват карданд. Шоми охир ман дар бораи шикаст додани қуввати беҷуръатӣ мавъиза кардам. Пастор ғолибона аз беҷуръатӣ аз тарафи одамони худ озод шуд. Вай гуфт: «Ту бояд зуд баргашта, як ҳафта монӣ.»

Ман баъд аз се ҳафта баргаштам ва мо нӯҳ ҷамъомад гузарондем. Қудрату ҳузури Худо ин қадар пуқувват буд, ки лозим шуд бисёр касонро аз он ҷо бардошта баранд. Одамон ними шаб ба пастор занг зада, мепурсиданд чӣ кор кунанд, чунки баъзе одамон то ҳол аз барои таъсири қудрату ҳузури Худо ба ҳуш наомада буданд. Онҳо ҳеҷ вақт надиданд, ки Худо ин қадар пурзӯр амал кунад.

Баъд аз ин дар давоми нӯҳ моҳ дар ин калисо ҳар ҳафта рӯзи шанбею якшанбе ҷамъомадҳои бедоршавӣ мегузаштанд. Пастор ба ман занг зада, нақл мекард чӣ тавр ҷамъомадҳо дар калисоаш боқувват мегузаштанд ва чӣ гуна чизҳои бузург дар ҳаёти аъзоёни калисояш рӯй медоданд. Вай гуфт, ки ҷамъомадҳо ба якдигар монанд набуданд. Калисояшон аз чор то ҳафтсад одам калон шуд! Якчанд дафъа ба ман гуфта буд, ки ҳамон шоме, ки ман дар бораи шикастани беҷуръатӣ мавъиза кардам, ҳам дар ҳаёти вай ва ҳам дар хизматаш марҳилаи қатъӣ буд.

Мандардигаркалисои«имонизинда»будам.Ҳамдусаноашонметавонад туро хоб равонад. Пастор хест, эълонҳоро гуфт ва дар бораи ҳадияҳо «таълим кард». Ин аз чизҳои шунидагиам зиёдтар дилгиркунанда буд. Вақте ки баъд аз ҷамъомад хӯрок мехӯрдем, пастор фақат дар бораи футбол ва дигар чизҳои беаҳамият гап мезад. Гуфтан ҳам лозим нест, ки ин калисои дилгиркунанда буд!

Шоми дигар Худо ба ман гуфт, ки ман бояд дар бораи шикаст додани беҷуръатӣ мавъиза кунам. Дар мобайни мавъиза ин пастор ба замин афтод ва дар бораи заифии, ки вай дар ҳаёташ ва хизматаш сабр мекард, тавба кард. Ман медонистам, ки Худо дар ҳаёташ амал мекард, лекин намефаҳмидам, то кадом дараҷа амал мекард.

Рӯзи дигар вай ба ман занг зад: «Ҷон, занам фақат як соат хоб рафт ва ман тамоман хоб нарафтам!»Вай гуфт: «Мо тамоми шаб хоб нарафта, тавба ва гиря мекардем, ва баъд механдидем. Баъд аз нав сар мекардем. Тавба кардем, гиря кардем, баъд механдидем.»

Он рӯз вай ба назди шӯрои калисояш рафта, пеши онҳо тавба кард, ки чунон пешвое набуд, ки Худо ӯро даъват карда буд. Дар охир, якчанд аъзоёни шӯроъ аз калисо рафтанд, чунки фаҳмиданд, ки дигар ӯро назорат карда наметавонанд. Лекин боқимонда аъзоёни шӯроъ бо вай ҳамроҳ шуданд ва ӯро дар калоншавиаш дастгирӣ карданд.

Калисоаш ва ин пастор дигар шуданд ва ҳеҷ вақт монанди пештара намонданд. Ҳоло, баъд аз чор сол ҳамду саноашон зинда мегузарад. Дар давоми ду соли охир онҳо ҳар ҳафта ҷамъомадҳои бедоршавӣ мегузаронанд. Вақте ки ин пастор ба ман занг мезанад, вай фақат мегӯяд чӣ Худо мекунад ва ба воситааш чӣ мегӯяд, ва дар калисоаш чӣ рӯй медиҳад. Ман якчанд маротиба ба он калисо баргаштам ва бор паси бор ҳолаташон беҳтар мешуд. Ба ғайр аз ин ба ман якчанд дафъа гуфт, ки ин мавъизаам ҳам дар ҳаёташ ҳам дар хизматаш марҳилаи нави қатъӣ буд.

Ин озодшавӣ на фақат барои пасторҳо ва пешвоён, лекин барои ҳамаи имондорон низ мебошад. Мо бисёр шаҳодатҳоро аз одамон шунидем, ки дар ҳар соҳаи ҳаёташон аз барои шикаст додани ғуломии беҷуръатӣ, озод шуданд.

Як рӯз зане ба ҷамъомад омад ва ман дар бораи шикаст додани беҷуръатӣ мавъиза мекардам. Дертар вай гуфт, ки ҳис кард чӣ тавр аз тарс ва беҷуръатӣ, ки зиндагиашро забт карда буд, озод шуд. Баъд аз якчанд рӯз ин занро бо духтараш дар роҳашон боздоштанд ва бо туфангча таҳдид карданд. Ҷинояткорон ҳамёнашро кашиданд ва се ҷавон онҳоро тез иҳота карданд. Дар даруни ин зан далерии калон пайдо шуд ва чӣ қадаре, ки метавонист, бо овози баланд бо забонҳо дуо хонд. Ҷавоне, ки туфангча дошт, дод гуфт: «Ин корро бас кун!»Лекин вай бас накард. Ин ҷавонон ин қадар парешон шуданд, ки духтараш тавонист ба хонаашон давида, ба милитсия занг занад. Дуздон фақат ҳамёнашро гирифта, гурехтанд.

Рӯзи дигар як марди масеҳӣ хост ба хонаи модараш бо роҳи дигар равад. Вай ҳамёни ин занро ёфта, ба вай занг зад. Ҳардуи онҳо ҳамроҳ шодӣ карданд. Фақат маблағи кам намерасид ва ҳамаи ҳуҷҷатҳояш дар дарун буданд.

Вай ба занаш гуфт, ки ин мавъизааш ба вай ҷасорат бахшид ва ҳаёташро халос кард. Дар гузашта ӯро тансондан ин қадар осон буд, ки ҳатто аз барои фикр дар бораи ин гуна муқобилат бо тарс пур мешуд. Вай барои озод буданаш беҳад хурсанд буд!

Ман ҷалолро барои ин шаҳодатҳо ба Худо медиҳам. Ман ҳам бо

бечуръатӣ баста будам, аммо аз барои файзаш ман ҳоло озод шудаам! Ин хирадмандӣ ва қувват барои озод кардани асирон аз Ӯ омад.

Мо тарс ва бечуръатиро фош кардем, ва дидем, ки он ба мо монеа мешаванд ва дар аксар ҳолатҳо қудрату бахшоиши Худоро нигоҳ медорад. Валемақсадамон на фақат маълум кардани бечуръатӣ аст, мо бояд ба пеш рафта, забти марговари онро шикаст диҳем!

## *Барои муқобилати рӯҳонӣ кӯмаки рӯҳонӣ лозим аст*

# *Боби 7*

## РӮҲИ БЕҶУРЪАТӢ

Барои фош кардан ва ҳал кардани беҷуръатӣ мо бояд ду чизро донем. Якум, тарс ё беҷуръатӣ ин рӯҳ аст, ва дуюмаш, он аз Худо нест.

> Зеро ки Худо ба мо *рӯҳи* тарсу ҳаросро надодааст (2 Тим. 1:7, *курсив* илова шуд).

Калимаи рӯҳ дар ин порча бо забони юнонӣ «пневма»ва ҳамин калима барои Рӯҳи Муқаддас ҳам истифода мешавад, ва дар симфонияи Стронг (ба англ. «Strong's concordance») ҳам барои рӯҳи одам ё дев истифода мешавад. Беҷуръатӣ муносибат ё хислат нест. Ин рӯҳ аст.

Азбаски беҷуръатӣ рӯҳ аст, мо наметавонем бо он дар сатҳи ақл ё иродаи худ мубориза барем. Мо наметавонем фикронии мусбат дошта, беҷуръатиро мағлуб кунем. Зиддияти рӯҳонӣ кӯмаки рӯҳониро талаб мекунад. Он бояд дар олами рӯҳонӣ ҳал шавад.

Инро фикр кун: Чаро одамон бо ақлу ҷисми боқувват дошта, бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд – бисёр вақт ин беҷуръатӣ аз тарафи шахсе меояд, ки дар ҷисм ё ақл аз онҳо заифтар аст? Шояд ҳама чиз нағз аст, лекин онҳо доим дар тарс зиндагӣ мекунанд, ки шароит тағир ёфта, бад мешавад. Онҳо тамоми вақту қуввати худро сарф мекунанд, то ташвиш кашанд ва кӯшиш кунанд, ки худро аз чизҳое муҳофизат кунанд, ки шояд ҳеҷ вақт рӯй намедиҳанд. Онҳо наметавонанд аз чизҳои ҳозира ҳаловат баранд, чунки барои ояндаашон метарсанд. Ин бемаънӣ аст, лекин чӣ қадаре ки шумо бо онҳо гап назанед, тарсашон мемонад. Онҳо рӯҳи беҷуръатӣ ё рӯҳи тарс доранд. Онҳо бо заифии табиӣ не, бо сустии рӯҳонӣ мубориза мебаранд.

Боз, дар бораи одамон фикр кун, ки ҳама вақт чизи мехостагиашонро мегиранд. Қаду қомат ё саводи онҳо муҳим нест. Шояд онҳо ягон мавқеи қудрат надоранд, лекин одамон дар гирду атрофашон ақиб гашта, ба онҳо

итоат мекунанд. Чаро? Ин содда аст. Онҳо дигаронро ба воситаи рӯҳи беҷуръатӣ назорат мекунанд. Онҳо ёд гирифтанд, ки беҷуръатиро барои фоидаи худ истифода баранд.

Рӯзе ман бо одаме, ки тиҷорати муваффақ дошт, ноништа мекардам. Вай ба ман нақл кард чӣ тавр пеш аз наҷот ёфтанаш зиндагӣ мекард ва тиҷораташро идора мекард. Вай фаҳмонд: «Ман одамонро тарсонда, ҳар чизи мехостагиамро барои тиҷоратам гирифта метавонистам. Вақте ки ба бинои ҳукумати шаҳр медаромадам, ман гӯё қуввати онро дар худ ҳис мекардам. Ман нағз медидам, ки одамон аз ман тарсанд. Ман ҳар чизе, ки мехостам, мегирифтам, ҳатто аз ҳукумати шаҳр бошад ҳам.»Вай рӯҳи метарсондагӣ дошт. Роҳбарони шаҳр, ба он нигоҳ накарда, ки мавқеъи қудрат болои ӯ доштанд, ҷуръат намекарданд, ки ба вай зиддият кунанд.

## Рӯҳи назораткунӣ

Илёс аз мардуми Исроил наметарсид, вақте ки исроилиҳо ба парастиши бути Баал мутеъ шуданд. Чӣ қадар ҷуръати бузург – як одам зидди тамоми халқ! Ва аз 850 пайғамбарони бардурӯғ ҳам наметарсид. Чӣ қадар ҷасорати калон – як пайғамбар зидди тақрибан ҳазор пешвоёни рӯҳонӣ! Вай як қатра ҳам дар бораи ғазаби шоҳи Исроил ташвиш надошт. Ҳамаи ин як чизи калон буд, ки бисёр одамон онро аз сар гузаронида наметавонистанд. Аммовай иҷозат дод, ки як зан вайро ин қадар тарсонад, ки вай гурехта, мурдан мехост! Ин ба ақли мо намеғунҷад.

Рӯҳшиносон шояд гӯянд, ки вай аз занҳо метарсид, лекин агар ба хубиаш гирем ин далели беэътимод аст, чунки халқи Исроил на фақат аз мардон иборат буд! Не, ин ҷанги рӯҳонӣ ин қадар калон буд, ки халқ, шоҳ ва пайғамбарони бардурӯғбо ин зан баробар шуда наметавонистанд. Илёс дар Изобал бо рӯҳи қавииназораткунандаи беҷуръатӣ дучор шуд, ки шоҳ ва пайғамбаронибардурӯғ надоштанд.

Биёед нигоҳ мекунем, ки дар Навиштаҷот дар бораи табияти ин рӯҳ чӣ гуфта шудааст. Ба ин сӯҳбат байни Еҳу ва Йӯром, писари Изобал, нигоҳ кун.

> Ва ҳангоме ки Йӯром Еҳуро дид, гуфт: «Эй Еҳу, оё саломатист?»Ва ӯ гуфт: «Чӣ гуна саломатӣ хоҳад буд, дар сурате ки зинокориҳои модарат Изобал ва *ҷодугариҳои* вай ин қадар бисёр аст?» (4 Подш. 9:22, *курсив* илова шуд).

Бо ҷодугарии ин дунё фирефта нашав. Хато накун, ки дар бораи зане фикр кунӣ, ки биниаш озах дорад ва болои ҷорӯб парвоз мекунад, азоим мехонад ва гиёҳҳоро истифода мебарад. Вақте ки одам мехоҳад назорат кунад, вай ҷодугарӣ мекунад. Бале, як намуди ҷодугарӣ ва назорат аст, ки

рӯҳҳои шайтонро даъват мекунад. Лекин, ҷоду фақат аз ин иборат нест. Павлус калисои Ғалотиёнро сарзаниш кард: «Эй ғалотиёни нофаҳм! Кӣ шуморо ба васваса андохт, ки аз ростӣ сар тобед» (Ғалотиён 3:1). Ин ҷоду аз гиёҳҳо ё азоим набуд. Павлус дар бораи муаллимҳо мегуфт, ки онҳоро бовар кунонда буданд, то ба чизҳое, ки Худо ба онҳо фаҳмо ошкор кард, итоат накунанд. Ин муаллимон устодони симиён набуданд, лекин рӯҳи назораткунӣ.Ва ин ба тамоми калисо таъсир кард.

Изобал ин қадар рӯҳи қавии назораткунӣ ва метарсондагӣ дошт, ки шоҳ, роҳбарони давлат ва тамоми халқи Исроил ба вай итоат мекарданд. Ҳатто Илёс ба вай ҷой дод ва гурехта, ҷони худро халос кард. Вақте ки тарсро ба дилат иҷозат медиҳӣ, ту ин чизҳоро аз даст медиҳӣ: оромӣ, худбоварӣ, ҷуръат, устуворӣ, қаҳрамонӣ, қавииродагӣ ва бехатарӣ. Ва ин рӯйхат боз давом дорад.

Ман дидам чӣ тавр одамон кӯшиш карданд, ки аз азияти тарс ба воситаи фикронии мусбат озод шаванд. Лекин тарс нест намешавад, чунки онҳо оқибати тарсро, на худи сарчашмаашро ҳал мекунанд. Ту метавонӣ меваи дарахтро канда партойва якчанд вақт он бемева менамояд, лекин дар охир мева боз мебарояд. То даме ки решааш бурида нашавад, дарахт мева медиҳад. Бинобар ин, барои шикаст додани қуввати беҷуръатӣ, ту бояд ба қуввати рӯҳонӣ, ки зидди он аст, муқобилат кунӣ.

## Рӯҳҳои назораткунӣ ва беҷуръаткунӣ дар калисо

Дар калисоҳо одамоне ҳастанд, ки дилашон назди Худо рост нест. Онҳо пешвоёнро метарсонанд, то чизи мехостагиашонро дошта бошанд. То даме ки ҳама чиз мувофиқи хосташон рӯй медиҳад, онҳо фармонбардор ҳастанд. Вақте ки роҳбарият камқувват мешавад, маҳз ин одамон калисоро роҳбарӣ мекунанд.

Вақте ки ман ба калисоҳое меравам, ки мушкилиҳо доранд, бисёр вақт ман бо беҷуръатӣ дучор мешавам ва намедонам чаро бо вай ҷанг мекунам ва аз куҷо вай пайдо шуд. Сабабаш он аст, ки: беҷуръатӣ рӯҳ аст, ки ба воситаи ягон одам, ки ба ин рӯҳ тобеъ шуд, зоҳир мешавад, ва ҳатто ба воситаи шахси имондор зоҳир мешавад! Китоби Муқаддас имондоронро огоҳ мекунад, ки ба шайтон ҷой надиҳанд (Эфсӯсиён 4:27).

Ман якчанд ходисаро аз таҷрибаи худ нақл мекунам. Ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки гӯяд ман «аз ҳад зиёд рӯҳонӣ»ё «дар ҳама ҷо девҳоро мебинам».Ман мефаҳмам, ки баъзе одамон дар ҳар мушкилие, ки дучор мешаванд, шайтонро айбдор мекунанд. Агар ту шайтонро айбдор кунӣ, пас ҷавобгариро барои корҳоят қабул намекунӣ. Ин гуна муносибат диққатро бисёртар ба шайтон, на ба Исо ҷалб мекунад. Китоби Муқаддас моро таълим медиҳад, ки мо чашмони худро ба Исо

нигоҳ дорем, на ба шайтон. Вай сарвар ва комилкунандаи имони мо аст (Ибриён 12:2).

Чӣ тавре ки ман мефаҳмам, мо бояд ба Исо нигоҳ карда, зиндагӣ кунем, ва агар шайтон дар роҳи мо истад ва халал расонад, мо бояд ӯро бо Каломи Худо зарба зада, ҷустуҷӯи Исоро давом диҳем! Ҳаллелуёҳ! Аммобарои ҳақиқатан шикаст додани беҷуръатӣ мо бояд донем, ки ин рӯҳ худ аз худ нест намешавад, агар мо ба вай аҳамият надиҳем. Баръаксаш рӯй медиҳад.

## Ҳуҷум

Ман яке аз ходисаҳои бисёрро накл мекунам, ки тасдиқ мекунад, ки беҷуръатӣ рӯҳ аст. Ман дар якчанд ҷамъомад дар як калисо дар ҷануби Амрико мавъиза мекардам. Якум ҷамъомад саҳарии рӯзи якшанбе гузашт ва боқувват буд. Мо кассетаро аз ин ҷамъомад чор сол истифода бурдем. Баъд аз ҷамъомад ҳеҷ кас чизи манфӣ ё метарсондагӣ нагуфт. Дар ҳақиқат, одамон дар гирду атрофам бисёр мусбат буннанд. Лекин дертар дар нисфирӯзӣ ман бо ғамгинӣ ва хиҷолат мубориза мебурдам. Ман мефаҳмидам, ки чизе нодуруст аст, лекин намедонистам, ки он аз куҷо омад. Ман ба ёд овардам, ки ҳамин нишонаҳо буданд, вақте ки ман бо беҷуръатӣ ошкоро дучор шудам. Он шом Худованд ба ман гуфт, ки дар бораи қудрати калисо мавъиза кунам ва ин барои бисёр касон фоидаовар буд.

Баъд аз ҷамъомад пастор маро ба кабинети худ бурд. Вай гуфт: «Ту ҳатто намефаҳмӣ, ки чӣ қадар ту бо мавъизаи имрӯзаат рост ба мақсад расидӣ». Вай давом дода, ба ман гуфт, ки як зани аъзои калисоаш баъд аз нисфирӯзӣ ба вай занг зада, гуфт: «Пастор, ман медонам, ки шумо бо мавъизаи ин одам розӣ нестед. Вай беҳад бо одамон сахтгир аст. Ман медонам, ки шумо баъд аз имрӯза ҷамъомадҳоро бас мекунед, чунки шумо монанди вай нестед. Барои ҳамин ман имрӯз намеоям. Ман дар хона истода, зидди ин одам дуо мехонам.»

Акнун ман аниқ медонистам аз куҷо ҳамаи ин ғамгинӣ бар ман омада буд. Ман аз пастор пурсидам, ки оё вай ин занро ислоҳ кард ё не. Вай бисёр одами дилсӯз буд ва ба вай чизе нагуфт. Вай ба ин зан гуфт, ки ҳамаашро ба дасти Худованд супорад. Агар ин пастор ӯро ислоҳ мекард ва дар қудрати худ меистод, ман боварӣ дорам, ки он нисфирӯзиам дигар ҳел мегузашт. Агар мо ба чизе зиддият накунем, он тағир намеёбад. Агар мо ба бадӣ аҳамият надиҳем, он боқувватар мешавад! Ҳардуи мо аз ин ходиса дарс гирифтем. Худованд ин таҷрибаро истифода бурд, ки ба ман нишон диҳад, чӣ тавр дар қудрати рӯҳониам истам ва назди рӯҳи беҷуръатӣ сархам накунам.

Раҳмат ба Худо барои Рӯҳи Муқаддас, ки медонист, чӣ рӯй медиҳад ва маро роҳбарӣ кард, ки ба ин рӯҳаз саҳна муқобилат кунам – ба он

нигоҳ накарда, ки ман намедонистам, ки чӣ рӯй медод. Пастор медонист ва аз барои ҳамин чашмаш кушода шуд. Он ҷамъомадҳои боқувваттарин ҷамъомадҳои тамоми сол буданд. Ман ба ин калисо баргаштам ва пастору ман ҳоло дӯстони нағз ҳастем.

## Боз як вохӯрӣ бо рӯҳи беҷуръаткунӣ ва назораткунӣ

Бори дигар аз ман хоҳиш карданд, ки дар хориҷа дар як семинармавъиза кунам, ки барои он тақрибан ҳазор одам қайд шуда буданд. Рӯзона ду ҷамъомад ва шом як ҷамъомад мегузашт. Ду ҷамъомади аввал бисёр зӯр гузаштанд. Ман дар бораи муқаддасӣ ва тавбакунӣ мавъиза кардам. Валедар ҳар ҷамъомад ман дар ҳаво зиддиятро ҳис мекардам. Баъд аз ҷамъомади дуюм, ман тамоми нисфирӯзиро дар хонаи худ гузаронидам ва бо вазнинӣ ва ноумедӣ мубориза мебурдам. Ман медонистам, ки ин рӯҳи метарсондагӣ ва назораткунӣ буд, лекин касе ба ман ягон чиз зид нагуфта буд. Ман фаҳмидам, ки ман зидди ҷисму хун мубориза намебурдам, лекин зидди рӯҳҳои шарир.

Имондорон бояд дар рӯҳ зиндагӣ карданро ёд гиранд.Рӯҳи Худо ошкор мекунад, ки ту бар зидди чӣ истодаӣ. Агар инро нафаҳмем, мо диққати худро ба оқибатҳо ҷалб мекунем. Агар ман намефаҳмидам, ки бо чӣ дучор шудам, ман ҳайрон мешудам: Чаро ман бо ғамгинӣ мубориза мебарам? Оё ман ба ҷои дуруст омадам ё не? Чаро ман зану фарзандонамро монда, ба ин ҷо омадам? Оё ман даъвати худро иҷро накардам? Шояд ман бояд сафар карданро бас кунам? Агар ман ин фикрҳоро давом медодам, ман барои хизмат кардан муносиб намешудам, ва он рӯҳи назораткунӣ ва метарсондагӣ маҳз ҳамин чизро мехост. Ва ман фақат ба худ нигоҳ мекардам, на ба он чизҳое, ки Худо барои ин одамон мехост.

Ман тамоми нисфирӯзӣ мубориза мебурдам. Вақте маро ба ҷамъомади шом мебурданд, ман ба тарҷумонам гуфтам, ки тамоми нисфирӯзӣ бо беҷуръатӣ мубориза мебурдам. Тарҷумонам дод гуфт: «Ман ҳам!»Мо фаҳмидем, ки бо якхел нишонаҳо мубориза мебурдем. Он шом ман дар бораи рӯҳи беҷуръатӣ мавъиза кардам ва бисёр касон озод шуданд.

Саҳарии дигар ман ба саҳна баромадам ва тадҳин набуд. Гӯё Худо хомӯш буд. Ман дар саҳна якчанд дақиқа истода, каломи Худовандро мунтазир будам. Ман дуо хондам ва аз одамон хоҳиш кардам, ки дуо хонанд, лекин бар ҳар ҳол ягон роҳнамоӣ, тадҳин ё таассуротро барои амал кардан ҳис накардам. Дар дили худ ман медонистам, ки дар байни мубориза ҳастам. Ман мефаҳмидам, ки ин ҳуҷум пурра ба ман равона шуда буд. Ман медонистам, ки бояд калимаҳоеро, ки рост зидди ман гуфта шуда буданд, шикаст диҳам. Дар каломи Худо гуфта шудааст:

> Ҳар олате ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт; ва ҳар забонеро, ки бар зидди ту ба мурофиа бархезад, айбдор хоҳӣ кард. Ин аст насибаи бандагони Худованд, ва сафед кардани онҳо аз ҷониби Ман аст – мегӯяд Худованд (Ишаъё 54:17).

Ман ба шикаст додани ин ҳуҷуми беҷуръатӣ сар кардам. Ман амр кардам, ки ҳар каломе, ки зидди ман гуфта шуда буд, айбдор шавад. Ба ман фарқ надошт,киодамон чӣ фикр мекунанд. Ман ёд гирифтам, ки беҳтар ба дили худ гӯш диҳам, чунки Рӯҳи Муқаддас ба дили ман гап мезанад.

Дафъатан, каломи Худованд ба наздам тез ҳамчун тир омад. Худо аниқ гуфт, ки одамон чӣ кор кунанд. Баъд аз ду ё се дақиқа қуввати Худо нозил шуд. Одамон ин қадар бо Рӯҳи Муқаддас пур мешуданд, ки беист механдиданд. Ҳаракати Рӯҳи Худо ин қадар боқувват буд, ки ман қариб мавъиза накардам. Боз мегуфтанд, ки соати сеи нисфирӯзӣ то ҳол одамон дар толор буданд. Ин ғалабаи бузург буд ва дилам пур аз шодӣ буд. Агар ман ба ин рӯҳ муқобилат намекардам, ин рӯй намедод.

Баъдтар ба ман аз тарҷумон маълум шуд, ки дар ҷамъомадҳо як хизматчии зан буд, ки баъд аз он ки нақша тайёр шуда буд, ба назди роҳбари семинар омада, гуфт: «Чаро одамон бояд дар ҳамаи ҷамъомадҳо ба мавъизаи Ҷон Бивер гӯш кунанд? Ба мо дигар мавъизачиён ҳам лозиманд.»Вай худаш хизмат кардан мехост.

Ман дигар хабарҳои ғайриоддӣ дар бораи ин зан шунидам. Вай амалҳои ғайрибиблиявиро барои «озод кардани»одамон истифода мебурд, мисли қатраҳои чашм ва молидани шароб ба пӯст. Ба ин зан ҳеҷ вақт зиддият намекарданд. Дар ҳақиқат, роҳбари семинар иҷозат дод, ки дар давоми семинар каме хизмат кунад. Гуфтан ғамгин аст, пешвоён бисёр вақт ба гузашт мераванд ба ҷои он, ки зиддият кунанд, чунки фикр мекунанд, ки ин тавр осонтар мешавад. Лекин ба гузашт рафтан ҳеҷ вақт осон нест – ва бисёр вақт нархаш баланд аст.

Баъд аз ҷамъомадҳо ман бо роҳбари семинар гап задам. Ман аз вай пурсидам, ки хабарҳои шунидагиам дар бораи ин зан дуруст аст ё не. Вай гуфт, ки ин хабарҳо дуруст буданд. Ман дар бораи ташвиши худ ба вай гуфтам, ки ин зан ба интихоби мавъизачиёнаш, ки барои ҷараёни семинар аллакай муайян карда буданд, шубҳа кард. Ман ба вай гуфтам, ки ин зан ӯро назорат карда мехоҳад. (Ин зан на пешво, на аъзои калисо буд.)

Ман аз вай пурсидам: «Чаро ту ба ин зан иҷозат додӣ, ки дар семинар хизмат кунад?»

Вай гуфт: «Ҷон, ман ба вай гуфтам, ки ин амалҳоро барои озод кардани одамон истифода бурда наметавонад.»

Ман фаҳмондам: «Ту метавонӣ ба вай манъ кунӣ, ки амалҳои ғайрибибилиявиро истифода набарад, лекин рӯҳе, ки паси он меистад, ба ҳар ҳол мемонад. Ҳолати дилаш дигар нашуд. Ҳамҷун роҳбари семинар ту хостӣ, ки тартибу оромиро нигоҳ дорӣ ва барои ҳамин одамеро мондӣ, ки рӯҳи назораткунӣ ва метарсондагӣ дорад, то мансаби хизмат ва қудратро ишғол кунад. Ин ба рӯҳи беҷуръатӣ ҳаққи қонунӣ дод, ки зидди ман ва дигароне, ки бо ин рӯҳ розӣ набуданд, мубориза барад.»

Барои он, ки вай чизҳои рӯй додагиро бинад, ман ба вай дар бораи як ходиса аз ҳаёти худам нақл кардам. Як рӯз, вақте ки ман дар колледж пастор будам, мо бисёр ҳамду санои боқувват доштем. Одамони ҷавон бисёр ашкҳо мерезонданд. Оромӣ ва ҳузури Худо хонаро пур кард. Мо тақрибан дар давоми чил дақиқа парастиш мекардем. Ба ғайр аз одамоне, ки бо овози паст гиря мекарданд, ҳама хомӯш буданд.

Ногаҳон як ҷавон, ки ман пештар надида будам, бо забони нофаҳмо чизе гуфт. Баъд аз ин ҳиссиёти ноорамӣ ва ғалатӣ ҳаворо пур кард. Вақте ки як духтар, ки наздаш меистод, вайро ҳам пештар надида будам, пеш баромада, тасфири ғалатиро гуфт.

Аз барои он ки ман аз ҳузури Худованд ва ҳамду сано ҳаловат мебурдам, парешон шудам ва чизе нагуфтам.

Вақте ки ин духтар тамом кард, муҳит дигар хел шуд. Ҳузури Худованд тамоман нест шуд. Ман фаҳмидам, ки барои гап заданам дер шуд. Аллакай зарар расонда шуда буд. Барои ҳамин ман аз ҳама хоҳиш кардам, ки шинанд, тез эълонҳоро гуфтам ва ҳадияҳоро ҷамъ кардам. Баъд маъвизаро сар кардам.

Вақте ки мавъиза мекардам, фикр доштам: Ҳаёт куҷо шуд? Ман ба куҷо рафта истодаам? Чаро ман ҳоло инро гуфтам? Барои мавъиза кардан тадҳин набуд ва ҳис кардам, ки чизе бар зидди ман меҷангид. Ман намефаҳмидам чаро бахшоиши Худо бефаъол буд ва аз ҳама одамон хоҳиш кардам, ки дуо хонанд. Худованд гуфт: «Ман мехоҳам, ки ту ба ин писарбача ва духтар муқобилат кунӣ.»

Ман фикр кардам, ки аллакай бист дақиқа гузашт. Ман инро карда наметавонам. Барои ҳамин гапи Худоро як тараф монда, фикр кардам, ман каме дарозтар дуо мехонам. Мо дуо хондаро давом додем ва зидди муқобилати рӯҳонӣ истодем.

Баъд аз якчанд дақиқа ман ноумед шуда, гуфтам: «Худо, чӣ рӯй дода истодааст?»

Ман боз дар даруни рӯҳам шунидам: «Ман мехоҳам, ки ту ба онҳо муқобилат кунӣ.»

Ҳоло зиёдтар вақт гузашт. Ман фикр кардам, ки ҳеҷ вақт ин корро

намекунам. Одамон фикр мекунанд, ки ман ғалатӣ ҳастам. Мо боз даҳ дақиқа дуо хондем ва ҳеҷ чиз дигар намуд. Рӯҳафтода шуда, ман ҷамъомадро ба охир расондам.

Он шаб ман ба хона бо дили вазнин рафтам. Ман ҳатто нахостам аз Худо дар бораи ин ходиса пурсам. Ман ҳамту хоб рафтам. Саҳарии дигар ман бедор шудам ва ин вазнинӣ дар рӯҳам зиёдтар шуд. Ман баромада, дуо хондам.

«Худо, шоми гузашта чӣ рӯй дод?»– ман пурсидам.

Вай ҷавоб дод: «Ҷон, Ман ба ту гуфтам, ки ба ин писарбача ва духтар муқобилат кунӣ.»Худо давом дод: «Вақте ки ман туро ба мавқеи қудрат болои ягон ҷамъомад [ё чизи дигар]мегузорам, ту ҷавобгар ҳастӣ, ки тартиб ва қудратро болои ин ҷамъомад нигоҳ дорӣ. Ман ба ҷои ту ин корро намекунам, чунки ин қудратро ба дасти ту додам.

«Вақте ки Ман Одамро дар боғ гузоштам, Ман ба вай гуфтам, ки онро муҳофизат кунад. Вақте ки шайтон омад, ки онро вайрон кунад, ба он нигоҳ накарда, ки Ман дар бораи оқибатҳои даҳшатнок на фақат барои Одам, лекин барои тамоми одамизод, медонистам, Ман фаромада, он меваро аз дасташ нагирифтам! Ман чизи додагиамро гашта намегирам, ман ин масъулиятро ба вай додам. Ин ду одамоне, ки ту бояд муқобилат мекардӣ, рӯҳи исёнгар доштанд. Аз барои он ки ту ба онҳо муқобилат накардӣ, ин рӯҳ иҷозат гирифт, ки ҷамъомадро ҳукмронӣ кунад. Вақте ки ин рӯй дод, Рӯҳи Ман аз он ҷо рафт, чунки ту қудрататро аз даст додӣ.»

Ман зуд тавба кардам ва қарор кардам, ки ҳеҷ вақт ба ин гуна ходиса иҷозат намедиҳам.

Вақте ки ин ходисаро ба он пасторе, ки роҳбари семинар буд, нақл кардам, вай фаҳмид чаро лозим буд, ки ба хизматчии исёнгар муқобилат кунад. Вақте ки рӯшноии дониши Худо ба дилаш омад, рӯяш равшан шуд. Мар ӯро рӯҳбаланд кардам: «Ҳамчун чӯпони ин одамон, ту вазифа дорӣ на фақат онҳоро хӯронӣ, лекин онҳоро муҳофизат ҳам кунӣ. Барои муҳофизат муқобилат кардан лозим буд.»

Ман аз вай пурсидам: «Оё ҳолатҳое мешаванд, ки одамон аз ту чизе хоҳиш мекунанд ва ту дар дилат медонӣ, ки бояд не гӯӣ, лекин барои нигоҳ доштанӣ оромӣ розӣ мешавӣ?»

Вай ҷавоб дод: «Ҳа, Ҷон, ман ин корро мекунам.»Як лаҳза фикр карда, ба ман ғамгинона нигоҳ кард: «Охир ин дурӯягӣ аст?»

Ман розӣ шудам: «Ту дуруст гуфтӣ ва ин дурӯягӣ ва багузаштравӣ аз барои беҷуръатӣ пайдо мешавад.»Вай тавба кард, ки рӯҳи беҷуръатӣ дошт ва тез рафт, ки корҳоро бо одамоне, ки аз тарафашон тарсонда буд, дуруст кунад. Бори дигар вақте ки ӯро дидам, дар рӯяш табассуми калон буд, ӯ дод гуфт: «Ман озод ҳастам!»

Фаҳмида гир, ки ин мисолҳои муқобилати нороҳат ба мо якчанд ҳолатҳои ғайриоддиро нишон медиҳад. Ман дар садҳо ҷамъомадҳо мавъиза кардам, ки дар онҳо муқобилат набуд, фақат озодии бузург буд. Озодӣ табиӣ аст; муқобилат ғайриоддӣ аст. Лекин барои фоидаи шумо лозим шумурдам, ки якчанд мисолҳоро бисёр муфассал нақл кунам.

Ба он нигоҳ накарда, ки ин ходисаҳо фақат дар хизмат рӯй доданд, ин қоидаҳо ба ҳар соҳаи ҳаёти мо низ дахл доранд. Беҷуръатӣ рӯҳ аст ва он бояд ба таври мувофиқ ҳал шавад. Агар мо дар ҷангҳои рӯҳонӣ бо яроқи ҷисмонӣ ҷанг кунем, агар ба хубиаш мо ғамгин мешавем, ва ба бадиаш, мо захмдору мағлуб мешавем.

> Зеро ки мо, агарчи дар ҷисм зиндагӣ мекунем, ба ҳасби ҷисм намеҷангем; зеро ки аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо боиқтидор аст барои хароб кардани қалъаҳо»мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем (2 Қӯр. 10:3-5).

Душмани беҷуръатӣ ба ҷони мо ҳуҷум мекунад. Он бо фикронии мусбат ё рӯҳшиносӣ мағлуб намшавад. Аслиҳаи мо зидди беҷуръатӣ ин шамшери Рӯҳ аст – вақте ки мо устуворона дар Каломи Худо меистем (Эфсӯсиён 6:17)! Чӣ тавре ки мо дар боби оянда мебинем, агар ба беҷуръатӣ муқобилат кунӣ, бахшоиши Худо дар дарунат бедор мешавад.

## *Қисми III*

# ШИКАСТ ДОДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

## *Одам ба ман чӣ кор карда метавонад?*

# *Боби 8*

## БАХШОИШРО АВҶ ГИРОН

Мақсади беҷуръатӣ моро водор мекунад, то мо қудрати худро аз даст диҳем ва аз барои ҳамин бахшоишҳои худро бефаъол мегардонем. Пас мо маҳдуд шуда, фақат дар қуввату қобилияти нокифояи худ амал мекунем. Одатан аз барои ин мавқеи мо аз ҳуҷумкунанда ба мудофиакунанда табдил меёбад. Баъд, вақте ки мефаҳмем, ки осебпазир шудаем, мо боз ҳам ба ақиб ба ҷои бароҳат ва бехатар меравем.

## Бахшоишро бедор кун

Бинобар ин, агар беҷуръатӣ бахшоишро хоб равонад, онро чӣ бедор карда метавонад? Ҷавобаш: ҷуръат. Беҷуръатӣ одамро маҷбур мекунад, ки вай ба ақиб равад, ва ҷуръат бошад ба пеш ҳучум мекунад, ҳатто агар бо мухолифат дучор мешавад. Чӣ тавр одами тарсондашуда метавонад ҷуръатро дарк кунад?

> Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват
> ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (2 Тим. 1:7).

Ҷуръат аз сифатҳои қувват, муҳаббат ва солимақлӣ меояд. Ҷуръат худ ба худ сифати хислат нест. Ҳамаи мо одамонеро мешинохтем, ки ҳам ҷасур, ҳам бешарм буданд. Ҷасорати ҳақиқӣ аз Худо меояд ва аз хислати худотарсӣ қувват мегирад. Ҷасорате, ки аз хислати худотарсӣ қувват мегирад, бахшоишҳоро дар ҳаёти мо бедор мекунад.

Баъзе одамон паси далериашон сифати нағз надоранд. Онҳо гапҳои дурустро медонанд ва дилпурона рафтор мекунанд, вақте ки муқобилат кам аст ё тамоман нест. Лекин қувваташон чуқур нест. Он рӯякӣ аст.Рӯи далери онҳо фақат ниқоби ғурур ва нодонӣ аст. Решаашон чандон чуқур нест ва дар охир шамоли сахт онҳоро фош мекунад. Вақте ки ҳаво нағз аст, ту наметавонӣ чуқурии решаи дарахтро бинӣ, лекин зери бодҳои мусибат дарахт решакан мешавад ё боқувват мебарояд.

## Кӣ боқувваттар аст?

Довуд гуфт: «Худованд нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам?» (Забур 26:1). Довуд эълон кард, ки Худованд сарчашмаи қуввату тавоноии ӯст. Ӯ медонист, ки аз Худо каси бузургтар нест, барои ҳамин,вай бетарс эълон кард: «Ман аз ҳеҷ кас наметарсам!»

Вай на фақат далерона дар бораи бовариаш эълон кард, вай мувофиқи он зиндагӣ мекард. Довуд қуввати Худоромедонист, чунки Худоро мешинохт. Ин далерӣ ба Довуд қобилият дод, ки даъваташро иҷро кунад ва одилона ҳукмронӣ кунад. Биёед ба солҳои ҷавониаш нигоҳ мекунем.

Довуд писари нӯҳуми Йисо ном марде аз Байтлаҳм буд. Се бародари калонаш дар артиш зери роҳбарияти шоҳ Шоул хизмат мекарданд. Фалиштиён артиши худро зидди Исроил ҷамъ карда буданд. Ҳар рӯз қаҳрамони онҳо Ҷолёт аскарони Исроилро ба ҷанг даъват мекард: «Барои худ касеро интихоб кунед, то ки назди ман фурӯд ояд. Агар вай тавонад бо ман ҷангида, маро бикушад, мо бандагони шумо хоҳем шуд; вале агар ман бар вай ғолиб омада, варо бикушам, шумо бандагони мо шуда, хизмати моро ба ҷо хоҳем овард» (1 Подш. 17:8-9).

Одатан исроилиҳо метавонистанд бо ин розӣ шаванд, лекин Ҷолёт аскари оддӣ набуд. Мувофиқи Навиштаҷот қадаш се метру бисту панҷ сантиметр буд. Барои он ки инро тасаввур кунӣ ба доираи баскетбол нигоҳ кун. Сараш бошад панҷ сантиметр аз кунҷаш болотар мешуд! Вай на фақат қадбаланд буд, вай ҷанговари ботаҷриба буд. Як пайкони найзааш ҳафт кило вазн дошт. Хӯдаш биринҷӣ буд ва зиреҳаш 55 кило вазн дошт! Вазни пурраи яроқ, найза ва зиреҳаш аз навад кило зиёдтар буд, шояд аз вазни он вақтии Довуд зиёдтар бошад. Гуфтан лозим нест, ки Ҷолёт бисёр тарсовар буд! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Ва Шоул ва тамоми Исроил ин суханони фалиштиро шуниданд, ва воҳима карда, бағоят ҳаросон шуданд» (1 Подш. 17:11).

Довуд гӯсфандонро мечаронд ва падараш ӯро фиристод, ки ба се бародари калонаш хӯрок барад ва онҳоро хабар гирад.Баъд аз он, ки хӯрокро ба нигаҳбони захираҳо дод, вай давид, то ки бародаронашро хабар гирад. Дере нагузашта, Ҷолёт баромад, ки исроилиёнро аллакай рӯзи чилум масхара кунад.

Довуд аз дидагиаш ҳайрон шуд – на аз калонии Ҷолёт, лекин аз рафтори бародарону ҳамватанонаш. «Ва ҳамаи мардони Исроил он мардро дида, аз вай мегурехтанд ва бағоят ҳаросон мешуданд»(1 Подш. 17:24). Шояд Довуд фикр мекард: Оё онҳо фаромӯш карданд, ки тарафдори мо кӣ аст? Вай моро не, Худоро ба ҷанг даъват мекунад!

Барои ҳамин Довуд далерона пурсид: «Ин фалиштии номахтун кист, ки лашкарҳои Худои Ҳайро таҳқир намояд?» (1 Подш. 17:26). Ҳаво бо

муқобилат ғафс буд. Бародарони калониаш худро бараҳна ҳис карданд, вақте ки Довуд беҷуръатии онҳоро фош кард. Онҳо шунидан намехостанд, ки чӣ тавр додари хурди онҳо инро эълон мекунад. Гапаш сустии онҳоро ошкор кард ва пеш аз ин лозим набуд, ки бо сустии худ рӯ ба рӯ шаванд. Ҳамаи онҳо ба гузашт рафтанд ва хомӯш буданд.

Онҳо ба Довуд ҳамла карданд, чунки медонистанд, ки агар ӯро бадном кунанд, шарми онҳо пӯшида мешуд. Бародари калонӣ, ки аз тарафи Ҷолёт тарсонда буд, кӯшиш кард, ки бародари хурдашро тарсонад.

Вақте ки Элиоб, бародари калони Довуд, сӯҳбати ӯро бо одамон шунид, бо хашм ҷӯш зада, аз вай пурсид: «Чаро ба ин ҷо фурӯд омадӣ? Ва он рамаи камеро дар биёбон назди кӣ гузоштӣ? Ман густохӣ ва шарорати дили туро медонам: ту барои тамошои ин ҷанг фурӯд омадаӣ» (1 Подш. 17:28).

Ҳоло Элиоб ҷасур буд – бо ғазабаш ҷасур буд. Вай ба хислати Довуд ҳамла кард, на ба мушкилие, ки пеши Исроил истодааст. Вақте ки одам тарсонда шудааст, вай халосӣ, раҳоиро аз фишор меҷӯяд. Агар вай камқувват бошад, вай баҳона мекобад. Агар вай боқувват бошад, вай бисёр вақт ба он касоне, ки бо вай дучор мешаванд, ҳуҷум мекунад, то ки онҳоро айбдор кунад.

Пайхас кунед, ки Элиоб Довудро барои ҳавобаландӣ ва бадкирдорӣ айбдор кард. Аз барои он, ки Элиоб фақат дар бораи худаш фикр мекард, вай шояд фикр кард, ки Довуд монанди вай аст. Лекин Довуд дигар хел буд. Вай мувофиқи дили Худо буд. Вай назди Худованд мағрур набуд, лекин фурӯтан буд.

Одамоне, ки шахсияти қавӣ доранд, беҷуръатиро истифода мебаранд, то ки дурӯғро ба ростӣ монанд кунанд. Ту бояд дар рӯҳ монӣ, то ки қуввати ин ҳуҷумҳоро шикаст диҳӣ.

Эҳтимол Элиоб ҳасад мебурд. Самуил Довудро ба подшоҳӣ тадҳин кард, бо вуҷуди он, ки Элиоб бародари калонӣ буд. Менамуд, ки вай хислати пешво ва ҷанговари бузург дошт. Ҳатто вақте СамуилЭлиобро дид, фикр кард, ки тадҳиншудаи Худованд албатта дар пеши вай аст! Лекин Худо инро истифода бурд, ки ба Самуил дарс диҳад: «Ба қиёфааш ва қомати баландаш назар наадоз, чунки Ман ӯро хуш накардаам; он чӣ одам мебинад, ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад» (1 Подш. 16:7).

Пас, дили кӣ ҳавобаланд буд? Худо ба Самуил ошкор кард, ки Вай Элиоброаз барои намуди берунӣ ё қаду қоматаш интихоб накард, ва аз барои ҳамин сабабҳо Худо варо рад накард. Худо дилро доварӣ мекунад. Вақте ки Худо ғурурро дар дил меёбад, Вай ба ин одам муқобилат мекунад (Яъқуб 4:6). Худо Элиоброрад кард, чунки вай дар дилаш мағрур буд. Он чизе, ки Элиоб Довудро барояш айбдор мекард, дар ҳаёти худашбуд – яъне ҳавобаландӣ!

Одатан бечуръатӣ туро барои он заифие айбдор мекунад, ки мехоҳад пинҳон кунад. Он касоне, ки аз берун пок рафтор мекунанд, лекин дилашон нопок аст, ҳама вақт ба одамоне, ки дили пок доранд, ҳуҷум мекунанд. Ба ёд овар, ки Тимотиюс, ки дили пок дошт, тарсонда буд. Ман боварӣ дорам, ки дар калисоиЭфсус одамон буданд, ки дилашон монанди дили Элиоб вайрон буд.

Исо доим бо бечуръатӣ дучор мешуд. Фарисиён ва шариатдонон, ки дили нопок доштанд, кӯшиш карданд Ӯро бадном кунанд ё аз каломаш доранд. Агар онҳо тавонистанд Ӯро тарсонанд, пас метавонистанд Ӯро назорат кунанд. Барои ҳамин гуфтанд, ки Вай хиёнаткор, хасис, аракхӯр ва гунаҳкори девдор буд, ва ин худи хислатҳои бисёри онҳо буданд. Исо розӣ нашуд, ки зери назорати онҳо дарояд ва бо ин дили онҳоро фош кард.

Чаро одамон бо дили нопок кӯшиш мекунанд одамонро бо дили пок тарсонанд? Барои он, ки аз айб халос шаванд ва назорат карда тавонанд. Агар онҳо дар тарсонданӣ комёб шаванд, лозим намешавад, ки дили худро тафтиш карда, тавба кунанд. Элиоб медонист, ки аз барои ҳуҷуми айбдоркунӣ ва тарсондакунӣ, бародараш Довуд гапдаро мешуд, ва фишорро аз Элиоб дур мекард.

Вазъият дигар шуд; акнун муқобилат зидди Довуд буд. Вай зери ҳуҷум буд ва бародари калонаш аз вай хеле калонтар буд. Дар ёд дошта бош, ки бародарони калон метавонанд барои додарҳои худ мушкилоҳоро эҷод кунанд. Агар Довуд чизи Элиоб мехостагиашро намекард, баъдтар дар хона ҷанҷоли калон мешуд. Барои тарафдор кардани чизҳои дуруст маҷбур мешуд нархи калон месупорид. Оё ин кор меарзад ё не?

Ин фишори ягона бар зидди вай набуд. Дигарон бошад Элиобро дастгирӣ мекарданд. Онҳо ҳам намехостанд, ки тарсу ҳароси онҳо аз тарафи кӯдаки сурхрӯй фош гардад! Барои Довуд осонтар мебуд, агар ақиб гашта, гапро дигар давом надиҳад. Элиоб, ҳаросонгар ва дигарон маҳз ҳамин чизро мехостанд.

Довуд қарор кард, ки дар тарафи Худо мемонад ва бечуръатиро, ки зидди вай равона буд, шикаст диҳад. Вай аз Элиоб пурсид: «Ман чӣ кардам? Фақат сухане гуфтаам.» (1 Подш. 17:29). Дар асл вай мегуфт: Оё гапи гуфтагиам дуруст нест? Ҷасорати ту куҷост? Ман наметарсам. Эҳтимол, барои он ки шумо дар давоми чил рӯзи гузашта метарсидед, Худо маҷбур шуд, ки касеро ёбад, ки тарсонда набошад ва бо ин фалиштии номахтун ҷангад! Барои ин ҷо буданам сабаб ҳаст.

Баъд ӯро ба назди шоҳ оварданд, Шоул, ки аз Ҷолёт метарсид, бо Довуд баҳс кард: «Ту наметавонӣ ба муқобили он фалиштӣ биравӣ, то ки бо вай ҷанг кунӣ, зеро ки ту ҷавон ҳастӣ, ва ҳол он ки вай аз ҷавониаш марди ҷангӣ будааст»(1 Подш. 17:33). Агарчи ин гапаш монанди гапи бародари калониаш тезу хордор набуд, гапи шоҳи метарсидагӣ ин ҷавонро паст мекард.

Ҷавоби Довуд ба шоҳ аз ҷавобаш ба бародарони калонаш фарқ мекард. Вай гуфт:

> «Бандаат рамаи падари худро мечаронид, ва ҳангоме ки шер ё хирсе омада барраеро аз рама мерабуд, ман аз ақиби он берун омада, онро мекуштам ва аз даҳонаш раҳо мекардам, ва агар он ба ман ҳуҷум меовард, ман мӯи жӯлидаашро дошта, онро мезадам ва мекуштам. Бандаат ҳам шер ва ҳам хирсро куштааст, ва ин фалиштии номахтун мисли яке аз онҳо хоҳад шуд, зеро ки лашкарҳои Худои Ҳайро таҳқир кардааст». Ва Довуд гуфт: «Худованд, ки маро за чанголи шер ва чанголи хирс раҳоӣ додааст, аз дасти ин фалиштӣ низ раҳоӣ хоҳад дод» (1 Подш. 17:34-37).

Бо бародаронаш ва аскарон вай бисёр ҷасурона ва зид гап мезад. Аммо, вақте ки бо шоҳ гап зад, медонист, ки ба шахсе мурочиат мекард, ки болои ӯ қудрат дошт. Вай аз шоҳ монанди писар аз падараш илтимос кард. Вай таҷрибаашро пешниҳод кард ва эълон кард, ки Худованд халоскунандаи вай аства бовар мекард, ки шоҳ инро дуруст мефаҳмад.

Ҷавобгарӣ ва масъулият барои ин қарор дар души шоҳ буд. Агар ҷангро бой диҳад, тамоми халқ ба асирӣ мерафт. Довуд медонист, ки агар лозим мешуд, ки вай ҷангад, Худо дили шоҳро мегардонад. Муҳим аст, ки бо одамоне, ки болои мо қудрат доранд, мо ин тавр рафтор кунем. Баъд аз сухани Довуд, Шоул барои ҷангиданаш розӣ шуд. Вай гуфт: «Бирав, ва Худованд бо ту бод.»

Довуд аслиҳаю зиреҳи Шоулро қабул накард. Лекин худро зери муҳофизати Худованд гузошт, ки сипару ҳимояи Довуд буд, вай чизҳояшро ба як даст гирифту фалахмонро ба дигар даст, назди дарёча рафта, панч санги ҳамворро гирифт. Вақте ки фалиштӣ наздик шуд, Довуд бо мушкилии калонтар дучор шуд ва мебоист беҷуръатиро мағлуб кунад. Агар дар ин вақт метарсид, дар натиҷааш на фақат бахшоиши Худо бефаъол мешуд, лекин ҷонашро аз даст медод ва давлаташ ба асирӣ меафтод.

Ва фалиштӣ назар андохта, Довудро дид, ва аз ӯ нафрат кард [паст зад]; зеро ки ҷавони сурхрӯ буда, чехраи некӯ дошт. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: «Оё ман саг ҳастам, ки бо таёқе назди ман меоӣ?» Ва фалиштӣ Довудро бо худоёни худ лаънат кард. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: «Назди ман биё, то гӯшти баданатро ба мурғони ҳаво ва даррандагони саҳро бидиҳам » (1 Подш. 17:42-44).

Ҷолёт мехост Довудро на фақат боқадбаландии худ, лекин бо гапаш ҳам тарсонад. Баъд аз лаънат хондани Довуд, ин азимҷусса тасвири равшанро кашид, ки вай бо Довуд чӣ кор мекунад. Албатта Ҷолёт бар Довуд бартарӣ дошт, лекин Довуд як лаҳза ҳам ба сарчашмаи қувваташ ва ба яроқаш шубҳа накард:

Ва Довуд ба фалиштӣ гуфт: «Ту бо шамшер ва найза ва мизроқ бар ман меоӣ, валекин ман бо исми Худованди лашкарҳо, Худои фавҷҳои Исроил, ки Ӯро таҳқир намудаӣ, бар ту меоям. Имрӯз Худованд туро ба дасти ман хоҳад супурд, ва ман туро кушта, каллаатро аз танат ҷудо хоҳам кард, ва лошаҳои ӯрдуи фалиштиёнро имрӯз ба мурғони ҳаво ва даррандагони замин хоҳам дод, то тамоми аҳли замин бидонанд, ки дар Исроил Худо ҳаст. Ва тамоми ин ҷамоат хоҳанд донист, ки Худованд на бо шамшер ва найза наҷот медиҳад, балки ин ҷанги Худованд аст, ва Ӯ шуморо ба дасти мо хоҳад супурд» (1 Подш. 17:45-47).

Довуд бо ҷасорат вафодории Худоро эълон кард. Мардуми Исроил фақат калонии азимҷуссаро медиданд, лекин Довуд калонии Худоро дид! Мардуми Исроил тамошо карданд, чӣ тавр Довуд ба назди душмани Худо давид – на фақат дар суханаш, лекин дар амалаш ҳам устувор буд.

> Ва Довуд дасташро ба кӯлбор бурд, ва аз он ҷо санге гирифта, ба фалахмон андохт, ва ба пешонии фалиштӣ зад; ва санг ба пешонии вай ғӯтида, вай рӯй бар замин фурӯ ғалтид (1 Подш. 17:49).

Ҷасорати Довуд гузаранда буд ва умеди Исроил барқарор шуд. Худо тарафдори онҳо буд, аммо фалиштиён фақат қаҳрамони мурда доштанд. Исроилиҳо ҳуҷум карда, фалиштиёнро таъқиб карданду шикаст доданд.

Дар давоми ин ходиса Довуд се маротиба бо беҷуръатӣ рӯ ба рӯ шуд. Якум бор, бародаронаш ва ҳамхизматашон бисёр ҷидду ҷаҳд карданд, ки ӯро паст зананд, тӯҳмат кунанд ва дилхунук гардонанд. Агар вай зери беҷуръатии онҳо ноил мешуд, вай он чизеро, ки Худо ба дилаш андохта буд, таслим мекард. Вай гашта ба хонааш мерафт ва бахшоиши Худо бефаъол мешуд. Ва оқибат тамоман дигар мешуд: Довуд ин азимҷуссаро намекушт. Вай ба халқи Исроил боз ҳам зулм мекард, ва Худо каси дигарро намеёфт, ки корашро иҷро кунад.

Дуюм, вай аз шоҳ гапи пастзанӣ ва ноумедиро шунид. Агар Довуд ақиб мегашт, бахшоиши Худо бефаъол мемонд. Лекин розӣ нашуд, ки ҳатто аз тарафи шоҳ тарсонда шавад. Вай ҳурматашро нисбати роҳбари халқ нигоҳ дошт, лекин тавонист шоҳро бовар кунонад, ки барои ҷанг карданаш иҷозат диҳад.

Сеюм, вай бо беҷуръатӣ аз ҷониби азимҷуссаи фалиштӣ дучор шуд. На фақат қадбаландии вай барои чашми одам бузург буд, боз ҳам бисёр ба худ боварӣ дошт. Вай кӯшиш кард, ки Довуд худро хурд ва камқувват ҳис кунад, аз ҳайвони майда ҳам хурдтар. Агар Довуд ба беҷуръаткунии вай ноил мешуд, бахшоиши Худо, ки даруни вай буд, бефаъол мемонд ва аз ҷони худ халос мешуд.

Довуд ба қуввати Худо ин қадар боварӣ дошт, ки ҳаёташро зери хатар гузошт. Ин ҷуръат бахшоиши Худоро андаруни вай бедор кард ва ӯ азимҷуссаро, ки тамоми артишро дар давоми чил рӯз метарсонд ва зулм мекард, мағлуб кард!

## Қуввати Аҳди нав

Дар номаи Павлус ба калисои Қӯринтиён, вай ҷалоли хизмати марговарро (Аҳди қадим) бо ҷалоли хизмати Рӯҳ (Аҳди нав, 2 Қӯр. 3:7-8) муқоиса мекунад. Вай мулоҳиза мекард, ки агар қуввати Аҳди қадим ин қадар пурҷалол буд, ки халқи Исроил наметавонистанд ба рӯи Мусо нигоҳ кунанд, пас чӣ қадар хизмати Аҳди нав ва ҳаётбахшанда қаввитар аст!

Павлус «нав»-ро ин тавр тасвир кард: «ин ганҷро дар зарфҳои гилин дорем, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо» (2 Қӯр. 4:7). Ана боз як одами дигар, киХудои худро мешинохт ва қуввату қудраташро, ки аз они вай набуд, мефаҳмид. Павлус давом мекунад:

Зеро, агар чизи фонӣ ҷалол дошта бошад, пас чизи бақодор хеле зиёдтар ҷалол дорад. Бинобар ин мо, ки чунин умед дорем, бо камоли ҷасорат амал мекунем (2 Қӯр. 3:11-12).

Ин қувват ҷасоратро ба вуҷуд мебиёрад. Дар ҳаёти имондороне, ки ба қуввати худ боварӣ надоранд, далерии калон аст. Онҳо аз вазъият, одам ё шайтон наметарсанд, чунки Худо аз онҳо наметарсад. Ин ваъда дар Ибриён 13:5-6 барои мо аст:

> Зеро ки Худи Ӯ [Худованд] гуфтааст: «Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт», бинобар ин мо метавонем далерона бигӯем: «Худованд мадаргори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд: одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?»

Мо бояд бо ҷуръат эълон кунем: Одам ба ман чӣ карда метавонад?

Маҳз ҳамин боварӣ ба ҳар имондор дастрас аст. Чаро худро имондор мегӯем, агар мо бовар накунем? Ба чӣ бовар кунем? Ба Худо! Ягон одам ё шайтон ҳақ надорад, ки имондори ҳақиқиро тарсонад. Барои чӣ? Аз барои Исо. Ягон номе нест, ки аз номи Ӯ болотар бошад; ягон қувватe нест, ки аз қуввати Ӯ бузургтар бошад. Вай гуфт: «Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд» (Луқо 10:19).

Оё ин боз ҳам фаҳмотар шуда метавонад? Вай ба халқи худ болои ҳар чизе, ки душман дорад, қудрат дод. Беҷуръатӣ душман аст. Вай ба ту дурӯғ гуфта, мегӯяд: Ман аз ту дида, зиёдтар қудрату қувват дорам. Беҳтар таслим шав ва гапамро иҷро кун! Агар накунӣ, натиҷаашро мегирӣ.

Агар мо ба ин дурӯғи беҷуръаткунӣ гӯш диҳем, бахшоиши Худо бефаъол мешавад ва мо дар ҳолати рӯҳафтода ва мазлум зиндагӣ мекунем.

Лекин вақте ки мо Шахсеро мешиносем, ки ваъда кард, ки бовафо мемонад, мо метавонем ба қуввате, ки аз ҳамаи қувватҳои дигар болотар аст, умед бандем ва монанди Довуд бо азимҷуссаи беҷуръатиамон бо ҷасорати бузург рӯ ба рӯ шавем.

## Оё имони ту ин қадар душворфаҳм аст, ки ту бовар карда наметавонӣ?

Ин ростиро фаҳмидан душвор нест. Дар ҳақиқат, он осон аст. Хушхабари ҳақиқӣ душворфаҳм нест. Одамон аз барои беимонии худ ноком мешаванд.

Ба худ савол деҳ ва самимона ҷавоб деҳ: Оё боварии ту дар гуфтаи Худо аст ё дар он чизҳое аст, ки ту мебинӣ ва аз сар мегузаронӣ? Агар ту ҳама чизро аз рӯи чизҳои гузашта андоза кунӣ, ту аз ин калонтар намешавӣ.

Оё ту имони худро дар асоси он чӣ, ки бо дигарон рӯй медиҳад, месозӣ? Оё сатҳи бовариат бо вафодории дигарон чен карда мешавад?

Агар ба ин саволҳо «бале»ҷавоб дода бошӣ, пас чуқуртар рав. Оё ту кӯшиш кардӣ, ки нокомии худро ё дигаронро фаҳмонӣ ва ҳолат боз ҳам мушкилтар мешуд? Имони мураккаб азимҷуссаҳоро нобуд карда наметавонад. Он туро дар замини «гумон»ҳабс мекунад, ки дар он мо фикр мекунем чиро тағир карда наметавонем ва барои ҳаракат кардан ҷуръат намекунем.

Чаро имондорон наметавонанд ҳамту бовар кунанд? Чаро мо ба шубҳаҳои худ иҷозат медиҳем, ки хушхабарро мураккаб кунанд?

Мехоҳам ба шумо як чизро нақл кунам, ки бароям фаромӯшнашаванда аст. Ин дар соли 1980 рӯй дод ва ман донишҷӯ буда, дар штати Каролинаи шимолӣ зиндагӣ мекардам. Ман соати чори саҳар аз хоби сахт аз барои додзании худам бедор шудам:

«Ман касеро меҷуям, ки бовар мекунад!»

Ин маро таконд. Кати ман аз барои арақ карданам нам буд. Ман медонистам, ки Худо инро ба ман бо роҳи ғайриоддӣ ва фавқултаббиӣ гап зад.

Ҳамон лаҳза ман фикр кардам: Ин фаҳмо аст. Чаро Худо ба ман як чизи муҳим нагуфт? Албатта ман медонам, ки ба Худо одамон лозим ҳастанд, ки бовар мекунанд!

Саҳарии оянда ин сухан аз ақлам берун намешуд. Боз ва боз ман пичирросро мешунидам: «Ман касеро меҷуям, ки бовар мекунад; Ман касеро меҷуям, ки бовар мекунад.»Вақте ки боз гӯш кардам, фаҳмидам, ки он чизе, ки Худо ба ман нишон дод, чизи оддӣ набуд, лекин худи асосро барои зиндагӣ кардан бо Худо нишон дод!

Ман Хушхабарро ба ёд овардам ва пайхас кардам, ки Исо аз барои беимонии одамон ғамгин ва зиқ мешуд. Вақте ки шогирдонаш аз як одами ҷавон натавонистанд деврo берун кунанд, Исо онҳоро барои ин сахт маломат кард.

> Исо дар ҷавоб гуфт: «Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред» (Матто 17:17).

Чӣ қадар гапи сахт барои шогирдони худ! Исо монанди бисёр пешвоёни имрӯза сустирода ва дудила набуд! Ба онҳо фаҳмо гуфта дод, ки бахшоиши Худо дар онҳо беамал мемонад, агар онҳо бовар накунанд. Исо мехост, ки онҳо донанд, ки Вай аз барои онҳо ғамгин шуд.

Ба ғайр аз ин ман пайхас кардам,ки Исоро чӣ ба шавқ меовард: одамоне, ки бешубҳа бовар мекарданд! Нисбат ба дигар одамон дар Исроил, имони аскари румии ғайрияҳудӣ диққати зиёдро ҷалб кард. Ин марди румӣ ба Исо гуфт, ки ҳатто лозим набуд ба хонааш биёяд;агар Вай фақат як калом гӯяд, хизматгораш шифо меёбад. «Ва Исо ин суханонро шунида, дар тааҷҷуб монд ва ба пайравони Худ гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: чунин имоне дар Исроил ҳам наёфтаам» (Матто 8:10).

Мо мехоҳем, ки Исо ба хонаи мо биёяд, лекин вақте ки ба он мерасад, ба Ӯ савол медиҳем. Мо имонро мураккаб кардем. Пас имон чӣ аст? Бовар кардан, ки Худо чизи гуфтагиашро иҷро мекунад.

Исо гуфт, ки ба мо болои тамоми қувваи душман қуввату қудрат дод. Ба мо лозим аст, ки мо фақат ба Вай бовар кунем ва пас дар ин қуввату қудрат гардем. Мо набояд зиндагии худро бо тарс, шакку шубҳа ё ёдоварӣ дар бораи нокомиҳо ва хатогиҳои гузаштаи худ мураккаб кунем. Агар онро душворфаҳм кунем, мо аз ҷасурии худ маҳрум мешавем ва наметавонем дар қобилияти Худо амал кунем. Бахшоиши Худо дар мо бефаъол мешавад!

Пеш аз он, ки мо дилпурона аз киштии худ сӯи обҳои пуртӯфони зиндагӣ бароем, мо бояд нияти дили худро донем, вагарна ғарк мешавем! Дар боби оянда ман фарқиятро байни нияте, ки ба ту ёрдам мекунад, то ту истодагарӣ кунӣ, ва байни нияте, ки туро ғарк мекунонад, нишон медиҳам.

***То он даме, ки Худо он кореро мекунад, ки мо интизор ҳастем, боваринокбудан осон аст.***

## *Боби 9*

# РЕШАИ БЕҶУРЪАТӢ

Озод будан аз беҷуръатӣ маънои ҳатман озодии бемаҳдуд пайдо карданро надорад. Баъзе аз одамони машҳуре, ки ман медонам, бо беҷуръатӣ мубориза мебурданд. Бисёр вақт мешавад, ки ҷилои онҳо танҳо барои рӯйпӯш кардани беҷуръатӣ ва тарс мебошад, ки онҳо дар ботини худ бо он мубориза мебаранд. Дамдузӣ (хапакӣ) нишонаи ягонаи беҷуръатӣ нест. Баъзе аз одамон, чӣ қадаре, ки худро озод хис накунанд, ҳамон қадар зиёд гап мезананд.

Шармгинӣ ва беҷуръатӣ ҳеҷ чизи умумӣ надорад, бо он ки шумо то чӣ андоза тадҳиншуда ҳастед. Ман одамонеро медонам, ки хизматгузорони қавӣ буданд, лекин ба ҳар ҳол бо беҷуръатӣ мубориза мебурданд. Вақте ки онхо дар тадҳин буд, онҳо нотарс буданд, камқувватии онхо бо тадҳини Худо рӯйпӯш мешуд. Вақте ки пироҳани тадҳин онхоро тарк мекард, онҳо ба одамони оддие табдил меёфтанд, ки бо тарс ва радшавӣ мубориза мебаранд. Ҳангоми муносибати як ба як беҷуръатии ҳайратовари онҳо ба назар мерасид. Аз куҷо ман ҳамаи инро медонам? Ман худам чунин будам.

Шумо метавонед боқувват, ҷасур ва ҳатто тадҳиншуда бошед ва ба ҳар ҳол бо беҷуръатӣ мубориза баред. Вақте ки фишор ба қадри кофӣ зиёд мешавад, ба берун он чизе мебарояд, ки дар асл шумо аз он сохта шудаед. Беҷуръатӣ бо норасогии хислат, қувваи ҷисмонӣ ё тадҳин ҳеҷ чизи умумӣ надорад. Пас чӣ одамонро муҳтоҷи беҷуръатӣ мекунад?

## Чизҳои намоён бар зидди ростӣ

Барои он ки ба ин савол ҷавоб диҳем, биёед Шимъун Петрусро мушоҳида мекунем. Вай шахсияти махсус буд ва ҳеҷ гоҳ шарм намедошт, ки фикри худро бигӯяд. Ӯ далер буд. Ба назар мерасид, ки Петрус иродаи қавӣ дошт ва нотарс буд. Гӯё ҳеҷ чиз Петрусро ба шубҳа оварда наметавонист, вале ин руй дод. Тарс дар назди марг ӯро маҷбур кард, ки се маротиба аз Исо рӯй гардонад. Инак, қобилияти озод будан аз беҷуръатӣ –ин нишонаи шахсияти қавӣ нест. Дар акси хол Шимъӯн ҳеҷ гоҳ аз Исо рӯй намегардонд ва беҳтар аз ҳама барои бовафо мондан тайёр мебуд.

Назарияҳо ҳастанд, ки Шимъӯни Петрусро ҳамчун як шахси оддии сергап тасвир мекунанд. Баъзан мегӯянд, вақте ки кор болои кор омад, ӯ мисли «чӯҷа» рафтор кард. Ман ба ин бо чунин савол ҷавоб медиҳам: «Чӣ қадар зиёд «чӯҷаҳо» ҷуръат мекунанд, ки бар зидди анбӯҳи то ба дандон, мусаллаҳ истода, ҳуҷум кунанд?» Петрус далерона инро кард! Дар Юҳанно 18:3,10 навишта шудааст:

> Пас Яҳудо як даста сарбозон ва мулозимонро аз саркоҳинон ва фарисиён гирифта, бо чароғҳо ва машъалҳо ва аслиҳа ба он ҷо омад...Шимъӯни Петрус, ки шамшер дошт, онро кашида, ба ғуломи саркоҳин, ки Малхус ном дошт, зад, ва гӯши рости вайро бурида партофт.

Ин умуман «рафтори чӯҷа» нест. Пас чӣ, Петрус ба аскар дарафтод, танҳо аз барои он ки баъдан аз духтар-каниз тарсад? Ҳа, дар ҳақиқат ин каниз ӯро тарсонд! «Аммо Петрус дар берун, дар рӯи хавлӣ нишаста буд. Ва канизе назди вай омада, гуфт: ту низ бо Исои Ҷалилӣ будӣ». Лекин ӯ инро инкор кард (Матто 26:69-70).

Аз куҷо чунин тағиротҳо?

## Далерии нишондодашуда

Барои он ки ба ин савол ҷавоб диҳем, биёед ба ҳодисаҳои пештари хамон шом бармегардем. Ҳамаи шогирдон якҷоя иди Фисхро ҷашн мегирифтанд. Исо онҳоро огоҳ кард:«Хамаи шумо имшаб дар ҳаққи Ман ба васваса хоҳед афтод»(Матто 26:31). Лекин Петрус худро истисно ҳисобида далерона иброз дошт: «агар ҳама дар ҳаққи Ту ба васваса афтанд хам, ман ҳаргиз намеафтам» (Матто 26:33). Чӣ хел зоҳиршавии мардонагии аҷоиб. Ба назар чунин менамояд, ки гӯё Худи Исо хато кард, ки Петрусро дар ин қатор ҳамроҳ кард.

Лекин Исо рост ба ҷони Петрус нигоҳ карда, ӯро ислоҳ намуд: «Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки дар ҳамин шаб, пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард» (Матто 26:34). Чӣ хел зарба ба худбоварии Петрус! Исо гуфт, ки ӯ на танҳо пешпо мехӯрад, балки ӯро рад мекунад.

Одаме, ки хислат ё иродаи суст дорад, дар ин бозмеистод. Оё Устод ягон бор хато карда буд? Аммо Петрус дар мавқеи худ истодагарӣ намуд: «ҳатто агар бо Ту мурданам лозим ояд, Туро инкор намекунам» (Матто 26:35). Умуман ин изҳори далерона дигаронро рӯҳбаланд намуд, ки розӣ шаванд: «ҳамаи шогирдон низ ҳамчунин гуфтанд» (Матто 26:35).

## Ниятҳо аз чизҳои намоён фарқ карда метавонанд

Ҳангоми рӯякӣ дида баромадан, ба назар чунин мерасад, ки ин одамон ниятҳои пок ва ҷасурии бузург доштанд. Дар вақти батафсил омӯхтан

мо ошкор мекунем, ки на муҳаббати Худо, балки як чизи дигар нияти ҳаракаткунандаи онҳо буд.

Пеш аз он ки онҳоро огоҳ кунад, Исо гуфт: «Ва инак, дасти таслимкунандаи Ман бо Ман дар сари суфра аст» (Луқо 22:21). Чӣ хел дахшатнок, чӣ хел бад аст, фикр кардан, ки кадоме аз онҳо метавонад Исоро таслим кунад. Исоеро, ки тамоми ин вақт бо онҳо мегашт; Исоеро, ки дар бораи онҳо ғамхорӣ мекард! Ва ҳоло ба ӯ дасти худро боло кардан, ба ӯ- ба Масеҳ!

Ҳол он ки Исо медонист, ва аз аввал, ки ин кас мешавад, ва ӯ чӣ кор мекунад, шогирдон бошанд дар бораи ин бори аввал шуниданд. Шумо ба худ тасаввур карда метавонед, муҳити ноороми ва гумонбариро, ки дар он хона баъд аз ин изҳорот пайдо шуд!

«Ва онҳо аз якдигар пурсидан гирифтанд, ки кадоме аз онҳо ин корро мекарда бошад» (Луқо 22:23). Шогирдон ба шубҳа афтоданд ва бовар накарданд, ки яке аз онхо ба чунин амали шарироне, ки дар ақл ҷой намешавад, қодираст. Пас, ниятҳои онҳо барои чунин тафтишот чӣ гуна буд? Албатта, ин гамхорӣ нисбати Исо буд. Магар ҳамин тавр буд? Сӯҳбати байни худ онҳоро ошкор месозад. Ба ояти оянда нигоҳ кунед:

> Дар миёни онҳо инчунин баҳсу мунозира шуд, ки кадоме аз онҳо бояд бузургтар ҳисоб ёбад (Луқо 22:24).

Мо бараъло дида метавонем, ки сабаби тафтишоти онҳо худпарастӣ ва мағрурӣ буд. Исо гуфт, ки ба наздикӣ аз тарафи саркоҳинон асир гирифта ва ба марг маҳкум карда мешавад, лекин шогирдон барои интихоби воситаҳо барои ба даст овардани ҳокимият ва мавқеъ шарм надоштанд. Чӣ хел худпарастӣ!

Гуфтан мумкин аст, ки кӣ ин муҳокимарониро сар кард. Аз эҳтимол дур нест, ки ин Петрус Шимъӯн буд, ки аз рӯи гузаштаҳои лидерӣ ва хислати ҳукмронии худ амал кард.

Шояд ӯ хеле зуд ба ҳама боқимондаҳо хотиррасон намуд, ки ӯ ягона ҷасурӣ пайдо карда буд, ки дар рӯи об роҳ равад (Матто 14:28-31). Ё мумкин аст, ки хотираҳоро оиди пешниҳоди худ нав сохт, ки дар асл Исо кӣ буд (Матто 16:15-16). Ва боз эҳсосоти худро даркӯҳи дигаргуншавӣ Исо, Мусо ва Илёс аз сари нав нақл кард (Матто 17:1-8).

Аз эҳтимол дур нест, ки ӯ ба худ боварии комил дошт, ки аз байни дувоздаҳ нафар бузургтар аст. Лекин оё ин боварӣ дар муҳаббат реша дошт? Ман боварӣ дорам, ки он вақт Петрус маҳз ҳамин хел фикр мекард. Аммо бадтар ҳамааш ранги дигар мегирад. Боварии вай аз мағрурӣ ва худпарастӣ сарчашма гирифта буд. Инро дар хотир нигоҳ доред ва ба давомаш меравем.

## Фишори равган

> «Баъд аз ин Исо бо онҳо ба мавзее ки Ҷатсамонӣ ном дошт, омад ва ба шогирдонаш гуфт: дар ин ҷо бинишинед, то ки дар он ҷо дуо гӯям» (Матто 26:36).

Калимаи «Ҷалҷото» маънои «фишори равган»-ро дорад. Бо ин фишор рағганро аз зайтун мекашанд. Аз зайтун ба осонӣ равган намебарояд. Танхо вақте ки фишори зиёд оварда мешавад, равған аз ҳосилҳо мебарояд. Ҷалҷото- ҷои чунин фишороварӣ аст, лекин на ба зайтун, балки бар дил. Ҳангоми фишороварии бошиддат ҳар он чизе, ки дар дохили мо аст, ба берун мебарояд, бисёр вақт аз ин мо худамон дар ҳайрат мешавем. Дигар хел карда гӯем, вақте ки озмоишҳо меоянд, ниятҳои дили мо озмуда мешаванд ва фош мегарданд.

Исо ба Ҷалҷото ҳамроҳи Петрус, Яъқуб ва Юханно омад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: «Ва хеле маҳзун ва дилтанг шуд» (Матто 26:37). Ҷони Исо «то ба дараҷаи марг ғам мехӯрд», барои он ки ӯ таҳти ин фишор буд. Ӯ аз муҳорибаи бузургтарини худ мегузашт: озмоише, ки иродаи Падарро бо дигар роҳ иҷро кунад ва бо ҳамин тариқ Худро наҷот диҳад.

Баъзе одамон бовар намекунанд, ки Исо қобилияти гуноҳ карданро дошт. Лекин мо бояд фаҳмем, ки ӯ «дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард» (Ибриён 4:15). Озмуда шудан, ё дар озмоиш қарор ёфтан, маънои бо чизе мубориза бурданро дорад. Исо иммунитети ба зидди гуноҳ мубориза бурданро дар худ надошт, лекин хамеша онро ғалаба мекард. Барои чӣ? Барои он ки ӯ аз рӯи иродаи худ амал намекард.

Агар Ӯ қобилияти гуноҳ карданро намедошт, он гоҳ Ӯро озмудан гайриимкон мебуд. Ин шарафи ӯро паст намекунад, баръакс онро нишон медиҳад, чӣ тавр Ӯ лоиқи ҷалол аст, барои он ки ба ҳар ҳол гуноҳ накард. Ҳаллелуёҳ!

Дар боғ Исо илтиҷо мекард: «Эй Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман бигзарад; лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту» (Матто 26:39).

Бори аввал дар ҳаёти Исо мо мебинем, ки чӣ тавр иродаи Писар бар зидди иродаи Падар аст. То ин вақт, дар боғ онҳо то ба дараҷае ҳамфикр буданд, ки мо танҳо иродаи Падарро, ки дар ҳаёти Исо зоҳир гардидааст медидем. Лекин, фишори бисёр дар ин муҳориба ғазабро дар ҷони ӯ пайдо кард. Ягона чизе, ки Ӯро боздошта метавонист, зохир гардид: иродаи Падарро бо дигар тарз иҷро кардан ва хамин тариқ Худро наҷот додан. Пештар аз ин, Исо ба фарисиён гуфта буд, ки Ӯ розӣ аст, ки ҳаёти худро гузорад. (Юҳанно 10:17-18). Худо Ӯро маҷбур накард, ки ин корро кунад. Барои хамин ӯ мубориза бурд - танҳо.

Ӯ медонист, ки ин муҳориба дар пеши ӯ истодааст, барвақттар аз он ки ӯ зонуҳои Худро дар боғ хам кард. Ӯ се маротиба ба шогирдон дар бораи ин гуфта буд. Пеш аз он ки онҳо ба Ерусалим оянд, Ӯ ба онҳо нақл кард, ки дар ин иродаи Падар ҳаст, ки ӯ азоб кашад, бимирад ва аз мурдагон эҳё шавад.

Якчанд рӯз пештар Исо ба шогирдони худ бовар кард: «Алҳол ҷони Ман дар изтироб аст; чӣ бигӯям? Эй Падар! Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои хамин соат Ман омадам. Эй Падар! Исми Худро ҷалол дех» (Юҳанно 12:27-28).

Исо тайёр буд, ҳаёти шахсии худро пеши пои марг гузорад, то ки номи Падар ҷалол ёфта бошад. Ӯ ҳатто бо ин принсип бо шогирдони худ тақсим кард: «Касе ки ҷони худро дӯст дорад, онро барбод медиҳад; ва касе ки аз ҷони худ дар ин ҷаҳон нафрат кунад, то ҳаёти ҷовидонӣ онро нигоҳ хоҳад дошт» (Юҳанно 12:25).

Ин ҷои Навиштаҷот якбора ду ҷавоб медиҳад: барои чӣ Петрус иҷро карда натавонист, он чиро ки барои он қасам ёд карда буд, аммо Исо тавонист. Исо Падари худро дӯст медошт, бисёртар аз ҳаёти худ, барои ин Ӯ тавонист ҳаёти худро гузорад. Петрус фикр мекард, ки Исоро бисёртар аз ҳаёташ дуст медорад, лекин фишори равган дар Ҷалҷото ниятҳои ӯро ошкор сохт.

Дар боғ кофӣ набуд, ки Исо танҳо иродаи Падарро донад. Ӯ худаш бояд он мешуд. Ин то ба дараҷае мушкил буд, ки Ӯ Падарашро пурсид, ки оё дигар тариқ нест? Дуо гуфта, ӯ бо рашк бар зидди ин озмоиш мубориза мебурд, то ки Худашро эҳтиёт кунад, ва то ба андозае муқобилият кард, ки араќи ӯ хунин шуд. (Луқо 22:44).

Қувваи Исо барои муқобилат намудан ба озмоиш дар он чизе, ки Ӯ дӯст медошт ва чиро дӯст надошт, реша давонда буд. Ӯ Худро дар муҳаббат ба Падари Худ гум кард (Юҳанно 14:31). Ин муҳаббат ғалаба кард, он чизеро, ки пештар ҳеҷ кас ғалаба карда наметавонист: муҳаббат нисбати худ! Равған ба боло баромада, муҳаббати Ӯ ба Падар –на танҳо бо сухан, балки ҳамчунин бо қурбонӣ ва гапдарой исбот кард.

Ҳоло мебинем, ки чӣ тавр ин фишор ба Петрус ва дигар шогирдон таъсир кард.

## Рӯҳ бардам, Ҷисм нотавон

Баъд аз он, ки як соат Исо бо иродаи шахсии худ мубориза бурд,Ӯ аз ҷояш хеста, ба назди шогирдонаш рафт, лекин «онҳоро дид, ки аз ғусса хоб рафтаанд» (Луқо 22:45).Шогирдон аллакай баҳс намекарданд, ки кадоме аз онҳо бузургтар аст. Онҳо сабаби андӯҳ ва гамгинӣ худро вазнин ҳис мекарданд. На танҳо Исо зери фишор буд. Шогирдони ӯ низ зери фишори равган буданд!

Онҳо ба озмоише вохӯрданд, ки хостанд худашонро наҷот диханд. Лекин онхо қувват доштанд, ки аз ин ҳолат бароянд, барои он ки онҳо ба иродаи худ диққаташонро равон карданд, на ба иродаи Падар. Бар хилофи Исо, онҳо ҳатто хоҳиши баргардонидани диққати худро ба иродаи Худо надоштанд. Агар ҳаёт барои мо бисёр қиммат бошад, мо қобилияти чунон мубориза бурданро пайдо намекунем, ки онро аз даст диҳем.

Дар бораи ин фикр кунед. То он даме, ки Исо мубориза мебурд, ки ҳаёти Худро аз даст диҳад, шогирдон хоб карда, аз мубориза даст кашиданд. Дар навбати аввал Исо ба Петрус рӯ овард: «Оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед? Бедор бошед ва дуо гуед, то ба озмоиш дучор нашавед: рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон» (Матто 26:40-41).

Петрус, шахсе, ки ваъдаҳои қавӣ дода буд, хоб кард, аз ба ҷои он ки дуо кунад. Ӯ то ба ҳол ёд нагирифта буд,ки ба он қуввае, ки дар ӯст, такя кунад. Барои ҳамин ӯ худро ҳимоя кард, чӣ тавре ки метавонист: бо хоб кардан.

Рӯҳи мо, дили мо метавонад ҳушёр бошад, аммо тани мо ҳамеша кӯшиш мекунад, ки худро мухофизат кунад. Аз ин ҷост, ки агар ҷисм маслуб нашуда бошад, мо ба ӯ он чизеро, ки мехоҳад, медиҳем. Петрус мехост, ки ба Исо бовафо бошад, лекин натавонист, чунки ҷисм ӯро ғалаба кард. Ӯ нисбат ба хоҳиши иҷро кардани ирода Худо, ҳаёти худро бештар дӯст медошт. Ӯ ҳолати аслии дили худро намефаҳмид. Ӯ ҳақиқатан дар назар дошт, он чизеро ки мегуфт, ва ба ростӣ бовар мекард, ки ҳаёти худро барои Исо қурбонӣ мекунад. Лекин аз «фишор» он чизе баромад, ки дар вақти Таоми Шоми Охирини Худованд маълум гарди: худпарастӣ ва мағрурӣ.

## Ду оқибати гуногун

Вақте ки Исо омада дид, ки шогирдонаш хоб ҳастанд, Ӯ бори дувум барои барои дуо кардан рафт. Бозгашта, Ӯ онҳоро боз хоб карда дид, «зеро чашмонашон хоболуд буд»(Матто 26:43). Ҳатто баъд аз огоҳии Исо онҳо наметавонистанд, ки аз хоб хезанд. «Ва онҳоро гузошта, боз рафт ва бори сеюм бо ҳамон суханон дуо гуфт» (Матто 26:44-45).

Исо се соат дуо гуфт, то он даме, ки дарк накард, ки муҳориба ғалаба карда шуд. Иродаи Ӯ бо иродаи Падар пурра якҷоя шуд. Ҳоло Ӯ тайёр буд бо таҳдидҳои душман, ки ба воситаи пешвоёни яҳудӣ ва аскарони румӣ амал мекард, рӯ ба рӯ шавад. Тавоноии Исо, ки дар иродаи худ қавӣ истод, дар байни ҳамаи таъқиботҳои даҳшатнок роҳбари румиро дар ҳайрат гузошт. «Вақте ки саркоҳинон ва пирон ӯро айбдор мекарданд, ӯ ҳеҷ ҷавоб намедод. Он гоҳ Пилотус ба ӯ гуфт: оё намешунавӣ, чӣ қадар бар зидди Ту шаҳодат медиҳанд?» (Матто 27:12-14).

Далерӣ дар он зоҳир намегардад, ки мо чӣ қадар бо овози баланд ё чӣ қадар зиёд гап мезанем. Айни чизро дар бораи хомӯшӣ низ гуфтан мумкин,- дар бораи хомӯшие, ки вақте ки моро руйрост айбдор мекунанд. Баъзан Исо дар ҳукми Худ истода, ба даъватҳо ҳеҷ ҷавоб намегардонд. Ӯ медонист, ки болотар аз ӯ ҳеҷ қувват нест, ва агар ки ҷавоб мегардонд, ин маънои онро дошт, ки чунин қувва ҳаст. Фарисиён кӯшиш мекарданд, ки Исоро бо айбдоркуниҳо, таҳдид ва мавқеи ҳукмронии худ зери назорат гиранд. Барои онҳо ҷавоб гардонидан ахмақӣ мешуд, барои он ки онҳо ҳеҷ хел муносибат ба ростӣ надоштанд. Исо медонист, ки онҳо ҳаёти ӯро гирифта наметавонанд, барои он ки Ӯ аллакай онро ба Падар дода буд!

Вақте ки Исо бо айбдоркунандаҳои Худ рӯ ба рӯ истода буд, Петрус назди оташ худро гарм мекард. Аз тарси як хизматгори сардорони исроилӣ, Петрус ҳатто аз он рад кард, ки Исоро мешиносад (Матто 26:69-75). Ҳол он ки Петрус гуфта буд, ки мурдан беҳтар аст, аз он ки аз Исо руй

гардонад, ва ҳамааш бо он тамом шуд, ки ӯ бечуръатӣ кард ва аниқ иҷро кард, он чизеро, ки ваъда дода буд, ки намекунад. Сабабаш: ӯ аз ҳад зиёд ҳаёти шахсии худро дӯст медошт.

Суханони ӯ ба Исо мухаббати бузурги ӯро нишон медоданд, вале рафтораш боз хам баландтар садо медод. Мухаббат ба худ сарчашмаи бечуръатии ӯ буд. Ӯ инро зери изҳорот ва амалҳои далеронаи худ, ки пештар мекард, пинхон карда буд. Лекин фишори равганбарор ин рӯҳи бечуръатиро ошкор сохт.

Решаи тарс ва бечуръатӣ муҳаббат ба худ аст. Муҳаббати комил тарсро меронад ва ба мо далерӣ медиҳад. Далерие, ки аз муҳаббат пайдо шудааст, чанголибечуръатӣ мешиканад.

Муҳаббати нокомил ё худпарастона дарро ба бечуръатӣ мекушояд.

> Муҳаббат дар мо чунин ба камол расидааст, ки мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунин ки ӯ дар ин ҷахон аст, ончунон мо ҳастем. Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад,чунки ҳарос азоб дорад, ва касе ки меҳаросад, дар муҳаббат комил нест (1 Юҳанно 4:17-18 ).

Тарс ва бечуръатӣ зиёд мешавад, вақте ки мо диққатамонро ба худамон ҷалб мекунем.Аз ин ҷост, ки садохои азиятдиханда мебарояд: «Бо ман чӣ? Бо ман чӣ рӯй медиҳад?»

Исо гуфтааст: «Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои дӯстони худ фидо кунад» (Юҳанно 15:13). Вақте ки мо дар ҳақиқат ҳаёти худро аз барои муҳаббат ба Исо медиҳем, мо аллакай дар бораи он ғамхорӣ намекунем, ки бо мо чӣ мешавад. Барои он ки мо медонем, ки ба ғамхории Ӯ супорида шудем. Онгоҳ мо дар Ӯ мурда ва пинҳон ҳастем. Мо набояд гам хӯрем, чунки ҳаёти мо дигар ба мо тааллуқ надорад. Он ба Ӯ тааллуқ дорад. Ӯ моро харид ва ҳар чизе, ки рӯй надиҳад, ин ғамхории Вай аст. Мо танҳо бояд Ӯро дӯст дорем ва гапдаро бошем.

Тарс дигар моро азоб намедиҳад, барои он ки одами мурдаро азоб дода намешавад. Шумо метавонед, таппончаро рост карда ба тобути шахс равона кунед ва ба ӯ таҳдид намокд, лекин ӯ ҳатто миҷа намезанад.

## Нисбати дигарон чӣ?

Нисбати дигар шогирдон чӣ? Онҳо низ бо Петрус ҳамҷоя буданд, ва мегуфтанд, ки беҳтараш бимиранд, аз он ки аз Исо рӯй гардонанд. Онҳо аз ин фишори равган чӣ тавр гузаштанд? Онҳо аз Петрус ҳам барвақттар гурехтанд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки вақте ки диданд, ки аскарон Исоро дастгир карданд, «ҳамаи шогирдон ӯро гузошта, гурехтанд» (Матто 26:56).

Онҳо ҳама аз худашон тарсиданд, ва тайёр буданд, ки беҳтараш хоб

кунанд, аз он ки дуо гӯянд. Дар вақти хӯроки охирон бо Исо онҳо баҳс карданд, ки кадоме аз онҳо аз ҳама бузургтар аст. Ҳамаш ба назар чунин мерасид, ки шогирдон намешуниданд ё шунида наметавонистанд. Ҳар он чизе, ки онхо фикр карда метавонистанд: «бо ман чӣ мешавад?» Муҳаббати онҳо нисбати худ дар ҳамин фишор кушода шуд.

Ниятҳои онҳо аз ниятҳои Петрус фарқ надошт. Петрус ҳамтудар шароити мушкилтар афтод, барои он ки аз қафои аскарон ба он ҷое рафт, ки Исоро бурданд.

## Нияти ҳамаи далерӣ муҳаббат нест

Шояд шумо то ҳол ҳайрон ҳастед, ки Петрус аз кучо чунин ҷасуриро пайдо кард, ки бо шамшер дар дасташ дар пеши артиши хурд истад. Ман боварӣ дорам, ки ҷасурии вай аз дастгириидигарон реша ёфта буд. Вай бисёр шукуфон мешуд, вақте ки ба дигарон таасурот мегузошт. Дар бораи ин фикр кунед. Барои он ки онхо баҳс мекарданд, ки кӣ бузургтар аст. (Ва ин мавзӯъ на бори аввал ба миён гузошта шуда буд. Шогирдон доимо мусобиқа мекарданд.) Петрус хотираи тоза дар ин бора дошт, ва ҳоло ӯ имконият пайдо кард, ки бовафоии бузурги худро исбот намояд.

Лекин, вақте ки ӯ назди гулхан бо хизматгорони саркоҳин нишаста буд, ӯ аллакай дар иҳотаи рафиқони худ набуд, ва нотавонииҳақиқии ӯ ошкор гардид.

Дар ҳолатҳои пештара ҷасурии Петрус ҳамчунон таслим шуда буд. Боре ин рӯй дода буд, хангоме ки, Петрус дар рӯи об роҳ мерафт. То он даме, ки ҳамаи шогирдон нигоҳ мекарданд, ӯ дод зад: «Худовандо! Агар ин Туӣ, ба ман амр деҳ, то ки бар рӯи об назди Ту биёям» (Матто 14:28). Петрус аз даруни қаиқ баромад ва дар рӯи об роҳ рафт. Мумкин аст, ҷасурии вай аз таасуроти ба рафиқонаш гузошта асос гирифта бошад. Лекин, дар байни баҳри пурталотум истода, ӯ ба Исо дод зад, ки ӯро наҷот диҳад. Дар рӯи мавҷҳо роҳ рафта, ӯ дарк кард, ки ягон кас аз рақибон дар паҳлӯяш нест. Таҳти фишор қарор ёфта, ӯ Исоро фарёд кард, то ки Исо ӯро аз об барорад. Аз эҳтимол дур нест, ки Петрус фикр карда бошад, ки Исо ӯро аз он ҳолате ки дар боғ буд, аз он ҷо низ мебарорад, чӣ хеле ки пештар ӯ инро якчанд маротиба карда буд. Ва ӯ ҳақ буд. Аммо на Петрус ва на дигар шогирдон интизор набуданд, ки Исоро дастгир мекунанд. Ҳол он ки Исо якчанд маротиба гуфта буд, ки чӣ бояд рӯй диҳад. Онҳо ҳанӯз боварӣ доштанд, ки Ӯ подшоҳии худро дар рӯи замин худи ҳозир муқаррар мекунад (Аъмол.1:6; Матто 16:21).

То он даме, ки Худо он чизеро, ки мо интизор ҳастем мекунад, ба худ боварӣ доштан осон аст. Лекин вақте ки Ӯ кори ғайричашмдошт мекунад (сюрприз), ҷони мо ба лабамон мерасад.Баъзан дар ҳаёти мо ё дар хизматгузории мо ягон чиз мешавад, ки моро дар ҳолати ногувормегузорад,

ва мо ҷасурии худро гум мекунем. Бисёр вақт мо тайёр нестем, ки ба азобу уқубат, таъқибот ва озмоиш тоқат кунем. Мисли кӯдакон мо худро хуш ҳис мекунем, вақте ки мо аз рӯи нақшаҳои (сенарияи ) кашидаи худ бо ҳаёти рӯзмаърра зиндагӣ мекунем.Лекин вақте ки мо он чизеро, ки мехоҳем, кай мехоҳем ва чӣ хел мехоҳем, ба даст намеоварем, онгоҳ дилҳои мо санҷида мешаванд. Агар ин санҷишҳо бо мо мубориза барад, ба дилҳои мо вазнинӣ меояд. Мумкин ки мо гӯё боварӣ дошта бошем, ҳангоме ки Худо ба мо айни он чизеро медиҳад, ки мо онро мехоҳем, ва вақте ки ҳаёт пешбинишаванда аст. Лекин вақте ки ҳамааш дигар хел ҷараён мегирад, ниятҳои аслии мо кушода мешавад. Исо ин ҳолатро чунин тасвир кардааст:

> Ҳамчунин кошташудагон дар санглох касоне мебошанд, ки чун каломро бишнаванд, дарҳол онро бо шодӣ қабул мекунанд, лекин дар худ реша надоранд ва ноустуворанд, ва чун аз боиси калом азияте ё таъқиботе рӯй диҳад, дарҳол ба васваса меафтанд (Марқӯс 4:16-17)

Пайхас кунед, ки одамон ба озмоиш тоб оварда наметавонанд, аз барои он ки реша надоранд. Чӣ хел мо метавонем решаҳои худро инкишоф диҳем, то ки онҳо моро мустаҳкам нигоҳ доранд? Дар чӣ мо бояд реша давонем? Дар Эфсӯсиён 3:17 гуфта шудааст, ки мо бояд дар муҳаббати худ ба Масеҳ шинонида ва реша давонем. Муҳаббати ҳақиқӣ нафъи худро толиб нест.Одамоне, ки муҳаббати онҳо реша надорад, дӯст доштанро давом медиҳанд, то он даме, ки ин танҳо барои онҳо аст. Онҳо бо Масеҳ маслуб нашуданд, лекин назди Исо омаданд, аз барои он ки, аз Ӯ ягон чиз гиранд, на аз боиси он, ки Ӯ кӣ аст!

Онҳое, ки дар ҳақиқат дӯст медоранд, танҳо Дӯстдоштаи худро меҷӯянд, ва он чиро ки писанди ӯ аст. Муҳаббат чизеро интизор нест. Баръакс, муҳаббат медиҳад. Ва ин ният беосеб мемонад, вақте ки чизҳои гайричашмдошт рӯй медиҳанд. Муҳаббат ғамгин, рӯҳафтода намешавад, ва барои ҳамин ҳам беҷуръат намешавад.

Барои шикастани қувваи беҷуръатӣ далерӣ зарур аст, ки он саршавии худро аз муҳаббат ба Худо бояд гирад.«Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст» (2 Тимотиюс 1:7).Қувват барои озод шудан аз беҷуръатӣ зарур аст, лекин танҳо қувват кофӣ нест. Чӣ хеле ки ман аллакай гуфтам, ман мардони тадҳиншударо дидам, ки зери беҷуръатӣ дар вақтҳои фишор қат мешуданд.

Солимақлӣ низ кофӣ нест. Рӯҳи Муқаддас ба Петрус ошкор кард, ки Исо Масеҳ аст (Матто 16:13-18). Фақат вақте ки Петрус аз муҳаббати Худо пур буд, ҳақиқатан ҳаёти худро фидо карда метавонист. Мо дар боби оянда ба ин нигоҳ мекунем.

## *Ягона роҳи ғалаба кардани беҷуръатӣ  аз даст додани ҳаёти худ аст*

# *Боби 10*

## ХОҲИШ КОФӢ НЕСТ

Хоҳишҳои хуб кофӣ нест. Петрус мехост, нишон диҳад, ки метавонад бовафо монад, ҳатто агар ки кор то марг расад. Аммо қувваи хоҳиши вай барои ин басанда нашуд. Тарс дар дил муҳаббат ба Устодро ғалаба кард. Исо бо ин масъала баъд аз эҳёшавии Худ машғул шуд.

Дар Инҷили Юҳанно, дар боби 21-ум, Исо ба шогирдон зоҳир мешавад ва барои наҳорӣ нон ва моҳӣ тайёр мекунад. Баъдан ӯ се маротиба аз Петрус мепурсад: «Ту маро дӯст дорӣ?» Дар ду дафъаи аввал Исо калимаи «агапе»-ро истифода бурд, ки маънояш амал дар муҳаббат мебошад. Аммо, Петрус ҳар дафъа бо калимаи юнонии «филео» ҷавоб гардонд. Маънои ин калима бо алоқамандии ҷонӣ ё ҳиссиёти муҳаббат маҳдуд мегардад ва амалро дар назар надорад.

Вақте ки Исо бори сеюм пурсид, Петрус хафа шуд. Дар ин дафъаи сеюм Исо калимаи «филео»-ро истифода бурд. Дар ин савол Исо маънои муҳаббатро ба ҳиссиёт баробар кард, на ба амал. Петрус худро гум карда, ҷавоб гардонид: «Худовандо! Ту ҳама чизро медонӣ; Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам» (Юҳанно 21:17). Суханони вай маънои инро доштанд: «Ту медонӣ, ки ман нисбат Ту чӣ эҳсос мекунам».

Аслан, Исо дар аввал пурсид: «Оё ту Маро то ба дараҷае дӯст медорӣ, ки ҳаёти худро гузорӣ?» Ин тасвиримуҳаббат, ки бо калимаи «агапе» ифода шудааст. Петрус ростқавлона ва итоаткорона ҷавоб дод, ки муҳаббати вай алоқамандии эҳсосотӣ буд. Ба хотир оред, ки вай ба наздикӣ аз Исо рӯй гардонид. Ӯ камқувватии шахсии худро дарк кард. Танҳо муҳаббати ҳиссиётии вай кофӣ набуд, ки ҳаёти худро гузорад.

Дар охир Исо аз Петрус пурсид: «Оё ту Маро аз рӯи ҳиссиёт дӯст медорӣ?» Исо дарк мекард, ки Петрус он вақт пурра шикаста буд, ва ба муҳаббати «агапе» қодир набуд, ва барои ҳамин ин саволро дод.

Исо бо пурсидани ин ду савол хоҳиш дошт ба Петрус фаҳмонад,

ки Ӯ чиро дар назар дошт. Исо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: вақте ки ту ҷавон будӣ, камаратро худат мебастӣ ва ба ҳар ҷо, ки мехостӣ, мерафтӣ, лекин вақте ки пир шавӣ, дастҳоятро дароз хоҳӣ кард, ва дигаре туро баста, ба он ҷое ки намехоҳӣ, туро хоҳад бурд. Чунин гуфт, то ишора кунад, ки бо чӣ гуна фавт вай бояд Худоро ҷалол диҳад. Ва чун инро гуфт, ба вай фармуд: аз ақиби Ман биё» (Юҳанно 21:18-19).

Ман фикр мекунам, ки Исо ба Петрус тақрибан чунин гуфт: «Пештар ту бо қувваи муҳаббати ҳиссиётӣ зиндагӣ карда, нокомиҳои зиёдро тоқат мекардӣ, лекин рӯзе меояд, ки ту бо тарси бузург вомехӯрӣ ва ғалабаро бо қувваи муҳаббати комил ба даст меорӣ».То ин лаҳза Петрус то дараҷаи иҷозат додани қобилиятхои инсониаш дӯст медошт, лекин ин қобилиятхо ба ӯ кӯмак накарданд.Барои аз қафои Исо рафтан Петрус мебоист, ки бо «агапе» мусаллаҳ бошад. Ин намуди муҳаббат бо хоҳиши одам пайдо намешавад, лекин дар дилҳои мо аз тарафи Падар ҷорӣ мешавад (Румиён 5:5). Муҳаббати Худо «агапе» аз барои дигарон аз мурдан наметарсад.

Исо Петрусро рӯҳбаланд карда, ба ӯ мегуфт, вақте ки ӯ боз дар зери фишори равғанбарор қарор мегирад, он гоҳ ӯ ғолиб мебарояд. Ва барои иҷро кардани он чизе, ки пештар худбоварона қасам хӯрда буд, қодир мешавад: аз Исо рӯй намегардонад, балки барои Ӯ ҷон медиҳад. Аз чанголитарс ва беҷуръатӣ озод шуда, Петрус одами дигар мешавад.

Худо инро барои нафъи мо мекунад. Вақте ки мо беҷуръатӣ мекунем, Ӯ моро қавӣ мегардонад. Ӯ ба мо иҷозат медиҳад, ки бо он чизе, ки аз он метарсем, якчанд маротиба вохӯрем, то он даме, ки мо ғолиб набароем. То охири қуввати худ рафта, мо аз қуввати Ӯ мадад мепурсем. Дар ин қувват мо мағлуб намешавем, барои он ки муҳаббат ҳеҷгоҳ мағлуб намешавад (1 Қӯринтиён 13:8). Худо намехоҳад, ки мо аз камбудиҳои худ гурезем. Ӯ мехоҳад, ки мо нотарсона бо онҳо рӯ ба рӯ шавем.

## Илтимос, инро аз ман бигир!

Павлус сарчашмаи худро медонист. «Ва барои он ки ман ба сабаби фавқулоддагии ин ваҳиҳо худро баланд нагирам, неше дар ҷисми ман ҷой дода шудааст, яъне қосиди шайтон барои нихта задани ман, то ки худро баланд нагирам» (2 Қӯринтиён 12:7).

Калимаи »қосид»дар забони юнонӣ ба мавҷудоти фариштамонанд дахл дорад. Ман боварӣ дорам, ки дар ин оят фариштаи бад дар назар дошта шудааст, ки вайро шайтон фиристодааст, то ки ба Павлус зарар расонад. Ба куҷое, ки Павлус мерафт, ки махлуқот мушкилиҳоро ба вуҷуд меоварл. Дар номаи 2-юми Қӯринтиён 11:24-27 баъзе нохушиҳое, ки Павлус бо онҳо бархӯрд, тасвир карда шудаанд:

> Панҷ маротиба аз дасти яҳудиён як кам чилтагӣ тозиёна хӯрдам; се бор маро калтаккорӣ карданд, як карат сангсор карданд, се карат киштии ман ғарқ шуда, шабу рӯзро дар қаъри баҳр гузаронидам; дафъаи бисёр дар сафарҳо будам, дар хатарҳои дарёҳо, дар хатарҳои роҳзанон, дар хатарҳо аз ҷониби халқҳо, дар хатарҳо дар шаҳр, дар хатарҳо дар биёбон, дар хатарҳо дар баҳр, дар хатарҳо дар миёни бародарони козиб, дар меҳнат ва дар аҷз, аксар вақт бехоб, дар гуруснагӣ ва ташнагӣ, аксар вақт дар рӯзадорӣ, дар сармо ва дар бараҳнагӣ.

Дар ҳар ҷое, ки Павлус мавъиза мекард, бо таъқиботи шаддид аз боиси Инҷил вомехӯрд. Занҷирҳо ва хатарҳо ӯро дар ҳар шаҳр интизор буданд. Ӯро қамчинкорӣ карданд, сангсор карданд, ғорат карданд, ӯ дар киштӣ ғарқ шуда буд ва ғайраҳо. Бо ҳамаи ин ӯ назди Худо омад.

Се маротиба ман ба Худованд тазарруъ намудам, ки онро аз ман дур кунад (2 Қӯринтиён 12:8).

Фаҳмост, ки ӯ аз ин муқобилият ва таъқибот озод шудан мехост. Худо ҷавоб гардонид:

> Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад (2 Қӯринтиён 12:9).

Дар асл Худо гуфта буд: «Павлус, аз Ман напурс, ки ин чизҳоро дур кунам, лекин беҳтараш пурс, ки файз ва қувваи Ман туро болои он чизе бардорад, ки ту худат бо қувваи худ наметавонӣ бо он кор кунӣ. Дар он ҷое, ки монеъагӣ нест, Павлус, дар он ҷой қувват хам даркор нест. Муҳорибаро танҳо дар мубориза ғалаба кардан мумкин аст. Чӣ қадаре, ки мубориза бошад, ҳамон қадар ғалаба зиёд аст. Аскари ҳақиқӣ аз мушкилӣ намегурезад, балки ба тарафи он меравад».

Дар тафси задухӯрд вақти он нест, ки аз Худо пурсем, ки моро аз ҷанг дур кунад. Дар ин вақт бояд барои файзи Ӯ дуо кунем, то ки мо ғалаба (тантана)-ро ба даст оварда тавонем. Худо ҷалол меёбад, вақте ки мо бо чизе рӯ ба рӯ мешавем, ки онро бо қуввати инсонии худ бартараф карда наметавонем. Маҳз дар ҳамон вақт қуввати Ӯ дар мо қаоро мегирад, то ки ҳама онро бубинанд. Файзи Худо тамоми тарс ва монеагиро, ки мо бо онҳо вомехӯрем, ғалаба мекунад. Худро бо чунин насиҳатиХудо рӯҳбаланд кунед:

> Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад ва накҳати дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн мекунад (2 Қӯринтиён 2:14).

> Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо ғалаба бахшидааст! (1 Қӯринтиён 15:57)

> Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад: оё андуҳ, ё фалокат, ё таъқибот,ё гуруснагӣ,ё бараҳнагӣ,ё хатар, ё шамшер? Чунон ки навишта шудааст: «Ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем, мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем». Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдоронамон пурра ғолиб меоем (Румиён 8:35-37)

Забткунанда бо муқобилиятҳо вомехӯрад, ва онро паси сар мекунад, ва парчами ғалабаро дар майдони муҳориба мепартояд! Павлус инро нигоҳ дошт ва ташвишивай ба умед табдил ёфт. Ӯ навишта буд:

> Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад. (2 Қӯринтиён 12:9-10).

Пайхас кунед, ки ӯ чӣ мегӯяд: «Ҷони ман дар роҳат аст». Чӣ хел бисёр вақт, мо он одамонеро бинем, ки ҷони онҳо дар азобҳо, мӯҳтоҷиҳо, дар таъқибот ва дар офатҳо роҳат мекунад? Танҳо он шахсе, ки дар Масеҳ пинҳон аст, метавонад аз ин чизҳо ҳаловат барад. Танҳо он шахсе, ки барои боло бардоштани Масеҳ зиндагӣ мекунад. Павлус медонист, ки ӯ метавонад ба файзи Худованд такя кунад, то ки худро дастгирӣ кунад, то он даме ки, Исо боло бардошта шавад.

Павлус Исоро аз ҳаёти шахсиаш ҳам зиёдтар дӯст медошт. Вай тайёр буд, ки бимирад, лекин бисёртар хоҳиш дошт, ки барои Ӯ зиндагӣ кунад. Ба ин номаи ӯ ба Филиппиён бо диққат нигоҳ кунед:

> Ва ман яқин дорам, ва умедворам, ки дар ҳеҷ хусус шарманда нахоҳам шуд, балки бо камоли ҷуръат ҳозир ҳам, чунон ки ҳамеша буд, Масеҳ дар ҷисми ман бузургӣ хоҳад ёфт, хоҳ дар ҳаёт бошад, хоҳ дар мамот. (Филиппиён 1:20).

Барои Павлус фарқ надошт, ки ӯ Масеҳро бо ҳаёт ва ё бо маргаш ҷалол медиҳад. Муҳимаш он буд, ки Масеҳ ҷалол ёбад. Павлус маргро аз беморӣ ва ё касалӣ дар назар надошт. Исо онҳоро барои мо ба салиб бурд. Касалӣ ва беморӣ Ӯро ҷалол намедиҳад. Бовар кардан ба он ки, вақте ки аз беморӣ мемурем, мо Исоро ҷалол медиҳем, нодуруст аст. Ин мисли он, ки мо бовар мекунем, ки агар мо дар ғуломии гуноҳ ҷон диҳем, Исо ҷалол меёбад. Ӯ ҳардуяшро дар салиб бардошт (Ишаъё 53:4-5). Дар Забур 102:2-3 гуфта шудааст: «Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон, ва ҳамаи некиҳои ӯро фаромӯш накун. Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад;

ҳамаи касалияҳоятро шифо мебахшад». Чуноне ки мо мебинем, Павлус дар бораи касалӣ ё беморӣ намегӯяд. Лекин, муносибати мо бояд чунин бошад: «Худованд, муҳим нест ки чӣ тарз, лекин Ту ҷалол мeёбӣ, роҳи худро интихоб намо, ва ба шайтон ҳеч чиз намерасад!»

Муҳаббати худрадкунандаи Павлус чунин далериро пайдо кард, ки дар он ягон хел беҷуръатӣ дохил шуда наметавонист. (ниг. Филиппиён 1:20!) Дониста истода, ки ӯ бо таъқиботҳо ва таҳдидҳо дар ҳар шаҳр вомехӯрад, Павлус шитоб мекард. Ӯ аз одамон наметарсид. Павлус бо пирони қавм дар Эфсӯс тақсим мекард:

> Ва инак, ҳоло бо тақозои Рӯҳ ба Ерусалим меравам ва аз он чӣ дар он ҷо ба сарам хоҳад омад, чизе намедонам; ҷуз ин ки Рӯҳулқудус дар ҳар шаҳр шаҳодат дода, мегӯяд, ки занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳайёст (Аъмол 20:22-23).

Ваҳ – чӣ хел каломи пешгӯикунанда! Аҷоиб аст, оё бисёриҳо имрӯз аз барои чунин калом ба пеш мерафтанд? Не, онҳо намехостанд, ки ҳатто чизи ба ин монандро шунаванд. Ба ҳамаи мо маъқул аст, ки ягон чизи хубро шунавем, лекин Худо дар бораи мушкилихо низ огоҳ мекунад, то ки умед ва далериро таъмин кунад. Павлус навнаҷотёфтагонро бо чунин гапҳо устувор мегардонд: «дар имон устувор бошед, зеро ки мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем» (Аъмол 14:22).

Ман ҳайрон ҳастам, ки агар каломи нубувватиро дар бораи он гирем, ки дар ҳар як гардиш моро таъқибот ва муқобилият интизор аст, чӣ тавр мо ҷавоб медодем. Ба ҳар ҳол, албатта, ман гуфтанӣ нестам, ки ҳар дафъа вақте ки мо каломи ҳақиқии Худоро мегирем, вай ҳатман бояд мисли ин бошад.

Мушкилӣ дар он аст, ки бисёрии каломҳои ба мо додашуда, одамонро водор месозад, ки ба ҷустуҷӯи чизҳои нодуруст раванд. Ин гапҳои хуб, меҳрубонона дар бораи он ки чӣ тавр одамон дар тиҷорат ё хизмати худ муваффақият меёбанд, ва ҳама корҳои онҳо хуб мешавад. Бисёр вақт то он омада мерасанд, ки одамон Худоро меҷӯянд ва ба Ӯ хизмат мекунанд, танҳо аз барои он ки, Ӯ барои онҳо чӣ карда метавонад. Муҳаббати онҳо бо он завқманд нест, ки Ӯро боло бардоранд, на бо хаёт, на бо марг. Диққат диҳед, ки Павлус ба каломи пешгӯӣ дар бораи занҷирҳо ва уқубатҳо чӣ ҷавоб дод:

> Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи Инҷили файзи Худоро ба хушӣ анҷом диҳам (Аъмол 20:24).

Калид барои далерии Павлус дар он буд, ки ӯ ҳаётй худро ганимат намедошт. Ӯ инчунин фаҳмид, ки нақшаи Худо барои ҳаёти ӯ вохӯрӣ бо озмоишҳо ва таъқиботҳоро низ дар бар мегирад. Муҳаббати ӯ ба Исо аз муҳаббат ба худи ҳаёт бузургтар буд. Дар ҳаёти худ Павлус ба як розе кӯшиш мекард, ки онро ӯ «давиши худро ба анҷом расонидан» меномид. Ин маънои онро дорад, ки ҳаёти худро гузошта, ҳаёти Исоро қабул кардан. Бисёр вақт ин тахмин мекунад, ки мо рад мекунем он чизеро ки бароҳат аст, ва қабул мекунем, он чизеро, ки нороҳат аст- салиб.

## Оё Шумо яқин доред, ки ин Инҷил амрикоӣ аст?

Ман медонам, ки чунин муҳокимаронихо ба масеҳияти одатии ғарб рост намеояд. Ин аз мавъизаҳо ва тарзи ҳаёти мо дар солҳои ҳаштодум ва навадум фарқ мекунад. Ба гардан мегирам, ки ман яке аз аввалинҳо будам, ки аз барои ин афтода будам. Дар муддати даҳ соли охир ман якчанд маротиба дар ҳолатҳои «равғанбарорӣ» афтода будам, танҳо аз барои он ки, ниятҳои дили ман маълум гардад. Мисли Петрус ман озурдахотир мешудам, вақте ки ваъдаҳои холии худ ва ҳолати ҳақиқии дили худро медидам. Дар ин ҳолатҳои сершумор ман ба назди Худованд меомадам, ва аз Ӯ хоҳиш мекардам, ки дили маро тағир диҳад. Ман ёд гирифтам, ки барои озмоишҳои устуворкунанда, миннатдор бошам, (1Петрус.1:6-7) ва аниқтар фахмидани Навиштаҷоти зеринро шурӯъ кардам:

> Пас, чӣ тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо хамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад; то ки боқии умри ҷисмониро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки мувофиқи иродаи Худо ба сар барад (1 Петрус.4-1-2)

Аз азобҳо гузашта, мо ба камол мерасем. Ман ҳоло дар бораи азобу уқубати динӣ гап намезанам, яъне қабул кардани касалӣ ё қашшоқӣ, гӯё ки онҳо ҳамчун хизматҳои шумо дар назди Худо ҳисоб мешуда бошанд. Ҳамчунин ман азобу уқубатро аз боиси бесаводӣ ва рафтори бехудоёнаи нодуруст дар назар надорам. Аз ин ба Худо шараф изофа намешавад! Азобу шиканҷаҳое, ки мо бо онҳо вомехӯрем, бояд чунон бошанд, ки Масеҳ аз сар гузаронида буд,- озмоиш дар ҳар чиз, лекин бидуни гуноҳ (Ибриён 4:15). Азобҳое, ки Петрус тасвир карда буд, ин муқобилияте, ки бо он одам вомехӯрад, вақте ки ҷисми вай ё одамон дар гирду атроф фишор меоранд, то ки ӯ бо он роҳе, ки Худо ӯро равона мекунад, наравад. Агар мо дар муҳаббат ба Масеҳ реша надошта бошем, дар ин лаҳза беҷуръатӣ афзалият гирафта метавонанд.

Мисли Петрус ман мехоҳам аз қафои Исо равам, то он даме, ки ман на танҳо гуфта метавонам, ки ҳаёти ҷисмонии худро барои Ӯ медиҳам, балки то он даме ки, ман тайёр ҳастам маргро барои ҳаёти шахсии худ ва хоҳишҳои худ қабул намоям. Бигзор танҳо Ӯ ҷалол ёбад! Инро танҳо бо файзи Вай иҷро кардан мумкин аст! ӯ файзи Худро ба фурӯтанон медиҳад (Яъқуб 4:6). Маҳз барои ҳамин Павлус дар назди таъқибот гуфта тавонист: «Ҷони ман дар онҳо ба роҳат аст». Бинед, ки вакили Юҳанно дар бораи ғолибони шайтон чӣ гуфтааст:

> Онҳо бар вай ба василаи хуни Барра ва каломи шаҳодати худ ғолиб омаданд ва ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд. (Ваҳӣ 11:12)

Ман шунидам, ки чӣ хел ин ҷои Навиштаҷотро боз ва боз иқтибос оварданд.Лекин, танҳо қисман. Бисёрии аз одамон хеле барвақт бозмеистанд: онҳо қисми охиринро сар медиҳанд. Ин қисм дар маданияти ғарбии мо на он қадар машҳур аст. Лекин мо ҳеҷ гоҳ аз болои беҷуръатӣ ғалаба намекунем, то он даме, ки муҳаббатро ба ҳаёти худ, ҳатто то марг рад накунем. Агар мо ҳаёти худро дӯст дорем, онгоҳ меҷӯем, ки чӣ хел онро наҷот диҳем.

Занон ва мардони Худо, ҳоло шумо ростиро медонед: танҳо як тарзи ғалаба кардани беҷуръатӣ аз даст додани ҳаёт аст. Инро хонда, Худоро садо кунед.Қафо наравед, балки ҷуръат намуда, бовар кунед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки дили шуморо бо муҳаббат пур намояд, - бо муҳаббати Ӯ, ки ҳеҷгоҳ хомӯш намегардад. Дар бораи файзи Ӯхоҳиш кунед, то ки монеагиҳоро, ки бо онҳо бармехӯред, бартараф намоед. Ӯро оиди афзалиятҳои ҳозиршавӣ дар ҷойҳои мушкил хоҳиш намоед. Дуо кунед, то ки дар маркази он коре бошед, ки Ӯ дар рӯи замин карда истодааст. Ҳаёти осонро напурсед. Беҳтараш чунон ҳаётро пурсед, ки Ӯро ҷалол медиҳад.

## «Оқибати ин чӣ хохад буд?»

Биёед ба он лаҳза бармегардем, ки Исо баъд аз эҳёшавии худ барои шогирдони худ наҳорӣ тайёр мекард. Баъд аз наҳорӣ Исо ба Петрус дар бораи баракатҳо пешгӯӣ накард. Баръакс, суханони Исо он ваъдаҳоеро дар бар мегирифт, ки Петрус тарси бузурги худро ғалаба мекунад ва дигар аз паси хоҳишҳои худ бо қуввати шахсиаш намеравад. Исо ба Петрус гуфт, ки ӯ ҳамчун шаҳид мемурад,-ҳаёти худро аз сабаби ба Исо вафодор буданаш аз даст медиҳад. Петрус забт мекунад он чизеро, ки пештар ҳатто вохӯрда наметавонист. Исо Петруси навро дид, ҳамин хелро, ки ӯ бояд шавад. Ӯ кори ба итмомрасидаро дид.

Петрус то ба ҳол тайёр набуд. Дар бораи он чизе, ки рӯй медиҳад, шунида, ӯ рӯи худро гардонд ва ба вакили Юҳанно нигариста, аз Исо пурсид: «Худовандо! Оқибати ин чӣ хоҳад буд?» (Юҳанно 21:21). Петрус то ба ҳол худашро бо дигарон муқоиса мекард. Дар асл ӯ гуфта буд: «Агар ман бояд аз чунин чиз гузарам, ӯ ҳам бояд гузарад?»

Исо ба вай гуфт: «Агар хости Ман ин бошад, ки то вақти омаданам вай бимонад, ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз ақиби ман биё» (Юҳанно 21:22).

Агар бод ига суханон гӯем, »ин аҳамият надорад. Худро бо дигарон муқоиса накун. Танҳо аз қафои Ман биё! »Чӣ қадар бисёр одамон ҳаёти худ ва хизмати худро бо он чизе, ки дигарон мегӯянд ва мекунанд, чен мекунанд. Шумо намехоҳед худро бо стандартҳои нодуруст чен кунед. Аксарият одамон дар калисоҳои мо чуноне ки ба онҳо писанд аст, осон ва бо фароғат зиндагӣ мекунанд.

Вақте ки мо худро бо якдигар муқоиса мекунем, мо бисёр меҳрубон (ва хеле ширгарм) ба назар мерасем. Ин фароғат (комфорт)-и бардуруғ ва имконияти гуфтан, ки «Ман аз дигарон кам нестам». Як намуди фиреб ҳаст, ин бовар кардан ба он, ки агар бо ту ҳама чиз хуб бошад, бо ман ҳам ҳама чиз хуб аст. Лекин мо як стандарт, як воҳиди ченак дорем. Мо ҳамчун стардарт дигар маъвизачиён ё дигар калисохо, ё бародарону хохаронро истифода а. Стандарти мо - Исо! Ӯ ба Петрус нагуфт, ки аз қафои Юҳанно равад. Ӯ гуфт: «Аз қафои Ман биё!»

Роҳе, ки Исо тай намуд, роҳи худрадкунӣ буд. Танҳо фикр ва хоҳиши аз қафои Исо рафтан кофӣ нест. Мо бояд ин корро кунем! Навиштаҷоти зеринро хонед:

> Пас мардумро бо шогирдонаш назди Худ хонда, гуфт: ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд: зеро ҳар ки ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар ки ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад (Марқӯс 8:34-35).

Мебинед, Вай гуфтааст, ки агар хоҳиши шумо-наҷоти ҳаёт бошад, шумо онро аз даст медиҳед! Ана ҳамин хел гап! Хоҳиши доштани чизҳое, ки олам кӯшиш мекунад,- ҳатто агар шумо онро ҳеҷ гоҳ нагиред,-ба шумо ҳаёт меистад. Лекин бодиккат нигоҳ кунед, ки Исо дар давомаш чӣ мегӯяд:

> Ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад (Марқӯс 8:35).

Пайхас кунед, ки ӯ нагуфтааст «ҳар кӣ агар хоҳад ҷони худро барои ман аз даст диҳад». Хоҳиш кофӣ нест! Петрус мехост аз қафои Исо ҳамон

шаб равад, ки ӯро таслим карда буд. Лекин ангезаҳои ӯ на муҳаббати Худоро ва на қувваи Худоро доштанд. Барои ҳамин ҳам аз болои у ғалаба карданд.

## Дили худро имтиҳон намо

Вақте ки шумо мехонед, ниятҳои худро бисанҷед. Оё шумо шогирди ҳақиқии Исои Масеҳ ҳастед, ё хоҳиш доред, ки танҳо бо шартҳои худ аз қафои Ӯ равед? Оё Шумо дар маҳдудиятҳои худ, дур аз худқурбоникунӣ меистед? Оё мумкин аст, ки ин маҳдудиятҳо шуморо аз роҳҳои Исо боздорад ва дар натиҷа шуморо барои Малакути Худо нолозим кунад (ниг. 2 Қӯринтиён 13:5)?

Барои қарор кардани он ки аз қафои Исо равем ё не, мо бояд пеш аз ҳама нархашро донем. Ҳа, ин ҳамин хел аст. Ин роҳ як чизе меистад. Вай аз тамоми ҳаёти шумо кам намеистад. Гӯш кунед, чӣ тавр Исо инро ба анбӯҳи одамон, ки аз қафои Ӯ рафтанӣ ҳастанд, мефаҳмонад.

> Бо ӯ мардуми бисёре равона буданд; ва ӯ ба онҳо рӯ оварда гуфт: агар касе назди Ман ояд ва аз падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин аз ҷони худ нафрат накунад, вай наметавонад шогирди Ман бошад; Ва ҳар ки салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намекунад, наметавонад шогирди Ман бошад: зеро кист аз шумо, ки бурҷе сохтанӣ шуда, аввал нишаста харҷи онро ҳисоб накунад, ки оё ӯ имконияти ба анҷом расонидани онро дорад, ки мабодо, баъд аз ниҳодани таҳкурсии он, ба тамом карданаш қуввати ӯ нарасад, ва ҳамаи касоне, ки инро мебинанд, ӯро тамасхур кунанд, ва гӯянд: ин шахс ба сохтан шурӯъ намуд ва ба тамом кардан қувваташ нарасид?... Ҳамчунин ҳар яке аз шумо, агар аз тамоми дороии худ даст накашад, наметавонад шогирди Ман бошад (Луқо 14:25-30,33).

Ана, чӣ меистад, то охир тоқат кардан. Мо ҳоло дар китоби Ваҳӣ хондем, ки касоне, ки ҳаёти худро ҳатто то дами марг дӯст намедоранд, ғолиб мебароянд. Афсӯс, ки ин тасвир тасвири аниқи калисои имрӯзаи Амрико нест.

Ман бисёр мисолҳо оварда метавонистам, вақте ки масеҳиён, мардону занон, то ҳол ҳаёти шахсии худро соҳибанд. Вақте ки ман пастор будам, як зани ҷавон назди ман бо шикоят омад: «Пастор Ҷон, ман дар бораи худ бисёр тасаввуроти бад дорам. Дуо кунед, то ки ман дар бораи худам беҳтар фикр кунам».

Ман ба ӯ нигоҳ карда гуфтам: «Ҳамин аст мушкилии шумо!»

Ӯ гумроҳ шуд. Ин духтар интизор буд, ки манн як машварати дурудароз мегузаронам ва дар охир барояш дуо мекунам. Ӯ интизор буд, ки ман меҳрубон ва хушмуомила мешавам, то ки ӯ худро беҳтар ҳис кунад. Ҷавоби ман ӯро дар ҳайрат гузошт. Лекин чунин аст, ростие, ки моро озод мекунад: дар бораи мушкилӣ гап назада, балки онро аз решааш дида баромадан.

Ман ба ӯ савол додам: «дар куҷои Китоби Муқаддас шумо ҷоеро пайдо мекунед, ки дар он оиди худэҳтиромкунӣ ва муносибати хуб ба худ гуфта шуда бошад? Исо гуфтааст, ки шумо бояд ҷон диҳед, то ки аз қафои Ӯ равед!» Оё шумо ягон бор шахси мурдаи дар тобут нишастаро дидаед, ки мегӯяд: «Вой! Барои чӣ шумо ба ман ин сарулибосро пӯшонидед? Ба ман ин маъқул нест! Барои чӣ мӯйҳои маро чунин кардед? Одамон чӣ фикр мекунанд?»

Ман мехостам ба ӯ нишон диҳам, ки эҳтироми худ ва муносибати хуб ба худ аз рӯи Китоби Муқаддас нест. Барои муҳаббат ба Исо ва аз қафои ӯ рафтан муносибати хуб ба худ умуман талаб карда намешавад. Диққати ӯ дар чизҳои муваққатӣ буд, на дар чизҳои абадӣ.

Мо наметавонем ба Худо хизмат кунем, танҳо он вақте ки худро хуб ҳис мекунем, вақте ки хурсанд ҳастем, ё вақте ки ҳама чиз аз рӯи хости мо сурат мегирад. Мо чунин одамонро, ки ҳамин тавр рафтор мекунанд, «дӯстони муваққатӣ» меномем. «Масеҳиёни муваққатӣ» низ мешаванд. Онҳо дурандеш нестанд. Дар ҳисоби охир онҳо бояд бо чизе вохӯранд, ки он дар тасаввуроти онҳо ҷой намешавад. Ин дар ҳар давраи муносибат бо Худо метавонад рӯй диҳад. Агар онҳо тайёр набошанд, онгоҳ таслим мешаванд. Онҳо метавонанд ба калисо оянд, даҳяк диҳанд, ҳадя диҳанд, бо забонҳо сухан ронанд, чизҳои дурустро эътироф намоянд, лекин дар дилҳои худ онҳо рад кардаанд, ки аз қафои Исо раванд. Муҳаббат ба Худо ҳадду канорро намедонад. Агар ки мо бо Ӯ роҳ гаштан хоҳем, бояд маҳдудиятҳои шахсиамро як сӯй гузорем.

## Одами тағирёфта

Вақте ки мо Петрусро дар китоби Аъмол мебинем, бовар кардан мушкил аст, ки ин айни ҳамон шахсест, ки барои бовафоӣ қасам хӯрда, ва дар назди каниз-духтар аз Исо рӯй гардонда буд. Бо Рӯҳулкудус пур шуда, ӯ далерона ва нотарсона дар назди тамоми Иерусалим Исоро Худованд ва Масеҳ эътироф кард. Ӯро ҳабс карданд ва ба назди сардорон ва пешвоёне, ки Исоро маслуб карда буданд, оварданд. Ҳоло ӯ на дар назди хизматгорон истода буд, балки назди ҳамон шӯрое, ки ба Исо ҳукм бароварда буд. Ӯ ба онҳо нигоҳ кард ва бо далерии бузург иброз намуд: «Шумо Исои Масеҳро маслуб кардед, ва дигар наҷот нест, ҷуз ба василаи ӯ» (ниг.Аъмол 4:8-12).

Далерии Петрус ва Юҳанно шӯрои олироба ҳайрат овард, ва онҳо бар зидди он коре, ки Худо кард, ҳеҷ чиз гуфта натавонистанд. Ин одамон устодони назорат буданд. Барои ҳамин онҳо барои тарсонидан ҳаракат карданд.

Онҳо байни худ мегуфтанд: «Аммо барои он ки бештар аз ин дар миёни мардум овоза нашавад, бояд онҳоро сахт таҳдид кунем, ки дигар ба ҳеҷ кас дар бораи ин исм гап назананд» (Аъмол 4:17).

Ба хотир оред, ки ин пешвоён худи ҳоло Исоро маслуб карда буданд. Лекин Исо аллакай ба Петрус гуфта буд, ки ӯ мемурад, чӣ хеле ки Исо мурд. Ва ин на танҳо таҳдид буд. Лекин ҳатто дар назди марги имконпазир Петрус ва Юҳанно далерона тасдиқ карданд: «Худатон ҳукм кунед, оё дар назди Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем? Мо наметавонем аз гуфтани он чӣ дидаем ва шунидаем, даст кашем» (Аъмол 4:19-20).

Агар Юҳанноро ба ҳисоб нагирем, Петрус дар назди шӯрои олӣ танҳо истода буд. Ҳеҷ касро ботаассур сохтан ё хашмгин кардан даркор набуд. Аммо ҳоло вай дигар хел далерӣ дошт. Он аз муҳаббат ба Исо ғизо гирифта буд. Петрус ва Юҳанноро сар доданд, ва онҳо ба шогирдон ҳамроҳ шуданд ва хабар доданд, ки чӣ рӯй дод, ва дар бораи таҳдидҳое, ки онҳо вохӯрданд. Ва нигоҳ кунед, ки ин мардон аз Худо чӣ мепурсанд:

> Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба бандагони Худ ато фармо, то ки бо камоли ҷасорат каломи Туро баён кунанд, дар сурате ки Ту дасти Худро барои шифо бахшидан ва барои нишон додани аломоту мӯъҷизот ба исми Писари Муқаддаси Худ Исо дароз бикунӣ (Аъмол 4:29-30).

Ин мардон аз Худо боз хам чизҳои калонтарро пурсиданд, нисбати он чизҳое, ки онҳоро ба мушкилӣ оварда буданд. Онҳо медонистанд, ки мавъизаи Инҷил ҳаёти онҳоро ба хатар мегузорад. Лекин онҳо мавъиза карданро давом доданд ва Худо мӯъҷизаҳои бузурги Худро карда, бовафо буд. Онҳо иҷозат надоданд, аз сабаби беҷуръатии онҳо бахшиши Худо бе амал монад,. Қувваи Худо то ба дараҷае боқувват буд, ки беморонро ба кӯчаҳои Ерусалим мебароварданд, ва вақте ки сояи Петрус ба онҳо меафтод, шифо меёфтанд (Аъмол 5:15).

Саркоҳинон ва синедрион таҳдидҳои худро иҷро мекарданд. Шогирдонро ҳабс мекарданд ва ба зиндон мепартофтанд. Саркоҳин гуфт: «Оё шуморо ба таври қатъӣ амр нафармудем, ки ба ин исм таълим надиҳед? Ва инак, шумо Ерусалимро бо таълимоти худ пур кардед» (Аъмол 5:28).

Ва боз Петрус далерона ҷавоб гардонд:

> Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод; Худои падарони мо Илёсро эҳё кард, ки шумо ӯро ба дарахт овехта, кушта будед: Худо ӯро ба ямини Худ боло бардошта, Сарвар ва Наҷотдиҳанда гардонд, то ки ба Исроил тавба ва омурзиши гуноҳҳоро ато фармояд; мо шоҳидони ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудус аст, ки Онро Худо ба фармонбардорони Худ бахшидааст (Аъмол 5:29-32)

Чӣ хел далерӣ! Шогирдон бечуръатӣ накарданд.Петрус аллакай наҷоти ҳаёти худро намеҷуст. Ӯ аз худпарастӣ озод буд ва бо Рӯҳи Муқаддас Худо пур буд. Муҳаббати Худо дили ӯро пур карда буд. Чӣ хеле, ки дар Румиён 5:5 гуфта шудааст: «Муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудус, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст».

Маълум аст, ки Рӯҳи Муқаддас ба ҳаёти мо муҳаббати Худоро меорад. Аммо, ҳамчунин аз мисоли Петрус маълум мешавад, ки Рӯҳулқудс ба шахсони гапдаро дода мешавад. Чӣ қадар бисёр масеҳиён муҳаббатро бе итоат мехоҳанд.

Бо забонҳо гап задан кафолат намедиҳад, ки муҳаббати Худо дар дилҳои шумо аст. Бо Рӯҳулқудус пур шудан –ин эҳсосоти як дафъаина нест. Ва дар баробари ин муҳим нест, чӣ хел шумо Навиштаҷотро хуб медонед ва чӣ хел хуб бо забонҳо гап мезанед. Агар шумо бо ҳаёти гапдаройӣ дар назди Худо зиндагӣ намекунед, муҳаббати шумо сард мегардад. Дар ҳар як беитоатӣ ин муҳаббат кам мешавад!

Исо гуфтааст, ки аломоти замони охир ин аст, ки аз барои шарорат ва беитоатӣ муҳаббати Худо дар дилҳои масеҳиён сард мешавад (Матто 24:12). Муҳаббате, ки Исо дар назар дорад- муҳаббати «агапе» аст. Танҳо он касоне, ки Исоро қабул кардаанд, ин муҳаббатро доранд. Бо Рӯҳ пур шудан мумкин аст, ва ҳамчунин доштани норасоии муҳаббати ҳақиқии Рӯҳ!

Итоати Петрус ва Юҳанно ба онҳо далерии бузургро овард ва дилҳояшонро бо муҳаббат пур кард.

> Ба гапи вай даромаданд ва ҳаввориёнро ҷеғ зада оварда, қамчинкорӣ карданд ва минбаъд ба исми Исо ҳарф заданро ба онҳо манъ карда, онҳоро озод намуданд. Онҳо аз шӯрои пирон баромада, хурсанд шуданд, ки ба хотири исми ӯ сазовори беҳурматӣ гардидаанд (Аъмол 5:40-41).

Петрус ва Юҳанно назди сардорон ҷуръатро аз даст надоданд. Баръакс, онҳо пур аз хурсандӣ буданд. Онҳо аллакай тамоман дигар шогирдон буданд, на онҳое, ки дар боғи Ҷатсамонӣ хобашон бурда монда буд. Онҳо

хурсанд буданд, ки сазовори шараф гаштанд ва ба онҳо боз як имконият дода шуд, то ки муҳаббат ва бовафоии худро нишон диҳанд. Ҳоло Петрус на фақат аз рӯи ҳиссиёт, балки бо тамоми вуҷудаш дӯст медошт.

«Foxe'sChristianMartyrsoftheWorld» (нашриёте, ки маълумот дар бораи азияткашидагони имонро дорад- мис.тарҷум.) хабар медиҳад, ки Петрус мисли Исо азият кашида буд. Мегӯянд, вақте ки Петрусро бояд маслуб мекарданд, ӯ гуфт: «Ман сазовор нестам чунин бимирам, ки Худованди ман мурда буд». Барои ҳамин онҳо ӯро дар салиб по дар боло овехтанд! Петрус ин оламро ғолибона тарк кард. Ҳаллелуёҳ!

***Шумо ба он касе хизмат мекунед, ки аз ӯ метарсед***

# *Боби 11*

## ТАРСИ ХУДО
## ВА ТАРС АЗ ОДАМ

Ҳама он чизе, ки то ин вақт мо хондем ва омӯхтем, моро ба лаҳзаи ҳалкуннада – ба мубориза бар зидди беҷуръатӣ меорад. Ин танҳо дар он вақте ки мо бо тарсонидан бармехӯрем, муҳим нест, балки дар ҳар соҳаи ҳаётамон муҳим аст! Ман ҳоло дар бораи тарси Худованд сухан меронам.

Калисо намефаҳмад, ки тарси Худованд чӣ аст. Ва хеле афсӯс, барои он ки ин нишонаи муҳими ҳаёти ғалабаовари масеҳӣ аст. Ишаъё дар бораи Исо пешгӯӣ карда буд: «Ва рӯҳи худотарсӣ ӯро пур хоҳад кард» (дар Библияи англисӣ – «Ва дар тарси Худованд роҳат хоҳанд ёфт» мис. тарҷ.) (Ишаъё 11:3). Роҳати Ӯ бояд аз они мо низ бошад!

Шахсе, ки аз Худованд метарсад, бо роҳе, ки Ӯ интихоб кардааст, ҳидоят хоҳад шуд (Забур 24:12). Чунин одам «дар некӣ сокин хоҳад шуд, ва зурёти вай вориси замин хоҳанд буд» (Забур 24:13).

Гуфта шудааст, ки тарси Худованд-ибтидои ҳикмат ва ибтидои шинохтани Ӯ аст (Масалҳо 9:10; 1:7; 2:5). Худотарсӣ умри моро дароз мекунад (Масалҳо 10:27). Мо огоҳонида шудаем, ки бе қудсият ҳеч кас Худовандро намебинад, ки он бо тарси Худованд мукаммал мегардад (Ибриён 12:14; 2 Қӯринтиён 7:1). Ин танҳо мисоли он ки Китоби Муқаддас дар бораи тарси Худованд мегӯяд.

Тарзи ягона, ки чӣ хел мо аз беҷуръатӣ озод бошем, дар он аст, ки дар тарси Худованд бошем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Дар Худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст» (Масалҳо 14:26). Боварии комил далериро ба вуҷуд меорад, ки ин ба мо зарур аст, то ки бо роҳҳои Худо равем, на бо роҳҳои одамӣ. Биёед фарқи тарси Худоро аз тарси одам меомӯзем.

## Фарқ кардани тарси Худо аз тарси одам

Аввалан, тарси Худо чист? Ин зиёдтар аст аз танҳо эҳтиром кардани Ӯ. Аз Ӯ тарсидан - яъне ба Ӯ ҷои шараф, ҳурмат, миннатдорӣ, иззату

эҳтиром, ҳамду сано ва бартариро, ки Ӯсазовор аст, доданро маъно дорад. (Пайхас кунед, ки Ӯ сазовори он чизе нест, ки мо фикр мекунем). Вақте ки мо Худоро ҳурмат мекунем, ва хоҳишҳои Ӯро аз хоҳишҳои худамон болотар мегузорем, Ӯ чунинмавқеъро дар ҳаёти мо ишгол менамояд. Мо бояд аз он чизе, ки Ӯ нафрат дорад, нафрат кунем ва он чизеро, ки Ӯ дӯст медорад, дӯст дорем ва дар ҳузури ӯ ва дар назди каломи ӯ билазем.

Дуюм, биёед мебинем, ки тарси одамӣ чист. Аз одамон тарсидан-ин дар хатар, ташвиш, ноороми́, тарс, гумонбари́, бо вахм дар назди бандаи хокӣзиндагӣ кардан аст. Дар чунин тарс буда, мо дар ташвиш зиндагӣ мекунем, аз дард ва наҳзанӣ пинҳон шуда, доимо аз радкунӣ ва мухолифатмегурезем. Мо чунин серкор мешавем, ва кӯшиш мекунем, ки худамонро эҳтиёт кунем ва ба одамон хизмат карда, аллакай наметавонем ба Худо самаранок хизмат кунем. Аз тарси он ки, одамон бо мо коре карда метавонанд, мо наметавонем, ба Худо он чизеро, ки Ӯ сазовор аст, диҳем.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Тарсончакии одам ба дом меоварад» (Масалҳо 29:25). Дом - ин қапқон аст. Тарс дар назди одамон ҳукми аз тарафи Худо додаро медузад. Бахшоишҳои Вай бе амал мемонанд. Шумо худро барои иҷро кардани ягон чизи дуруст беқувват ҳис мекунед, барои он ки ваколатҳои Худо амал намекунанд.

Ишаъё 51:7-13 моро огоҳ мекунад: «Маро бишнавед, эй адолатшиносон, эй қавме ки шариати Ман дар дили шумост! Аз мазаммати мардум натарсед, ва аз таҳқири онхо наҳаросед...Ту кистӣ, ки аз инсони миранда метарсӣ, ва аз писари одам, ки мисли гиёҳ аст ва ту Худовандро, ки Офаринандаи туст, фаромӯш мекунӣ».

Вақте ки мо ба одамон писанд меоем, то ки аз шармандагӣ гурезем, мо Худовандро фаромӯш мекунем. Мо аз хизмати Ӯ дур мешавем. «Агар ман ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам» (Ғалотиён 1:10).

Шумо аз он касе ки метарсед, ба ӯ хизмат ва итоат мекунед! Агар аз одам тарсед, ба одам хизмат мекунед. Агар аз Худо тарсед, ба Худо хизмат мекунед. Шумо наметавонед аз Худо тарсед, агар ки аз одам метарсида бошед, чунки ба ду ого хизмат кардан номумкин аст (Матто 6:24). Аз дигар тараф, агар шумо аз Худо тарсед, аз одам наметарсед!

## Оё имондорони Аҳди Нав бояд аз Худо тарсанд?

Тарси Худованд- ин таълимоти мурдаи Аҳди Қадим нест. Ин роҳи ҳаёт аст. Агар шумо Худоро дӯст доред, шумо танҳо аз ӯ метарсед. Тарси Худо ҳамаи дигар тарсҳои боқимондаро фурӯ мебарад.

Ман озурдахотир мешавам, вақте мешунавам, ки одамон дар бораи Худо чунин мегӯянд, гӯё ки Ӯ ба онҳо хизматгорбача бошад. Одаме, ки дар бораи Худо чунин мегӯяд, дар ҳақиқат Худовандро намешиносад.

Ҳатто шогирдони наздиктарини Исо Ӯро Худованд ва Устод меномиданд (Юҳанно 20:28). Вақте ки мо бо Худованд хушомадгӯёнамуносибат мекунем, мо ҳар хел тасаввуротро оиди ҷои аслии Ӯ гум мекунем.

Чунин муносибат моро ба он оварда мерасонад, ки мо беэҳтиром мегардем. Чунин зоҳиршавӣҳам дар калисо ва ҳам дар ҳаёти шахсии «имондорон» дида мешавад. Онҳо худро имондор меноманд, лекин дар бораи чӣ тарзи ҳаёти онҳо шаҳодат медиҳад? Аксар вақт вақте ки мушоҳида мекунам, ки одамон дар калисо чӣ тарз рафтор мекунанд, андӯҳгин мешавам. Пеш аз ҷамъомад онхо медаванд, якдигарро тела медиҳанд, то ки ҷо гиранд, ва хашмгин мешаванд,агар ягон кас дар ҷои онҳо нишаста бошад. Онҳо дар вақти ҷамъомад гап мезананд ва ғалоғула мекунанд. Агар фикр кунанд, ки ҷамъомад бисёр дурудароз шуд, ё агар он чизе, ки мешунаванд, барояшон маъқул набошад, онгоҳ бармехезанд ва мераванд.

Беҳурматии баръалои онҳоро нисбати пасторон дидан, хушёркунанда аст. Дар бораи хизматчиёни Худо дар ҳамон тарзе гап мезананд, мисле ки дар рӯзномаҳо дар бораи сиёсатмадорон. Шояд рафтори бисёрии аз хизматчиён зиёдтар рафтори сиёсатмадоронро хотиррасон мекунад, нисбат ба мардони Худо, лекин ба ҳар ҳол онҳо- хизматгорони Худо ҳастанд, ва Ӯ худаш онҳоро доварӣ мекунад. Вақте ки мо аз Худо метарсем, мо хонаи Ӯ ва хизматгорони таъин кардаашро эҳтиром мекунем. Довуд бар зидди тадҳиншудаи Худо шоҳ Шоул даст набардошт, ҳатто баъд аз он ки, Шоул ҳаштоду панҷ коҳинони Худовандро кушт (1 Подшоҳон 22:11-23). Довуд аз Худо метарсид! Ман озурдахотир мешавам, вақте ки мебинам, ки бисёрии аз масеҳиён чиро гӯш мекунанд, мебинанд, ва мехонанд. Дар баъзе оилаҳо, ба назари ман чунин менамояд, ки ягон хел фарқ нест, байни он ки чӣ хел онҳо зиндагӣ мекунанд ва чӣ хел олам зиндагӣ мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки бомувозинат бошанд, аз тарафи дигарон қабул шаванд, қобили қабул бошанд. Онҳо фаромӯш кардаанд, ки он чиро ки Худо «ғайри қобили қабул»меномад, олам қобили қабул меномад. Агар шумо дар ҳақиқат Худоро дӯст доред ва танҳо аз Ӯ тарсед, шумо бо ҳаёти ба Худо бахшидашудазиндагӣ мекунед, на бо ҳаёти оламӣ. Петрус огоҳ мекунад:

> Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед;зеро ки навишта шудааст: «Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам». Ва агар шумо ӯро Падар мехонед, ки бе руйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед (1 Петрус 1:15-17).

Тарси Худованд ҳадафи бузург аст, ки моро аз бадкорӣ нигоҳ медорад.

# Оё калисо метарсад?

Дар боби 2-юми Аъмол шогирдон аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд, бо дигар забонҳо гап заданд, ва пешгӯӣ карданро шурӯъ намуданд. Онҳо то ба дараҷае, пур буданд, ки мисли бадмастон рафтор карданд. Ханда ва хурсандӣ имондорони навро пур кард. Худо онҳоро устувор ва тоза мегардонд. Ба Ӯ ин маъқул аст. Вай ягон хел Худои қасдгир нест, ки аз зулмотхуш шавад. Ӯ аз муҳаббат, марҳамат, адолат, осоиштагӣ ва хурсандӣ ҳаловат мебарад.

Шогирдон одамони бисёреро диданд, ки дар давоми чанд рӯзи охир наҷот ёфта буданд. Аммо баъзе аз ин навимондорон ба назди Худованд аз барои баракат омаданд, на аз барои он ки Ӯ кӣ аст. Мунтазам онҳо бо Худо хелебеҳурматона рафтор намуданро сар карданд. Ин беҳурматӣонхоро ба он овард, ки онҳо ба чизҳои Худо ба як чизи одатӣ муносибат мекардагӣ шуданд. Онҳо назди ҳузури Ӯ ва каломи Ӯ ба ларза намеомаданд. Мо зоҳиршавии инро дар боби 5-уми Аъмол мебинем.

Зану шавҳар аз арзиши замини фурӯхтаашон ҳадя оварданд. Ин на ҳамаи маблағ буд, ки баъд аз фурӯхтан ба даст оварда буданд. Лекин онҳо мехостанд, дар чашми дигар имондорон хубтар намоянд. Онҳо чизҳои намоёнро нисбати ростӣ авлотар донистанд, ва аз одамон зиёдтар тарсиданро нисбати Худо. Онҳо ҳадя оварданд, ва дурӯғ гуфтанд (бисёриҳо мумкин ки суханони онҳоро ҳамчун «дурӯғи сафед» баҳо медоданд), ва ҷо бар ҷо мурданд.

Онҳо мурданд, барои он ки дар ҳузури ҷалоли Худо дурӯғ гуфтанд. Ман медонам, ва яқин дорам, шумо ҳам медонед, ки дар замони мо ҳам одамоне ҳастанд, ки ҳамин корро дар назди воизон мекунанд, лекин онҳо мурда ба замин намеафтанд. Барои чӣ?

Ман фикр мекунам, ки ҳузури Худо дар замони китоби Аъмол нисбати имрӯз қавитар буд. Мисол, дар Аъмол навишта шудааст, ки ҳамон замон баъди ин ҳодиса Петрус дар кӯчаҳои Ерусалим мегашт, ва касалон аз расидани сояи ӯ шифо меёфтанд (Аъмол.5:15). Чунин мӯъҷизаҳоро мо дар замони худ намебинем.

Ман боварӣ дорам, вақте ки ҳузур ва ҷалоли Ӯ меафзояд, ҳодисаҳои ба ин монанд, ки дар Аъмол боби 5-юм аст, рӯй медиҳанд. Нигаред, чӣ шуд баъд аз он ки ин одамон ҷо ба ҷо мурданд.

> Тамоми аҳли калисо ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба ҳароси азиме афтоданд (Аъмол 5:11)

Тарси бузург ва эҳтиром ба Худо барқарор карда шуданд. Одамон дарк карданд, ки онҳо бояд муносибати худро ба ҳузур ва тадҳини Худо аз нав фикр кунанд. Ба хотир оред, Худо гуфта буд:

Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт (Ибодат 10:3)

## Вақте ки Худо хомӯш аст, дилҳои мо урён мешаванд

Худо ҷалоли Худро нигоҳ медорад, то моро бисанҷад ва тайёр намояд. Оё мо хуб рафтор мекунем, ҳатто вақте ки ҳузури Ӯ зоҳир намегардад. Бисёр вақт калисои ҳозиразамон мисли фарзандони Исроил рафтор мекунанд. Ва дар асл, Павлус гуфтааст, ки таҷрибаи онҳо ҳамчун мисол барои мо навишта шудааст (1Қӯр.10:6).

Исроилиён дар ҳаяҷон буданд, вақте ки Худо онҳоро баракат дод ва мӯъҷизаҳо нишон дод. Ҳангоме ки Худо баҳри Сурхро тақсим кард, онҳоро аз он ҷо ба замини хушк гузаронд, баъд душманони онҳоро гӯронд, онҳо суруд мехонданд, ракс мекарданд ва оиди ғалаба дод мезаданд (Хуруҷ15:1-21). Лекин баъд аз чанд рӯз, вақте ки қувваи тавонои Худо чунин маълум нашуд, ва хӯрок ва пӯшок тамом мешуд, исроилиён ба Худо шикоятро сар карданд (Хуруҷ 15:22).

Дертар Мусо халқро ба кӯҳи Синоовард, то ки онҳоро ба Худо бахшад. Худо ба кӯҳ пеши халқ фаромад. Ин як чизи махсусе буд: бо раъду барқ ва бо абри ғализ дар кӯҳ. Он гоҳ Мусо халқро аз урдугоҳ берун ба пешвози Худо баровард, аммо «тамоми қавме ки дар ӯрдугоҳ буданд, ба ларза даромаданд» (Хуруҷ 19:16). Онҳо ба даҳшат афтоданд - на аз тарси Худо, балки аз тарси ҳаёти шахсӣ. Вақте ки Худо омад,маълум гардид, ки онҳо ҳаёти худро зиёдтар аз Худо дӯст медоранд.

Онҳо ба Мусо гуфтанд: «Ту ба мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем. Ва Мусо ба қавм гуфт: натарсед; зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед» (Хуруҷ20:19-20).

Пайхас кунед, ки тарси Худо ба шумо аз болои гуноҳ қувват медиҳад. Дар Масалҳо 16:6 гуфта шудааст: «Бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад».

Дар байни ин дар Хуруҷ 20:21 ҳодиса инкишоф ёфтанро давом медиҳад: «Ва қавм аз дур истоданд, ва Мусо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, наздик омад». Мусо ба Худо дар бораи он нақл кард, ки қавм чӣ гуфт ва чӣ хел онҳо тарсиданд. Худо ҷавоб гардонд: «Суханони ин қавмро, ки ба ту гуфтанд, дуруст аст. Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд, то ки барои онҳо ва барои писарони онҳо ба сурати абадӣ некӯ бошад!» (Такрори Шариат 5:28-29).

Бинед, одамон дур шуданд, дар он вақте ки Мусо ба Худо наздик шуд. Дар ин ҷо фарқ байни Мусо ва Исроил дида мешавад. Мусо аз

Худо метарсид, барои ҳамин нотарс буд. Одамон аз Худо наметарсиданд, барои ҳамин пур аз тарс буданд. Тарси Худо шуморо ба ҳузури Худо ҷалб мекунад, на ин ки шуморо аз Ӯ дур мекунад. Лекин тарси одамӣ шуморо аз Худо ва ҷалоли Ӯ дур мекунад.

Вақте ки мо бо тарс дар назди одамон побанд ҳастем, мо худро на дар ҳузури Худо, балки дар ҳузури одамон бароҳат ҳис мекунем. Ҳатто дар калисо! Сабаб дар он ки, ҳузури Худо дилҳои моро мекушояд ва фошшавиро меорад.

## На Сино, балки Сион

Барои исбот кардани он, ки тарси Худо воқеъияти аҳди нав аст, мо як ҷойро дар номаи Ибриён дида мебароем:

> Шумо наздик наомадед ба кӯҳе, ки ламсшаванда ва оташфишон аст, ба торикӣ ва зулмот ва тундбод, ё ба овози карнай ва садои суханон, ки шунавандагонаш илтимос карданд, ки ба онҳо дигар сухане гуфта нашавад, зеро ба он тоб оварда натавонистанд, ки амр фармуда шуда буд....Балки шумо наздик омадаед ба кӯҳи Сион (Ибриён 12:18-2).

Аввалан, ба мо хотиррасон мекунад, ки дар кӯҳи Сино чӣ рӯй дода буд. Баъдан ба мо нақл мекунад дар бораи кӯҳе ки мо наздик шудем, ва номи он Сион. Пештар Худо ба замин, дар кӯҳи Сино сухан меронд. Ҳоло, айни ҳамон Худо дар ин кӯҳи нав, Сион сухан мегӯяд.

> Бохабар бошед, ки шумо низ аз сухангӯ рӯ нагардонед. Зеро, агар онҳое, ки бар замин ба сухангӯ гӯш наандохтаанд, аз ҷазо раҳо нашудаанд, пас алалхусус мо, агар аз ӯ, ки дар осмон сухан мегӯяд, рӯ гардонем, раҳо нахоҳем шуд (Ибриён 12:25).

Ба калимаи «алалхусус»! диққат диҳед. Бар мо доварӣ сахттар аст, агар ки мо овози Худоро нашунавем ва итоат накунем. Файзе, ки бар мо дар аҳди нав дода шудааст, барои он нест, ки чӣ тарзе ки мехоҳем, ҳамон хел зиндагӣ кунем. Барои чӣ исроилиён аз қафои овози Ӯ нарафтанд? Онҳо аз Худо наметарсиданд. Инро дар хотир доред, то он даме ки мехонед, шумо баръало мебинед, ки дар аҳди нав одамон гӯш намекунанд, айнан бо ҳамон сабаб:

> Пас мо он малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард, чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст (Ибриён 12:28-29).

Нигаред, ин ҷо гуфта шудааст «бо таъзиму такрим ва тарс». Агар тарси Худо танҳо бо таъзиму такрим маҳдуд мешуд, муаллифи нома боз дар бораи тарси Худо наменавишт. Ҳамчунин пайхас кунед, ки муаллиф бо суханони «чунки Худои мо Худои муҳаббат аст» тамом накард, балки бо «Худои мо оташи фурӯбаранда аст». Ин тасдиқот дар бораи Худо мефаҳмонад, ки барои чӣ писарони Исроил аз ҳузури Ӯ дур шуданд. «Вале алҳол чаро бимирем? Зеро ки ин оташи бузург моро хоҳад сӯзонид: агар мо боз овози Худованд Худои худро бишнавем, хоҳем мурд» (Такрори Шариат 5:25). Худо тағир наёфтааст! Ӯ ҳоло ҳам муқаддас аст, Ӯ - оташи фурӯбаранда.

Ҳа, албатта, Худо муҳаббат аст, лекин Ӯ ҳамчунин оташи фурӯбаранда аст. Дар калисоҳоямон мо задаро ба муҳаббати Худо мегузорем ва хеле кам дар бораи тарси Худо мешунавем. Азбаски мо машварати пурраи Худоро мавъиза намекунем, тасаввуроти мо дар бораи муҳаббат нодурустаст.

Муҳаббате, ки мо мавъиза мекунем, муҳаббатти камқувват аст. Он қувват надорад, то ки моро ба ҳаёти ба Худо бахшидашуда барад. Он оташро пахш мекунад ва моро ширгарм мегузорад. Мо мисли кӯдакони эрка мешавем, ки падарони худро иззат намекунанд! Агар мо дар тарси Худо калон нашавем, мо таваккал мекунем, ки бо Худо хушомадгӯй шавем ва ба он чизе, ки Ӯ муқаддас меҳисобад, сабукфикрона муносибат кунем.

Боз як бори дигар ба ин оят нигоҳ кунед: «Файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо тазиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард» (Ибриён 12:28). Файз барои он дода нашудааст, ки мо беиззатӣ ва гунохи худро рӯйпӯш кунем; он дода мешавад, барои он ки мо қодир бошем ба Худо ба таври писандида хизмат кунем. Ба таври писадида ба Ӯ хизмат кардан маънои онро дорад, ки бо муҳаббат, таъзиму такрим ва тарс.

Павлус ҳамчунин оиди ин навиштааст «бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред» (Филиппиён 2:12). Куҷост тарсу ларзи мо? Оё мо фаромӯш кардем, ки Худо Довар аст? Оё мо дар бораи доварии Ӯ фаромӯш кардем? Бодиққат насиҳати зеринро хонед.

> Ғурур макун, балки битарс. Зеро ки агар Худо шоҳахои табииро амон надода бошад, туро низ амон нахоҳад дод. Пас, меҳрубонӣ ва сахтгирии Худоро бубин: ӯ сахтгир аст ба онҳое ки афтода ҷудо шудаанд, ва меҳрубон аст ба ту, агар дар меҳрубонии У бимонӣ; вагар на ту низ бурида хоҳӣ шуд (Румиён 11:20-22)

Мо мутахассиси некии Ӯ шудем. Аммо мо набояд фақат некии Ӯро ба назар гирем. Мо бояд ҳамчунин сахтгирии Худоро фаҳмем. Некии Худо моро ба дили Ӯ наздик мекунад, ва сахтгирии Ӯ моро аз мағрурӣ

ва ҳамаи намуди гуноҳ нигоҳ медорад. Шахсе, ки танҳо файзи Худоро қабул мекунад, дар бораи тарс фаромӯш мекунад, ки он ӯро аз мағрурӣ ва рафтори ҷаҳонӣ нигоҳ медорад. Ва баръакс, шахсе, ки танҳо сахтгирии Худоро қабул мекунад, метавонад осон ба доми шариатдонӣ афтад. Ҳам муҳаббат ва ҳам тарси Худо моро дар роҳи танге, ки сӯи ҳаёт мебарад, нигоҳ медорад.

Ман умед дорам, ки шумо мефаҳмед, ки ман дониста истода задаро ба тарси Худованд мегузорам, чунки дар калисои ҳозиразамон ин мавзӯъро беэътиноӣ мекунанд. Ман бо тамоми дилу ҷон Худоро дӯст медорам, беҳад хурсандам, ки фарзанди Ӯ ҳастам ва афзалият дорам, ки ба Ӯ хизмат мекунам. Ман медонам, ки маҳз меҳрубонии Худо моро ба тавба ҳидоят мекунад (Румиён 2:4). Аммо ман ҳамчунон медонам, ки тарси Худо ва доварии Ӯ моро аз гуноҳи худсарона нигоҳ медорад.

> Зеро, агар мо, пас аз пайдо кардани дониши ростӣ, худсарона гуноҳ кунем,-дигар қурбоние барои кафорати гуноҳ боқӣ намемонад, балки кадом як интизории пурдаҳшати доварӣ ва шиддати оташе ки хасмҳоро ба коми худ хоҳад кашид. Агар касе шариати Мусоро рад мекард, дар асоси баёноти ду ё се шоҳид бе марҳамат ба қатл расонда мешуд, пас, ба гумонатон, сазовори чӣ қадар ҷазои сахттар хоҳад буд шахсе ки Писари Худоро поймол мекунад ва Хуни аҳдро, ки аз он тақдис ёфтааст, азиз намедорад ва Рӯҳи файзро таҳқир менамояд? Зеро мо мешиносем, ки гуфтааст: «Интиқом аз ҷониби Ман аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд». Ва боз: «Худованд қавми Худро доварӣ хоҳад кард». Ба дасти Худои Ҳай афтодан даҳшатангез аст! (Ибриён 10:26-31).

Одам бо гуноҳ фирефта мешавад, вақте ки ба он чизе ки Худо муқаддас меҳисобад, сабукназарона ва хушомадкорона муносибат карданро сар мекунад. Бисёр вақт мо ба он чизҳое, ки Худо ҷиддӣ муносибат мекунад, аз ҳад зиёд сабук муносибат мекунем, ва он чизеро, ки барои Худо умуман беаҳамият аст, ҷиддӣ қабул мекунем. Мо хеле ҷиддӣ ҳастем, ки дар назари дигар одамон боиззат намоем. Лекин барои Худо нисбат ба ин чиз, нияти дили мо муҳимтар аст.

Ман одамонеро медонистам, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекарданд, лекин ҳама вақт «Ман Исоро дӯст медорам» мегуфтанд. Онҳо ҳолати рӯҳонии худро бо ҳиссиёти худ ба Исо чен мекарданд. Лекин оё онҳо Ӯро ба қадри кофӣ дӯст медоштанд, то ки барои он гуноҳе, ки онҳоро бастааст, бимиранд? Не, онхо тарси Худоро надоштанд!

Боре ман як хизматгузорро дар маҳбас хабар гирифтам, ки ӯ ба гуноҳи шаҳвонӣ ва сӯиистифода аз пулҳо афтода буд. Ӯ ба ман гуфт: «Ҷон,

ман ҳамеша Исоро дӯст медоштам, ҳатто вақте ки ба доми фиребафтодам, Ӯ Наҷотдиҳандаи ман буд, на Хӯҷаини ман». Ин шахс аз рӯи тарси одам қарор қабул мекард. Ӯ мехост, ки ба одамон писанд ояд. Ӯ ба шарафи худ маҳфилҳои бошукӯҳонаро мехост. Ин ӯро ба сӯиистфодакунӣ оварда расонд. Дар ҳамон маҳбас Худо ба ӯ муҳаббат ва марҳамати худро нишон дод ва ба ӯ худотарсиро ёд дод. Ҳоло ӯ аз Худо метарсад ва пурра барқарор шудааст.

## Рад кардани даъвати Худо

Биёед ба тасвири ба кӯҳи Сино бармегардем. Ман мехоҳам, ба як чизе истода гузарам, ки бисёри одамон одатан онро сар медиҳанд. Худо ба Мусо ва Ҳорун гуфт, ки якҷоя ба кӯҳ бароянд (Хуруҷ 19:24). Мусо рафт, аммо Ҳорунро бо кадом сабаб мо дар ӯрдугоҳ мебинем! (Хуруҷ 31:2) Ман фикр мекунам, ки Ҳорун ба ӯрдугоҳ баргашт, барои он ки худро нисбат ба ҳузури Худо, дар ҳузури дигар «имондорон» бароҳат ҳис мекард. Оё мо имрӯза дар калисоҳоямон чунин нестем? Ба мо ба калисо рафтан, бо дигар масеҳиён сӯҳбат кардан, дар хизматгузорӣ банд будан бештар маъқул аст, нисбати он ки ҳамту бо Худованд бошем. Мо аз танҳо бо Ӯ дар ҳузураш будан дурӣ меҷӯем ва ба ҷои ин худро бо одамон ё бо ягон фаъолият иҳота мекунем, бо умеди он, ки ин холигии ботинии моро пинҳон мекунад.

Еҳушаъ ибни Нун, баръакс, дилаш ташнаи Худо буд. Ӯ мехост ба ҳузури Худо то ба дараҷае, ки имконпазир аст, наздик бошад. Ӯ дар домани кӯҳ чил руз истод, то он даме ки Мусо бо Худо буд (Хуруҷ32:17). Ӯ ба ҳеҷ куҷо нарафта, ба он ҷое, ки танҳо Мусо ва Ҳорун даъват шуда буданд, чӣ қадаре, ки метавонист, наздик шуд. Еҳушаъ ибни Нун бисёр аз Худо метарсид, то ки худбовар ва бетамиз набошад.

То он вақте ки Еҳушаъ ибни Нун дар назди кӯҳ интизор буд, қавм дар ӯрдугоҳ тоқатро аз даст доданд. Онҳо дар замини бегона буданд, пешвояшон онҳоро аз як моҳ зиёд гузошта рафт, Худо бошад, ҳанӯз Худро зоҳир накард. Онҳо ҳам ба Худо ва ҳам ба Мусо шубҳа карданро шурӯъ намуданд.

> Ва қавм чун диданд, ки Мусо дар фуромадан аз кӯҳ даранг мекунад, қавм назди Ҳорун ҷамъ шуда, ба ӯ гуфтанд: «Бархоста, барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст» (Хуруҷ 32:1).

Зоҳиран онҳо Худоро ҳурмат мекарданд ва метарсиданд. «Оҳ, Мусо, Мусо,-онҳо илтиҷо мекарданд,-ӯ барои мо аз ҳад зиёд бузург аст. Рафта бо ӯ гап зан, ва ба мо нақл кун, ки Ӯ чӣ мегӯяд. Мо мешунавем ва ба

гапаш медароем». Онҳо диданд, ки Худо чӣ қадар даҳшатнок ва тавоно аст, вале ба ҳар ҳол аз Ӯ наметарсиданд, чунки барои худашон бутҳоро сохтанд. Ҳоло, ки Худо хомӯш буд, табиати ҳаққонии онҳо маълум шуд.

То он даме ки Худо мӯъҷиза мекунад ва қувваи Худро нишон медиҳад, мо ба осонӣ аз Ӯ тарсида метавонем. Лекин Худо он касонеро меҷӯяд, ки онҳо Ӯро ҳурмат мекунанд ва метарсанд, ҳатто вақте ки Ӯ ҳузур ва қувваи Худро зоҳир намекунад. Ӯ мехоҳад, ки мо мисли фарзандоне бошем, ки ба падари худ итоат мекунанд, ҳатто вақте ки падарашон онҳоро намебинад. Итоати ҳақиқӣ маънои онро дорад, ки вақте ки ҳеҷ кас дар атроф нест, то ки моро назорат кунад, мо гапдаро ҳастем!

Худо ба халқи Исроил гуфт: «Оё на аз он сабаб ки Ман дер вақт хомӯш мондаам, ва ту аз Ман натарсидӣ?» (Ишаъё 57:11). Дар асл Худо мепурсад: «Барои чӣ қавми Ман аз Ман наметарсад?» Сипас Ӯ ба саволи Худ ҷавоб мегардонад. Ӯ мушоҳида намуд, ки қавм аз Ӯ наметарсад, чунки Ӯ якчанд вақт қувваи тарсовари Худро нишон надод. Дигар хел карда гӯем, вақте ки одамон зоҳиршавии аҷоиби Ӯро надиданд, онҳо чунин амал карданд, ки гӯё Ӯ дар он ҷой нест. Хомӯшии Худо нияти ҳақиқии дилҳои одамонро фош кард.

Маҳз дар мобайни биёбон, ҳангоми бо озмоиш рӯ ба рӯ шудан имондори ҳақиқӣ маълум мешавад, на дар хизматгузориҳои бузурги тадҳиншуда. Одам дар зери фишор чӣ гунна бошад, дар асл ҳам ҳамон хел аст. Нигаред, ки Ҳорун зери фишор чӣ кор кард:

> Ва Ҳорун ба онҳо гуфт: ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳои занон, писарон ва духтарони шумост, кашида, назди ман биёред. Ва тамоми қавм ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳошон буд, кашида, назди Ҳорун оварданд. Ва онҳоро аз дасташон гирифта, бо қалами ҳаккокӣ ба шакл даровард, ва гӯсолаи рехтае аз он сохт. Ва гуфтанд: Ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард! (Хуруҷ 32:2-4).

Онҳо аз баракатҳои Худо, ва аз моликияти ғасбшудаи мисрӣ ба худ бут сохтанд. Аммо аз ҳама ташвишовараш ин, ки инро Ҳорун кард, ки мебоист ба кӯҳ боло шавад. Ӯ овози Мусо буд. Пештар ӯ ҳамеша дар тарафи ӯ меистод, шоҳиди ҳамаи мӯъҷизаҳои бузург ва офатҳо буд. Лекин ҳоло ӯ аз одамон тарсид ва ба онҳо он чиро, ки онҳо мехостанд, дод. Ӯ нисбат ба Худо аз одамон бештар метарсид ва барои ҳамин ба осонӣ дар назди қавм беҷуръат шуд. Азбаски дар ӯ ҷасурӣ набуд, бахшоиши Худо беамал монд. Ин ӯро пешвои суст кард. Ҳангоме ки Мусо бар зидди у баромад, Ҳорун қавмро айбдор кард, ки ӯро тарсонданд.

> Ва Ҳорун гуфт: бигзор хашми оғоям аланга назанад; ту ин қавмро мешиносӣ, ки ба бадкорӣ омӯхта шудаанд. Ва онҳо ба ман гуфтанд: «барои мо худое бисоз, то ки пешопеши мо равона шавад, зеро ки ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст» (Хуруҷ 32:22-24).

Ҳорун барои кори кардааш ба худ масъулиятро нагирифт. Ҳа, баҳои додаи вай дуруст буд. Ин фикри онҳо буд, на фикри Ҳорун. Аммо тарсида, ӯ аллакай ба қадри кофӣ қувват надошт, ки беҷуръатии худро назди халқ шикаста ва онҳоро ба роҳи дуруст барад. Ӯ побанди тарс дар назди одамон буд.

Пешвоёне, кӣ аз одамон метарсанд, қафо мегарданд ва ба одамон он чизеро, ки мехоҳанд медиханд, на он чиро, ки онхо мӯҳтоҷ ҳастанд! Чунин одамон сайди осони беҷуръатӣ мешаванд. Ва муҳим нест, ки ин пешво чӣ қадар зиёд мегӯяд, ки Худо ва халқи ӯро дӯст медорад. То он даме, ки тарс дар назди одамон ҳаст, ӯ ҳеҷ гоҳ тағироти ҳақиқиро на дар худ ва на дар одамоне, ки ба онҳо рохбарӣ мекунад, намебинад!

Шахсе, ки аз Худо метарсад, танҳо он чизеро, ки Худо дар борааш мегӯяд, ба назар мегирад. Шахсе, ки аз одамон метарсад, бисёртар ба он диққат медиҳад, ки дигарон дар борааш чи фикр мекунанд, на ин ки Худо. Ӯ Худоро меранҷонад, то ки одамонро наранҷонад.

Ман мушоҳида кардам, ки чӣ тарз пешвоён қарор қабул мекунанд, то ки ба одамони худ чизи дилхоҳашро диҳанд. Нияти онҳо-кӯшиши шӯҳрати худро нигоҳ доштан аст. Албатта, онҳо дар ин бора фикр накардаанд, ва эҳтимол, ҳатто ҳеҷ гоҳ чунин чизро тахмин накардаанд. Онҳо тахминан чунин муҳокима ронда, қарорҳои худро сафед мекарданд: »Мо одамонро хафа кардан намехоҳем»ё «Ин беҳтарин чиз аст, ки барои ҳама кардан мумкин», ё «Мо метавонем ба миқдори зиёди одамон хизмат кунем, агар ки чунин кунем» ва гайра. Подшоҳии Худо-демократия нест. Ин подшоҳӣ аст. Шӯҳрат муҳим нест. Он одамон ҳатто дарк намекарданд, ки бо тарс ва беҷуръатӣ ҳаракат мекунанд. Амалҳои онҳо дар муҳаббат ба худашон реша дошт, на дар муҳаббат ба одамон.

## Вақте ки мо аз Худо наметарсем, чӣ рӯй медиҳад ?

Худо ба Мусо гуфт: «Кошки дили онхо чунин мебуд, ки аз Ман метарсиданд» (Такрори Шариат 5:29). Лекин қавм аз Ӯ наметарсид ва нигаред, ки чӣ рӯй дод. Баъди як соли зиндагӣ дар биёбон, вақте расид, ки рафта замини ваъдашударо гиранд. Худованд ба Мусо гуфт: «Одамонро

аз ҷониби худ бифирист, то ки замини Канъонро, ки Ман ба бани-Исроил медиҳам, ҷосусӣ кунанд» (Адад.13:3). Пайхас намоед, ки ӯ гуфт: «Ман медиҳам...». Худо нагуфт: «Ҷосусӣ кунед ва бинед, оё заминро гирифта метавонед».

Инак, Мусо онҳоро фиристод. Онҳо 40 рӯз ҷосусӣ карданд ва маълум карданд, ки аҳолии он замин хеле хуб зиндагӣ мекарданд, шаҳрҳо калон буданд ва хуб муҳофизат мешуданд.

Ҳамаи дувоздаҳ ҷосусон айни ҳамон халқро, айни ҳамон қӯшунҳоро, айни ҳамон шаҳрҳои калони устувор ва айни ҳамон азимҷуссаҳоро диданд. Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб тайёр буданд, фавран баромад кунанд ва ваъдагии Худоро гиранд. Аммо даҳ нафари дигар гуфтанд, ки он заминро гирифтан имконнопазир аст. Онҳо зиёда аз чил сол ғулом буданд ва ба ҷанг тайёр набуданд, мисли он қӯшунҳое, ки онҳо дар он чо диданд. Қавм тарсиданд ва ба шикоят сар карданд.

> Ва чаро Худованд моро ба ин замин мебарад, то ки мо ба дами шамшер биафтем, ва занону кӯдакони мо ба асирӣ бурда шаванд? Оё барои мо беҳтар нест, ки ба Миср баргардем? (Ададҳо 14:3).

Дар ин оят мо решаи тарси одамро мебинем: оё ҳоли мо бадтар намешавад? Ин одамон ҷуръатро аз даст доданд, аз сабаби он ки танҳо дар бораи худ фикр карданд. Онҳо нагуфтанд: «Худо чиро беҳтар меҳисобад?». Ба ҷои ин онҳо гуфтанд: «Ба мо кадомаш беҳтар мешавад?»

Мумкин аст ки боз равшантар шавад? Решаи тарс дар назди одамондар муҳаббати худпарастона аст. Агар шумо ҳаёти худро дӯст доред, шумо кӯшиш мекунед, ки онро наҷот диҳед. Ва аз ҳама чизе ки онро таҳдид мекунад, метарсед.

Худо қавми Худро ба ҷое овард, ки онҳо дигар интихоб надоштанд, ба гайр аз он ки ба худи Ӯ такя кунанд. Ба назар чунин мерасид, ки истиқоматкунандагони ин замин онҳоро ҳамту нобуд мекунанд. Аммо ба ҷои он, ки ба Худо бовар кунанд, исроилиён чунин рафтор карданд, ки гуё Худо онҳоро аз Миср наҷот дод, танхо барои он ки, ба Канъониён иҷозат диҳад, ки онҳоро кушанд. Албатта, ин хандаовар аст, лекин мо ҳама давраҳоеро аз сар мегузаронем, ки бояд дар чунин ҳолатҳо аз қафои Худованд равем, ба назари мо чунин мерасад, ки онҳо ба ҳаёти мо хатарноканд ва таҳдид мекунанд.

Дар чунин ҳолатҳо мо метавонем аз қафои Ӯ равем, танҳо он вақте ки, дар дилҳои худ яқин дорем, ки Худо дар ҳақиқат нек аст. Дар Ӯ танҳо некӯкорӣ ҳаст. Ӯ ҳеҷ гоҳ ягон чизро танҳо ба манфиати Худ намекунад, то ки ба мо азобу шиканҷа ва бохтҳои ҷиддиро орад! Мо

бояд дар хотир дошта бошем, ки Худо ҳама чизро аз нуктаи назари абадият доварӣ мекунад, дар ҳамон вақте ки доварии одамон аз ҳафтод-ҳаштод сол боло нест.

## Радшавӣ аз тарафи Худо ё одам?

Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун роҳи мушкилро интихоб карданд. Худо гуфт, ки онҳо дигар рӯҳ доранд ва онҳо пурра аз қафои Ӯ мерафтанд. Ҳамаи дигар боқимондагон нахостанд Худоро гӯш карда, бо фароғати худ таваккал кунанд. Худо ба Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун бовафо буд. Онҳо ягона касоне дар насли худ буданд, ки ба замини ваъдашуда даромаданд (ниг. Ададҳо 14:24,30).

Касоне, ки дар ҷустуҷӯи раҳонидани ҳаёти худро буданд, онро гум карданд. Худо тақдири онҳоро бо суханони зерие эълон кард: «Ва ҷасадҳои шумо дар биёбон хоҳад афтод...то бидонед, ки аз таваҷҷӯҳи Ман маҳрум шуданатон чӣ маънӣ дорад»(Ададҳо 14:32,34). Ин фикри ҳушёркунанда аст, донистани он, ки бисёриҳо аз тарафи Худо рад карда мешаванд, чунки метарсиданд, ки одамон онҳоро рад мекунанд.

Ман дуо мекунам, то ки ҳамаи мо дар тарси Худованд фароғат ёфтанро омӯзем. Барои он ки «тарси Худованд чашмаи ҳаёт аст, ва аз домхои мамот дур мекунад» (Масалҳо 14:27). Дар боби оянда шумо мебинед, ки дар вақтҳои бечуратӣ чӣ тавр тарси Худо ба шумо кӯмак мекунад, ки дар иродаи Худо роҳ гардед.

## *Тарси Худованд боварӣ ва далериро ба вуҷуд меорад*

## *Боби 12*

# АМАЛ КАРДАН Ё ҶАВОБ ДОДАН

Бечуратӣ ва тарс метавонад ба воситаи шароитҳо, фикрҳо ва одамон ояд. Аксарият бо бечуратӣ ва тарс, ки ба воситаи дигар одамон меоянд, мубориза мебаранд. Тарси одамӣ- ин аст таърифи аниқи чунин намуди фишор.

Тарси одамӣ моро маҷбур мекунад, ки аз радшавӣ, хафагӣ ва наҳзанӣ аз тарафи одамон гурезем, ва эътибор надиҳем, ки бо ин мо Худоро рад мекунем. Шахсе, ки аз одамон метарсад, Онеро, ки дида наметавонад, хафа мекунад, то ки онеро, ки дида метавонад, хафа накунад.

Исо моро насиҳат мекард: «Аз кушандагони ҷисм, ки қодир нестанд баъд аз он ягон кори дигаре бикунанд, натарсед; лекин ба шумо иншон медиҳам, ки аз кӣ тарсидан лозим аст: аз ӯ ҳаросон бошед, ки баъд аз куштан қодир аст ба дӯзах андозад; оре, ба шумо мегӯям, ки аз ӯ тарсед» (Луқо 12:4-5).

Агар шумо аз одамон тарсед, ҳангоме ки Худо шуморо ба мушкилӣ ё душворӣ мебарад, шумо кӯшиш мекунед, ки худро ҳимоя кунед. Ба ҷои он ки иродаи Худоро ҷӯед, шумо иродаи шахсии худро иҷро мекунед. Аммо агар шумо аз Худо тарсед, онгоҳ метавонед аз ҳар мушкилӣ гузаред ва бо ин шарафро ба Худо диҳед. Шумо мефаҳмед, ки танҳо Ӯ метавонад шуморо нигоҳ дорад. Шумо бовар мекунед, ки Ӯ медонад, ки дар схемаи абадии чизҳо чӣ беҳтарин аст.

Дар китоби Масалҳо як ваъдаи қавӣ оиди тарси Худованд ҳаст:

> Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст, ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад. Худотарсӣ чашмаи ҳаёт аст, ва аз домҳои мамот дур мекунад (Масалҳо 14:26-27).

Ва, баръакс дар Навиштаҷот аниқ гуфта шудааст:

> Тарсончакии одам ба дом меоварад (Масалҳо 29:25).

Бечуръатӣ ин дом ё қапқон аст. Лекин худотарсӣ боварӣ ва далериро ба вуҷуд меорад, маҳз он чизе ки, ба мо даркор аст, то ки аз доми бечуръатӣ озод шавем.

## Фишор фош мекунад

Ман мехоҳам ду шоҳро муқоиса кунам. Ҳардуяш дар ҳамон як малакут ҳукмронӣ мекарданд ва ҳардуяш ба як Худо саҷда мекарданд. Яке аз он рад карда шуд, дигарашро Худо ҳамчун марди мувофиқи дили Худ номид. Ин ду ҳаётро муқоиса карда, мо аниқ мефаҳмем, ки байни таср аз Худо ва тарс аз одам чӣ гуна фарқият аст. Биёед, як ҳодисаи аз ҳама драматикӣ ва кам омӯхташударо дар ҳаёти Шоул дида мебароем.

Ҳодиса чунин аст. Шоул аллакай ду сол ҳукмронӣ мекунад. Ва чӣ хеле ки бисёр вакт дар ин ҳолат мешавад, »моҳи асалини»ҳукмронӣ хислати аслии ӯро маълум накард. Лекин бо мурури замон ниятҳои ӯ фош шуданд.

Вақте ки Шоул дар Михмос бо ҷанговарони беҳтарини худ буд, фалиштиён бар зидди ӯ тайёрӣ медиданд (1Подшоҳон13:5-15). Ин артиши боқувваттарине буд, ки Шоул рӯ ба рӯ шуда буд. Душман се ҳазор ароба, шаш ҳазор савора, ва микдори зиёди аскарон, ки фақат бо «қуми соҳил» муқоиса мешавад, дошт. Гуфтан меарзад, ки ин қӯшуни бисёр калон буд! Бо сӣ ҳазор ароба вохӯрдан баробари бо сӣ ҳазор танк вохӯрдан аст! Бар работ ин, артиш чунин калон буд, ки ҳеҷ шумурда намешуд! Барои артиши Исроил ин хеле ваҳмангез буд.

Аз тарс аскарони Шоул дар буттаҳо, ҷоҳҳо ва кӯҳҳо пинҳон шуданд. Онҳо таҳти фишор буданд. Баъзеҳо ҳамту гурехтанд: аз Ӯрдун гузаштанд ба мамлакати Ҷод ва Ҷилъод рафтанд. Ҳамон касоне, ки аз қафои Шоул рафтанро давом доданд, аз тарс меларзиданд.

Пеш аз ҳар муҳориба Исроил мебоист ба Худо фарёд кунад. Самуил ба Шоул аз ҷониби Худо фармон дода гуфт, ки баъд аз чанд вақт меояд, то ки ба Худованд қурбонии сӯхтанӣ пешгаш кунад. Шоул «ҳафт рӯз то мӯҳлате ки Самуил таъин намуда буд, интизорӣ кашид, вале Самуил ба Ҷилҷол наомад; ва қавм аз пеши Шоул пароканда мешуданд» (1 Подшоҳон 13:8).

Дар зери фишор Шоул гуфт: «Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои осоиштагиро ба инҷо, ба назди манн биёред». Ӯ қурбонии сӯхтаниро овард, ва ҳамон замоне ки ӯ инро кард, Самуил расида омад.

Самуил аз Шоул пурсид, ки ӯ чӣ кард. Ба ҷавоби Шоул бодиққат нигоҳ кунед:

> Чун дидам, ки қавм аз пеши ман пароканда мешаванд, ва ту дар мӯҳлати таъиншуда наомадӣ, ва фалиштиён дар Михмос чамъ шудаанд; ба дили худ гуфтам, ки алҳол фалиштиён ба муқобили ман дар Ҷилҷол фурӯд хоҳанд омад, дар сурате, ки ман ҳанӯз ба хузури Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намуда, қурбонии сӯхтаниро баровардам (1 Подшоҳон 13:11-12).

Самуил Шоулро сарзаниш карда, гуфт, ки ӯ беақлона амал кард, чунки ҳукми Худовандро риоя накард.

Ҳоло, вақте ки мо дида баромадем, ки чӣ рӯй дод, худро дар ҷои Шоул тасаввур кунед. Шумо пешво ҳастед. Шумо ва одамони шумо дар назди артиши калон аллакай аз ҳафт рӯз зиёд истодаед. Қаторҳои шумо мегиряд ва мегиряд, аммо қатори душман рӯз ба рӯз меафзояд. Одамони шумо аз тарс назди душман меларзанд ва барои наҷоти худ мегурезанд. Боқимондагон бошанд, аз даҳшат меларзанд. Шумо пайғамбари Худоро интизор ҳастед, лекин ӯ саривақт намеояд, то ки қурбониро биёрад!

Шумо фишори бисёрро аз сар мегузарондед. Ин ҳолати »фиқори равганбарорӣ»аст. Одамон аз гирду атроф шуморо маҷбур карда, мегӯянд: «Ягон кор бикун, ё ин ки ҳамаи мо мемирем!» Оё шумо интизор мешавад, чӣ хеле ки Худованд ҳукм карда буд, ё ба ягон қарор омаданро сар мекунед, то ки худро наҷот диҳед?

Маҳз бо чунин шароит подшоҳ Шоул бархӯрд (1 Подшоҳон 13:1-8). Мутаассифона, ӯ зери ин фишор шикаст хӯрд. Ба гап гӯш накарда, қурбониро худаш овард. Бинед, ки чӣ хел Шоул узр мехоҳад: «Алҳол фалиштиён ба муқобили ман фурӯд хоҳанд омад... дар сурате ки ман ҳанӯз ба ҳузури Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намудам» (1 Подшоҳон 13:12). Ӯ қурбониро овард, то ки дар чашми қавм худро хуб нишон диҳад, баъд кӯшиш кард, ки дар назди Самуил рӯҳонӣ намояд. Ӯ гуфт: «бинобар ин ман ҷуръат намудам». Дар асл ӯ ҳамту аз рӯи шароит амал кард ва ба доми бечуръатӣ афтод.

## Ягон кор бикун!

Аксарияти одамон, ягон хел шуда, ба шароитҳо ин монанд рӯ ба рӯ мешаванд. Оё шумо ягон маротиба чунин фикр кардед: «Ман медонам, ки Худо ба ман мегӯяд, ки ором истам, аммо ман бояд ҳаракат кунам, то ки шароитеро,ки дар он ҳастам, тағир диҳам».

Ман дар шароитҳое будам, ки дӯстон ва одамоне, ки зери лидерии ман буданд, илтиҷо мекарданд: «Ҷон, ту бояд ягон кор кунӣ!» Лекин дар дили худ медонистам, ки Худо ба ман инро намегӯяд. Ӯ хомӯш буд.

Аз ҳама мушкилаш-Худовандро интизор будан, махсусан вақте ки ӯ ҳеҷ чиз намегӯяд! Ин ростӣ махсусан имрӯз актуалӣ аст. Мо, дар Амрико, бо чунин захираҳо ва пулҳоямон одатан ягон қарор қабул мекунем, ҳатто агар Худо дар ин иштирок накунад ҳам. Бо қувваи истеъдодҳои табиӣ ва қобилиятҳои худ, бе иштироки Худо, мо метавонем, ягон чизро офарем, ки он ба назар чунин менамояд, ки Худо офаридааст.

Ҳангоме ки кор то қабули қарор омада мерасад, бисёр вақт мо боб ва оятеро, ки ба мо мегӯяд, ки чӣ кор кунем, ёфта наметавонем. Ҳар лаҳза мо мехоҳем донем, ки Худо ба мо чӣ мегӯяд. Аммо вақте ба назар мерасад, ки гӯё Худо ҳеҷ чиз намегӯяд, дар асл Ӯ гап мезанад! Ӯ мегӯяд: «Ҳамон кореро, ки ман ба ту гуфта будам, давом деҳ. Ҳеҷ чиз тағир наёфтааст!» Махсусан вақте ки беҷуръат ҳастем, ин корро кардан хеле душвор аст.

Ман мехоҳам, бо каломе, ки Худо ба ман боре дар рӯзи Соли Нав дода буд, тақсим кунам. Ман дар хориҷа будам, баъд аз сафари чилу шашсоата ва ду мавъиза ҳар рӯз, хобам сахт бурда буд, ман хеле хасташуда будам. Ногаҳон, соати дуи шаб ман аз хоби чуқур бедор шудам. Ман медонистам, ки танҳо Худованд метавонист маро бо чунин тариқ бедор кунад, чунки ман се соат хобида будам ва хестанӣ набудам.

Худованд ба ман калом дод, ки ман бо он дар ҳолати оддӣ тақсим намекардам, барои он ки он бисёр шахсӣ буд. Аммо ман бовар дорам, ки Худованд мехоҳад, ки ман инро барои тавсири тасдиқоти худ кунам. Ман фикр мекунам, ин бисёриҳоро, ки дар чунин шароитҳо ҳастанд, устувор мегардонад. Ана қисми ин калом:

Ту диққатро ба худ ҳис накардӣ, ва ин қисми озмоиш буд. Ман инро кардам, то ки туро биозмоям ва бинам, ки оё ту бе роҳбарии ман амал мекунӣ. Он ки ту дар вақти хомӯшии Ман ҳеҷ амал накардӣ, ба Ман писанд омад. Чунки ҳангоме ки Ман ба ту гап назадам, ту ба ҳайрат наомадӣ, ва нақшаҳои худро насохтӣ, бо умед аз они Маро интизор будӣ, ҳоло ту чизҳои бузургро мебинӣ. Зеро ки Ман ба ту ва ба ҳамсарат нақшаҳои калон ва махсусро медиҳам, ва он ба ҳардуи шумо хурсандии бузург меорад.

Худованд ба ман айнан ҳамон замоне, зани ман ва ман худро фарсуда ва ғайрифаъол ҳис мекардем, гап зад. Мо баъзе хоҳишҳо ва мӯҳтоҷиҳо доштем ва ҳис мекардем, ки онҳо қонеъ нашудаанд. Дар давоми якчанд сол, мо ҳардуямон зери фишори аз ҳад зиёд зиндагӣ мекардем. Дӯстоне, ки дар ҳақиқатан ба мо ғамхорӣ мекарданд, маслиҳат доданд, ки ягон қарор кунем, аммо мо ҳис намекардем, ки ин калом аз тарафи Худованд буд. Ҳамту онҳо аз рӯи он шароите ки ба назари онҳо мо дар он будем, амал карданд. Ин имтиҳони мо буд.

Мо метавонистем, чизеро тағир диҳем, то ки он фишорро, ки дар зераш будем, кам кунем. Ба мо лозим буд, ки мо бо шубҳаҳои шахсии худ мубориза барем ва фикр кунем: «Наход ки мо Худоро аз даст дода бошем?» Аммо дар қаъри дили худ мо медонистем, ки Худо маро ба ҳаракат кардан роҳнамоӣ накардааст.

Пеш аз ба охир расидани моҳи авввали ҳамон сол мо дидем, ки Худо чӣ хел мӯҷизаъхо мекунад, ки болотар аз ҳама интизориҳои барҷастаи мо буд! Ман ҳатто намедонам, оё ягон вақт ман дида будам, ки хамин қадар чизҳо дар як моҳ рӯй диҳад. Ба назар чунин мерасид, ки Худо дар ҳамон моҳ зиёдтар кард, нисбати панҷ соли пештара!

Хеле муҳим, ки мо аз рӯи фишор амал накунем. Мо бояд мутобиқи каломи Худо амал кунем.

## Марди мувофиқи дили Худо

Шоул тарсид. Обрӯи вай, ҳаёт ва подшоҳии вай дар нӯги сӯзан буд, барои ҳамин ӯ амал карданро сар кард, дар он вақте ки Худо ба ӯ амр дода буд, ки интизор бошад. Баъди он ки Самуил Шоулро фош кард, ӯ довариро нисбати вай эълон кард:

> Вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид; Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва ӯро Худованд бар қавми Худ раис таъин хоҳад кард, зеро ки ту он чиро, ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардӣ (1 Подшоҳон 13:14).

Шоул ба беҷуръатӣ нафақат як бор сар хам карда буд. Шоул рӯйхати зиёди шароитҳоро дорад, ҳангоме ки зери фишорҳои сахт Худоро гӯш накарда буд. Дар дигар ҳодиса, ӯ ба хоҳиши қавм гӯш дода, иҷозат дод, ки молу мулки талаф шударо аз шаҳр гиранд, вале Худо гуфта буд, ки онро пурра нобуд кунанд. Вай намехост назари одамонро гум кунад. Вақте ки Самуил ба ӯ муқобил истод, Шоул ба гардан гирифт: «Ман гуноҳ кардам, зеро ки аз фармони Худованд ва аз суханони ту берун баромадам, чунки аз қавм тарсида, овози онҳоро шунидам» (1 Подшоҳон 15:24).

Боз як тасдиқи навбатӣ нишон медиҳад, ки аз беитоатӣ дида,ӯ бисёртар дар бораи обрӯи худ гамхорӣ мекард. Суханони ӯ, ки ба Самуил муроҷиат карда буд, нияти дили ӯро фош карданд: «Ман гуноҳ кардам; алҳол лутфан, маро ба ҳузури пирони қавм ва назди Исроил иззат намо» (1 Подшоҳон 15:30).

Боз ва боз Шоул гуноҳ кард, аз сабаби он ки аз одамон метарсид. Чӣ қадаре, ки ӯ метарсид, ҳамон қадар ӯ ҳамчун пешво мағлуб мешуд. Бо пешвоёни, ки худро дар хатар ҳис мекунанд, аксар вақт чунин рӯй

медиҳад. Онҳо бо одамон дағалона муносибат мекунанд, то ки чунин вонамуд кунанд, ки шароитҳоро зери назорат мегиранд, ҳамон вақте ки дар асл тарс ва беҷуръатии худро пинҳон мекунанд.

Самуил ба Шоул гуфт, ки Худо подшоҳиро ба касе медиҳад, ки аҳкоми ӯро риоя мекунад (1 Подшоҳон 13:14). Довуд чунин шахс буд. Ман шунидам, ки баъзе аз одамон мегӯянд, ки дар дили худ ташнаи Худо ҳастанд. Лекин ман мехостам шунавам, чӣ хел Худо мегӯяд, он чизеро, ки Вай дар бораи Довуд гуфта буд: «Дили ту ба Ман писанд аст». Ман медонам, ин хоҳиши ҳар як имондор аст, ки Худоро дӯст медорад! Ман бодиққат ҳаёти Довудро омӯхтам, бо ҳохиши фаҳмидани он, ки чӣ Худоро маҷбур кард, ки Худро бо ӯ дар як қатор гузорад.

Ман пайхас кардам, ки Довуд хеле боэҳтиёт буд, то аз Худо калом нагирад, ҳеҷ кор намекард. Боз ва боз дар ҳолатҳои зери фишори сахт ӯ маслиҳати Худоро мегирифт (1 Подшоҳон 20-31). Биёед, ба як шароитҳои беҳад душвор нигоҳ кунем.

## Оё аз ин ҳам бадтар шуда метавонад?

Дар соли охири ҳукмронии Шоул Довуд ва одамони ӯ дар замини фалиштиён гурезгоҳ пайдо карданд. Бо мурури шароитҳои аҷиб Довуд ва одамони вай бо фалиштиён якҷоя шуданд, айни ҳамон вақте ки, артиши фалиштиён бо Исроил ҷанг карданӣ буд. Аммо ба сардорони фалиштӣ маъқул набуд, ки яҳудиён ҳамроҳи онҳо ба ҷанг мераванд. Бинобар ин онҳо ба Довуд ва одамони ӯ иҷозат надоданд, ки ҳамроҳи онҳо раванд.

Саҳарии дигар, қушуни Довуд қарор карданд, ки ба назди зану фарзандонашон ба Сиқлоч баргарданд. Дар ҷанг иштирок карда нашуд, ва Довуд ва одамонаш мумкин ки худро нодаркор ҳис карданд. Онҳоро на танҳо мамлакати худашон ва шоҳи худашон рад кард, ҳамчунин онҳое, ки бо гурезгоҳ таъмин карда буданд. Шояд Довуд худро бисёр танҳо ҳис карда буд. Рӯз ҳам аз рӯзҳои хуб набуд. Аммо дар муқоиса бо он ки, дар пеш чӣ истода буд, ин ҳеҷ чиз набуд. Бодиққат хонед, ки ҳангоме ки Довуд ба назди оилааш баргашт, чӣ рӯй дод, ва тасаввур кунед, ки дар ин ҳолат ӯ чӣ ҳис мекард.

> Ва ҳангоме ки Довуд ва одамонаш дар рӯзи сеюм ба Сиқлоҷ расиданд, маълум шуд, ки амолеқиён ба ҷануб ва ба Сиқлоҷ ҳуҷум кардаанд, ва Сиқлоҷро торумор намуда, онро ба оташ сӯзонданд. Ва занон ва ҳар каси дар он бударо, аз хурд то калон, асир кардаанд, ҳеҷ касро накуштаанд, балки ба асирӣ

> бурда, ба роҳи худ рафтаанд. Ва Довуд бо одамонаш ба шаҳр омад, ва инак, он ба оташ сӯхтааст, ва занон ва писарон ва духтаронашон асир гардидаанд. Ва Довуд ва қавме ки бо ӯ буданд, овози худро баланд карда, гиристанд, то ба дараҷае ки дигар маҷоли гиристан надоштанд. Ва ду зани Довуд: Аҳинӯами изреъилӣ ва Абиҷайл, зани Новоли кармилӣ, асир шуда буданд (1 Подшоҳон 30:1-5).

Шумо тасаввур карда метавонед, он дардеро, ки ӯ ҳис мекард? Оилаи ӯро асир гирифтанд, ҳама чизҳои қиматбаҳоро дуздиданд, боқимондаашро сӯзониданд! Бар замми ин ӯ нафақат барои оилаи худ азоб мекашид, балки барои оилахои одамонаш низ. Ҳамаи онҳо худро бефоида ва дар кӯча монда ҳис мекарданд. Онҳо танҳо барои он баргаштанд, то бинанд, ки чӣ хел хонаҳои онҳо дуд мекунад ва фаҳманд, ки наздиконашонро душман бурдааст. Агар ин кофӣ набошад, бинед ки пасон чӣ рӯй дод:

> Ва Довуд бағоят ба танг омад, зеро ки қавм мехостанд ӯро сангсор кунанд, чунки тамоми қавм-ҳар яке барои писарону духтаронашон-талхком гардида буданд; вале Довуд ба Худованд Худои худ таваккал намуда, қувват меёфт (1 Подшоҳон 30:6).

Ҳаминаш кам буд: одамоне, ки бо ӯ ба ҷанг рафта буданд, тайёр буданд, ки Довудро бо санг зананд, барои он ки зану фарзандонашон бе ҳимоя монда буданд! Аз ин бадтар шуда наметавонад. Ин бисёртар мушкил буд, нисбати озмоиши Шоул. Довуд ягон одамеро надошт, ки ба ӯ муроҷиат карда тавонад. Шоул ба ҳар ҳол кӯшуни тарсончак, оила дошт ва одамони вай таҳдиди бо сангҳо заданро накарда буданд.

Аксарияти имондорон дар ҳаёти худ то ба ҳамин лаҳза омада мерасанд, ки худро тамоман танҳо ҳис мекунанд. Ман бовар дорам, ки Худо иҷозат медиҳад, ки ин рӯй диҳад. Ӯ инро ташкил намекунад, барои он ки муаллифи бадӣ намебошад. Балки Худо дахолат намекунад, ба сабаби он ки дар ин мавридҳои тангӣ як маъноро мебинад. Довуд метавонист таслим шавад, аз қафои душман давад ё дигар тарзи дур кардани дарди аскаронашро пайдо намояд. Аммо, нигаред, ки ӯ ба ҷои ин чӣ кор кард.

> Вале Довуд ба Худованд Худои худ таваккал намуда, қувват меёфт. Ва Довуд ба Абётори коҳин, ибни Аҳималик, гуфт: лутфан, эфӯдро назди ман биёр. Ва Абётор ефодро назди Довуд овард. Ва Довуд аз Худованд пурсида гуфт: оё

> ин фавҷро дунболагирӣ намоям? Оё ба онҳо метавонам бирасам? Ва ба ӯ гуфт: дунболагарӣ намо! Зеро ки ҳатман ба онҳо хоҳӣ расид ва раҳо хоҳӣ кард (1 Подшоҳон 30:6-8).

Ҳатто дар зери фишори бошиддат ҳам Довуд амал накард, то он даме ки аз Худованд ҳукм нагирифт. Ӯ бовафоии Худо ва аҳдро бо Худованд ба хотири худ овард, баъдан савол кард, ки чӣ бояд кунад. Ва Худо гуфт: «Дунболагирӣ намо».

Довуд аз ақиби онҳо ба ҳуҷум рафт. «Ва Довуд бар чиро, ки амолеқиён гирифта буданд, раҳо кард; ва ду зани худро Довуд раҳо кард. Ва онҳо аз ҳеҷ чизи хурд ва калон маҳрум нашуданд: на аз писарон ва духтарон, на аз ғанимат ва на аз ҳар чизе ки онҳо гирифта бурда буданд: ҳамаашро Довуд баргардонид» (1 Подшоҳон 30:18-19).

Вазъияте, ки тамоман беумед ба назар мерасид, ба ғалабаи бузург табдил ёфт. Барои Худои мо ҳеҷ чизи мушкил нест. Довуд на аз одамон, балки бештар аз Худо метарсид. Ва ин ӯро водор сохт, ки дар навбати аввал ба Худо рӯ оварад. Муносибати вай ба фишор аз муносибати Шоул бисёр фарқ мекард.

Довуд амал кард, дар он ҳолате ки Шоул ҷавоб дод. Довуд метавонист амал кунад, на ин ки ба ҳодиса ҷавоб диҳад, барои он ки медонист, Худованд чӣ мегӯяд. Вақте ки мо ақли Масеҳро дорем, мо бо далерӣ мусаллаҳ ҳастем, то ки амал кунем, на ин ки ҷавоб гардонем.

## Ақли солим

Дар яке аз бобҳои пештара мо маълум кардем, ки барои шикастани беҷуръатӣ далерӣ лозим аст – далерии табиӣ не, балки далерие, ки аз қуввати худоӣ, муҳаббат ва ақли солим меояд. Ин ояти асосии мо буд:

> Бо ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ; зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (дар Библияи анг.-«ақли солим» мис.тарҷ.) (2 Тимотиюс 1:6-7).

Биёед мебинем, чӣ хел ин се сифат дар дили Довуд далериро ба вуҷуд овард, ки он барои истодагарӣ кардан дар ҳамлаи беҷуръатӣ ба ӯ кӯмак намуд.

1. Қувват. Довуд Худоро мешинохт, ва медонист, ки Худо бузургтар ва пурқувваттар аз ҳамаи он чизе, ки бо он ӯ рӯ ба рӯ мешавад.
2. Муҳаббат. Ӯ Худоро аз худ зиёдтар дӯст медошт.

3. Ақли солим. То аз ҷониби Худо калом нагирад, ё ҳадафи Ӯро нафаҳмад, ӯ амал намекард, новобаста аз он ки чӣ қадар фишор сахт буд.

Вақте ки рӯҳи мо пур аз қувват, муҳаббат, каломи Худо аст, мо сайди беҷуръатӣ намешавем. На танҳо яке аз ин сифатҳо,балки омехтаи ҳар ин сенишонаҳо лозим аст. Агар танҳо яктояш даркор мебуд, Павлус ҳамин хел менавист. Вале барои дар далерии Худо гаштан, ҳарсеи ин зарур аст.

Мо аллакай батафсил кувва ва муҳаббатро баррасӣ кардем. Биёед акнун ақли солимро низ дида мебароем.

***Ақли солим медонад, ки Худо айни ҳол чӣ кор карда истодааст ва чӣ гуфта истодааст***

## *Боби 13*

# РӮҲИ АҚЛИ СОЛИМ

Ҳеҷ чиз зиёдтар наметарсонад, мисли надонистан. Надонистан –ин норасогии дониш. Дар бораи киммати дониш дар Навиштаҷот зиёд гуфта шудааст. Дар Масалҳо гуфта шудааст: «шахси боҳикмат боқувват аст, ва шахси бофаросат қувваи худро мустаҳкам мегардонад». Масалҳо 11:9 ба мо хотиррасон мекунад, ки «одилон ба воситаи дониш раҳо мешаванд». Дониш қувват медиҳад, ки аз доми беҷуръатӣ раҳо шавем.

Ҳаминро фаҳмед, ки дониши табиӣ ва дониши рӯҳонӣ мавҷуд аст. Донишу ҳикмати рӯҳонӣ аз дониши табиӣ боло меистад. Маҳз барои ҳамин мо онҳоро фавқултабиӣ меномем. Ин маънои онро дорад, ки аз табиӣ боло меистад.

Дар Номаи 2-юм ба Тимотиюс 1:6-7 Павлус дар бораи се элементи асосӣ, ки барои ғалаба кардан аз болои беҷуръатӣ лозим аст, хотиррасон мекунад: муҳаббат, қувват ва ақли солим. Дар ин боб гап дар бораи элементи охирон - ақли солим меравад.

Ақли солим чист? Донистани Навиштаҷот? Шогирдон моҳигирони бесавод буданд, ва аз ҳама гурӯҳи маълумотдор дар Исроил, садуқиён буданд, ки онҳо бо ҳикмат ва ҷасурии худ гумроҳ шуда буданд.

> Вақте ки ҷасорати Петрус ва Юҳанноро диданд ва пай бурданд, ки одамони нохонда ва оддӣ ҳастанд, мутааҷҷиб шуданд ва онҳоро шинохтанд, ки аз ҳамроҳони Исо буданд (Аъмол 4:13).

Шахсе бо номи Истефанус сардорони таълимдодашудаи куништро дар ҳайрат гузошт. Китоби Муқаддас чунин шаҳодат медиҳад: «Лекин ба он ҳикмат ва Рӯҳе, ки дар суханонаш буд, ёрои мухолифат надоштанд» (Аъмол 6:10).

Мо якбора дида метавонем, ки рӯҳи ақли солим аз ҳикмати табиӣ ва дар натиҷаи дарсҳои махсус оиди Навиштаҷот намеояд. Пас рӯҳи ақли солим аз куҷо меояд?

## Дониши ошкоршуда

Солимии ақл аз донистани ақли Масеҳ меояд. Танҳо донистани Навиштаҷот донистани Масеҳро кафолат намедиҳад. Навишта шудааст, ки «ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад» (2 Қӯринтиён 3:6). «Ҳарф»- маъноящ Навиштаҷот.

Фарисиён Навиштаҷотро хуб медонистанд, лекин рӯҳи онро намедонистанд. Барои ҳамин хизмати онҳо маргро меовард. Он одамонро аз дили Худо дур мекард, на ин ки ҷалб мекард. Онҳо одамонро аз Худо ҷудо мекарданд, бо дониши қонундонии худ Худоро чунин тасвир мекарданд, чӣ хеле ки худашон Ӯро шинохта буданд,- на бо дил, балки бо ақл.

Исо гуфта буд: «Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае, ки аз даҳони Худо бароя<br>д» (Матто 4:4). Пайхас кунед, Ӯ нагуфт «баромада». Онгоҳ ин замони гузашта мешуд. Танҳо Навиштаҷот дар худ он чиро тасвир мекунад, ки аз даҳони Худо баромадааст.

Ӯ гуфт «бараояд», ки замони ҳозираро нишон медиҳад. Мо бояд Худои Навиштаҷотро шиносем, то донем ки, имрӯз аз даҳони ӯ чӣ мебароял. Инҷили Юҳанно 16:13-14: «Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чӣ мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод» Диққат диҳед, Исо гуфтааст: «чӣ мешунавад», на ин ки «чӣ шунид». Бо мадади Рӯҳи Муқаддас мо метавонем донем, ки Исо ҳоло чӣ мегӯяд.

Онгоҳ шумо пурседа метавонед: «Пас барои чӣ Навиштаҷот лозим аст?» Онҳо-роҳбалад ҳастанд, то ки ба мо кӯмак намоянд ва моро равон кунанд. Онҳо аз ҷониби Худо рӯҳбаланд шудаанд, ва вақте ки Рӯҳи Муқаддас онҳоро зинда мегардонад, Навиштаҷот дар дилҳои мо зинда мешавад, на танҳо дар сарҳои мо. Онҳо стандартҳое мебошанд, ки мо онҳоро барои тасдиқи чизҳои мешунидаамон аз Рӯҳи Муқаддас истифода мебарем. Рӯҳи Муқаддас ҳеҷ гоҳ ба Навиштаҷот мухолифат намекунад. Вале мо метавонем фирефта шавем, вақте ки қабули ақлии Навиштаҷот маҳдуд мекунад, он чиро ки Рӯҳи Муқаддас гуфта метавонад. Хатогии фарисиён дар ин асос меёфт.

## Донистани боб ва оят кофӣ нест

Фарисиён бисёр доно буданд. Воқеъан онҳо панҷ китоби Аҳди Қадимро аз ёд медонистанд! Онҳо Навиштаҷотро тадқиқ намуда буданд ва бетоқатона омадани Масеҳро интизор буданд. Аммо чуноне ки Навиштаҷотро бо ақлашон мефаҳмиданд, ҳамон тавр Ӯро интизор буданд. Онҳо медонистанд, ки Ишаё чӣ пешгӯӣ карда буд.

> Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд, ва салтанат бар дӯши ӯ хоҳад буд, ва номи ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор, Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд. Афзоиши салтанат ва осоиштагии ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард (Ишаъё 9:6-7).

Масеҳи онҳо мебоист малакути заминии худро муқаррар кунад, онҳоро аз ҳукмронии румиён озод намояд ва ба тахти Довуд нишинад. Вақте ки Исо ҳамчун як дуредгар аз Носираи Ҷалилӣ бо ҳамроҳии шогирдонаш,моҳигирони бесаводва боҷгирон омад,онҳо пешпо хӯрданд.

Ин фарисиён доимо бо Исо душманӣ мекарданд, чунки оиди Навиштаҷотҳо танҳо тасаввуроти ақлӣ доштанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки Масеҳ пешвои бузурги миллӣ мешавад. Ба ҳамин сабаб онҳо ба Исо бо чунин саволҳо ҳуҷум карданд: «Агар ту Масеҳ бошӣ, пас куҷост он малакуте, ки Ту бояд муқаррар кунӣ?» Барои чӣ Ту дар тахти Довуд намешинӣ?

Исо ҷавоб медод: «Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад, ва намегӯянд: «Инак, он дар инҷост», ё «Инак, дар он ҷост». Зеро инак, Малакути Худо дар дохили шумост» (Луқо 17:20-21). Имрӯз мо инро дарк карда метавонем, барои он ки афзалият дорем, чунки медонем, ки Исо мурд ва боз зинда шуд. Вале он одамон фикр мекарданд, ки ҳақ ҳастанд. Лекин бовари онҳо дар дониши ақлии Навиштаҷот асос ёфта буд. Онҳо Рӯҳи ақли солимро надоштанд.

## Ба воситаи Рӯҳ ошкоршуда

Шахсе ба номи Шимъӯн низ Масеҳро интизор буд. Вай мисли фарисиён донишманд набуд. Аммо нигоҳ кунед, ки дар Китоби Муқадас дар бораи ӯ чӣ гуфта шудааст.

> Ӯ марди одил ва парҳезгор ва мунтазири тасаллои Исроил буд, ва Рӯҳулқудс бар ӯ буд. Ва аз Рӯҳулқудс ба ӯ маълум буд, ки то Масеҳи Худовандро набинад, фавтро нахоҳад дид. Ва ӯ ба ҳидояти Рӯҳ ба маъбад омад. Ва ҳангоме ки Исои Кӯдакро падару модараш оварданд, то ки маросими шариатро бар ӯ ба ҷо оваранд, ӯро ба дасти худ гирифта, Худоро муборак хонд ва гуфт: акнун, Эй Парвардигор, бандаи Худоро, муфовиқи ваъдаи Худ, ба саломатӣ ҷавоб медиҳӣ; зеро ки чашмони ман наҷоти Туро дид...Ва Юсуф ва модари ӯ аз он чи дар бораи ӯ гуфта шуд, мутааҷҷиб гардиданд (Луқо 2:25-30,33).

Вақте ки Исоро ба маъбад оварданд, то ки ба Худованд бахшанд, ӯ тақрибан аз шаш моҳа то ду сол буд. Маъбад хеле калон буд: дар ҳудуди он якчанд биноҳо буданд. Одатан дар он ҷой садҳо ва ҳатто ҳазорҳо одамон буданд.

Ҳоло чунин чизро ба худ тасаввур кунед: як марди дуредгар ва зани ӯ аз Ҷалил бо кӯдаки шашмоҳа дохил мешаванд. Рост дар миёни анбӯҳ дар маъбад, Шимъӯн давида меояд ва фарзанди онҳоро гирифта пешгӯӣ мекунад: «Масеҳ!» Холо шумо фаҳмида метавонед, барои чӣ Юсуф ва Марям чунин тааҷҷуб карда буданд!

Мебинед, Шимъӯн китоби «Яксаду як сабаб, ки барои чӣ Масеҳ бояд дар соли чоруми то мелод биёяд»-ро хонда, омадани Масеҳро ҳисоб карда набаромад. Ӯ ин маълумотро дар натиҷаи омӯзиши Навиштаҷот пайдо накард. Ба воситаи ошкоркунии Рӯҳулқудс ӯ медонист, ки Масеҳ ана-ана бояд ояд. Ӯ зери роҳнамоӣ ва роҳбарии Рӯҳи Муқаддас ба маъбад омад! Б Ҳоло дар инҷо як факти аҷоиб барои фикр кардан ҳаст. Ин шахсе, ки олими шариатдон набуд, вақте ки Исо шаш моҳа буд, Ӯро ҳамчун Масеҳ шинохт.

Фарисиён бошанд, баъд аз сӣ сол Масеҳро нашинохтанд, ҳол он ки Ӯ девҳоро берун мекард, беморонро шифо медод, чашмони кӯронро мекушояд ва мурдаҳоро эҳё мекард! Ана ин аст фарқият байни ақли Худованд ва доштани дониши ақлии Навиштаҷот.

Оё чунин буда метавонад, ки мо бо Аҳди Ҷадид он кореро кардед, ки фарисиён бо Аҳди Қадим карданд? Оё мо дониши худро оиди Худо бо таълимоти худ ва дониши Навиштаҷот, ҳатто дар калисоҳои башорати пурра маҳдуд кардем? Таълимот муносибати моро бо Худо устувор намегардонад, балки танҳо ба он теламедиҳад! Вақте ки ман ҳангоми никоҳшавиам «ҳа» гуфтам, ман дастур нагирифтам. Ман муносибати шахсиро бо занам сар кардам.

Инак, оё мо хондани Китоби Муқаддасро бас кунем? Албатта, не! Аммо шояд мо онро бояд дигар хел хонем. Ҳангоме ки ман Китоби Муқаддаси худро мегирам, ман доимо дуо мегӯям ва аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш мекунам, ки Каломи Худовандро ба ман ошкор намояд. Ҳангоми хонданам, суханони ростӣ дар дили ман таркиш мекунад. Ин он суханони ростӣ, ки мувофиқи он ман зиндагӣ мекунам!

Ақли солим медонад, ки Худо худи ҳозир чӣ мегӯяд ва чӣ мекунад. Танҳо Рӯҳи Худо метавонад инро ошкор кунад. Ӯ ба мо метавонад ба воситаи Навиштаҷот гап занад, Ӯ метавонад ба дили мо ба воситаи шаҳодати дохилӣ, ё бо овози орому нарми Худ гап занад. Вақте мо медонем, ки Худо чӣ гуфта истодааст, мо ҳаёти худро дар қалъаи ҷунбониданашаванда месозем.

## Ӯ бо қудрат гап мезанад

Дар Инҷил якчанд карат нишон дода шудааст, ки Исо бо қудрат гап мезад. Ба яке аз ин ҳодисаҳо нигоҳ кунед:

> Вақте ки Исо ин суханонро ба поён расонд, мардум аз таълими ӯ дар ҳайрат монданд, зеро ки онҳоро ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон ва фарисиён (Матто 7:28-29).

Ӯ на танҳо бо қудрат гап мезад, балки ҳамчунин бо қудрат ҳаракат мекард. Ба дигар мисол назар кунед.

> Ҳама ба воҳима афтоданд, ва ба якдигар мегуфтанд: ин чӣ гапест, ки ӯ бо қудрат ва қувват ба арвоҳи палид амр мефармояд, ва онҳо берун меоянд? (Луқо 4:36)

Ӯ бо чунин қудрат зиндагӣ ва ҳаракат мекард, ки инро ҳатто мирисади румӣ шинохт. Вай ба Исо гуфт, ки агар Ӯ фақат сухане гӯяд, хизматгораш шифо хоҳад ёфт (Матто 8:5-10). Ин марди румӣ фаҳмид, ки манбаи қудрати Исо ба Худаш маҳдуд нест, балки онро Худо таъмин мекунад. Ин барои он буд, ки Исо Худро пурра ба Рӯҳи Муқаддас, ки иродаи Падарро ба Ӯ ошкор намуда, тобеъ карда буд.

Мирисад гуфт: «Ман як фармонбар ҳастам, ки дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам». Вақте ки Исо инро шунид, дар ҳайрат монд. Ин сарлашкар фаҳмид, ки ягона роҳ барои қудрат доштан - дар зери қудрат будан аст! Исо бо қудрат амал мекард, чунки Худаш зери қудрат буд. Ӯ дар зери итоати пурра ба Рӯҳи Муқаддас буд,ки иродаи Падарро ошкор мекард. Ӯ гуфт:

> Зеро ки Ман аз Худ нагуфтаам, балки Падаре ки Маро фиристод, ба Ман ҳукм дод, ки чӣ бигӯям ва чӣ гуна сухан ронам (Юҳанно 12:49).

Ва боз:

> Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам, доварӣ мекунам. Ва доварии Ман одил аст, зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи падаре ҳастам, ки Маро фиристодааст (Юҳанно 5:30).

Исо аниқ фаҳмонд, ки қудрати Ӯ аз ҷониби Падараш омада буд.

> Оё бовар намекунӣ, ки Ман дар падар ҳастам, ва падар дар Ман? Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям; Падаре ки дар ман сокин аст, ӯ ин аъмолро мекунад (Юҳанно 14:10).

> Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи ӯ мекунад, Писар низ мекунад (Юҳанно 5:19).

Дар хотир нигоҳ доред, ки гарчанде ки Исо Писари Худо бошад ҳам, Ӯ мисли одаме, ки бо Рӯҳ пур аст, зиндагӣ мекард. Ӯ бо хоҳиши Худ Худро аз ҳамаи афзалиятҳои илоҳӣ маҳрум кард. Аммо Ӯ бо қудрат фармон медод ва ин одамонро ба ҳайрат меовард. Ин аз барои он ки Ӯ танҳо бо роҳбарии Рӯҳи Худо сухан меронд ва амал мекард. Ӯ ҳеҷгоҳ беҷуръатӣ намекард, чунки Худо ҳеҷгоҳ наметарсад ё беҷуръатӣ намекунад. Ҳеҷ касе нест, ки аз Худо боқувваттар, тавонотар ва донишмандтар бошад!

Исо дар қудрати Худ монд, ҳатто вақте ки фарисиён доимо кӯшиш мекарданд, ки бо саволҳои маккорона ва диндоронаи худ Ӯро тарсонанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки Ӯро бо суханони Худаш ба даст афтонанд. Аммо чӣ хеле ки домҳои онҳо моҳирона набошад ҳам, Исо беҷуръатии онҳоро шикаста, ҳамеша аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас ҷавоб медод. Ӯ бо ҳикмати Худ онҳоро ба бероҳа мемонд, то даме, ки онҳо бадхашм шуда кӯшишҳои худро оиди шарманда кардани ӯ бас мекарданд.

> Ва ҳеҷ кас дар ҷавоби ӯ сухане гуфта натавонист; ва пас аз он рӯз касе ҷуръат накард, ки аз ӯ чизе пурсад (Матто 22:46)

## «Чунон ки Падар Маро фиристод...»

Ҳоло хабари аҷоиб: «Чунон ки Падар маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам» (Юҳанно 20:21). Мо бояд мисли Ӯ зиндагӣ кунем, гап занем ва амал кунем. Бинобар ин ӯ моро рӯҳбаланд мекунад:

> Пас, дар дили худ аҳд кунед, ки пешакӣ андеша накунед, чӣ ҷавоб бояд бидиҳед. Зеро ки Ман ба шумо забоне ва ҳикмате хоҳам дод, ки ҳамаи душманони шумо натавонанд на зиддияте ба он нишон диҳанд ва на ба муқобили он чизе бигӯянд (Луқо 21:14-15).

Сабаби он ки, барои чӣ баъзеҳо бо қудрат гап намезананд, таълим намедиҳанд ва мавъиза намекунанд, дар он аст, ки онҳо номаро аз Китоби Муқаддас меомӯзанд, баъд ба фаҳмиши ақлии худ ин навиштаҷотҳоро вобаста мекунанд. Онҳо он чизеро мегӯянд, ки Худо пештар гуфта ва карда буд, на он чизеро, ки Ӯ ҳоло мегӯяд ва мекунад! Танҳо вақте ки мо аз ҷониби Рӯҳи Худо гап мезанем, мо бо қудрат гап мезанем. Зеро ки Худаш гуфтааст: «Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд: одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?» (Ибриён 13:5-6).

Ба он суханон боз як маротиба бодиққат нигоҳ кунед. Вақте ки мо медонем, ки Худо чӣ гуфта истодааст, мо далерона ва бо қудрат гап зада метавонем! Боварии комил ба каломи Ӯ ба мо ҷуръат мебахшад. Худо моро бовар кунонидааст, ки вақте ки мо медонем, ки Ӯ чӣ мегӯяд ва вақте

ки мо бовар мекунем, ки Ӯ ҳамеша бо мост, онгоҳ мо далерона эълон карда метавонем: «Одамизод ба ман чӣ карда метавонад?» Вақте ки мо дар чунин боварӣ зиндагӣ кунем, моро тарсондан номумкин аст!

## Фарисиёни ҳозиразамон

Боре ман бо онҳое вохӯрдам, ки ман онҳоро фарисиёни ҳозиразамон меномам, бо онҳое, ки Рӯҳро надоранд. (Онҳо метавонанд гӯянд, ки бо забонҳо гап мезананд, лекин ба ҳар ҳол онҳо Рӯҳи Худоро надоранд!) Онҳо аз дигарон зудтар бобу оятҳоро иқтибос меоранд.

Ин одамон ба ман бо саволҳо дар бораи мавъизаи ман ё шояд он чизе ки ман навиштаам, ҳуҷум карданд. Ман дар назар надорам, он шахсонеро, ки савол медиҳанд, барои ёд гирифтани чизе, ё касоне ки ҳамту намефаҳманд. Ман чунин касонро пазироӣ мекунам. Не, ман дар бораи онҳое, мегӯям, ки ҳама чизро ба воситаи ченакҳои диндоронаи худашон андоза мекунанд ва ҳар чизеро ё ҳар касеро, ки ба ҳудуди таълимотии онҳо намеғунҷад, рад мекунанд.

Ман пайхас кардам, ки сӯҳбат аз ду самт ба яктояш рафта метавонад. Аввалан, маро метавонанд ба баҳси мафкуравӣ аз рӯи Навиштаҷот кашола кунанд. Дар натиҷа ман худро тамоман хаста шуда ҳис мекунам, махсусан агар ҳамсӯҳбатҳо-доноёни ҷои Навиштаҷот оиди масъалаи муҳокимашаванда бошанд. Онҳо шалаба мекунанд, ман бошам тарсонида мешавам. Ман аллакай ёд гирифтам, ки ба чунин ҳодисаҳо ҳамроҳ нашавам!

Дигар тарзи ҷавоб додан чунин аст: бояд ба Рӯҳи Муқаддас нигоҳ карда, он чиро, ки дар дили худ мешунавам, ҳамонро гӯям. Онгоҳ ҳикмати Худо ба пеш меояд ва далелҳои онҳо тамом мешавад. Ҳикмати Худо ҳамеша аз Навиштаҷот меояд, вале Рӯҳулқудс ба он нафаси ҳаёт мебахшад.

Якчанд сол пеш ман бо як хизматгузор дар тайёра парвоз мекардам. Мо зани яҳудиро вохӯрдем, ӯ як шахсиятифаъолбуд ва боҳикматии худро намоиш медод. Сӯҳбат дар бораи Худованд Исо рафт. Мо ҳар хел тасдиқотро мегуфтем, кӯшиш мекардем исбот намоем, ки Исо-Масеҳ. Ӯ баръакс ҳаракат мекард исбот намояд, ки ҳамаи далелҳои Ӯ бардуруғ буданд.

Ногаҳон ман дарк кардам, ки ман чӣ кор карда истодааст. Ман медонистам, ки ин баҳси ақлӣ ба ҳеҷ чиз оварда намерасонад. Ман ба ботини худ барои роҳнамоии Рӯҳи Муқаддас назар кардам ва Ӯ ошкор кард, ки ман чӣ бояд гӯям. Ман ба он зан нигоҳ кардам ва бо он каломе, ки Худо ба ман дода буд, тақсим кардам. Вақте ки ман инро кардам, овози ман тағир ёфт ва суханони ман бо қудтар пур шуданд. Ҳамон замоне ки ӯ инро шунид, чашмонаш калон шуданд ва ӯ хомӯш шуд. Ҳамаибаҳсу мунозираи мо ба ӯ кӯмак накарданд. Аммо вақте ки калом аз ҷониби Худо омад, он фавран ба он зан хизмат кард.

Баъд аз он ки мо аз тайёра фаромадем, он хизматгузоре, ки бо ӯ якҷоя сафар мекардам, гуфт: «Ҷон, вақте ки ту он суханонро гуфтӣ, ман ҳузури Худоро ҳис карда тавонистам. Ту пайхас кардӣ, ки ӯ дигар ҳеҷ чиз гуфта натавонист?» Ба баҳсҳои бесамар, ки дар фаҳмиши ақлии Навиштаҷот асос ёфтаанд, дода нашавед. Баръакс, бигзор Рӯҳи Муқаддас шуморо ба ҳикмати рӯҳонӣ роҳнамоӣ намояд.

> Ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем.... лекин одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале касе наметавонад дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунад. Зеро кист, ки фикри Худовандро диниста бошад, то ки ӯро таълим надиҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем (1Қӯринтиён 2:13,15-16).

Шахсеро, ки ақли Масеҳро дорад, тарсондан ё доварӣ кардан номумкин аст! Ман метавонистам ҳодисаҳои сершуморро бо шумо тақсим кунам, агар ба Рӯҳи Худо рӯ намеовардам, ман беҷуръатӣ мекардам.

Ба мо маслиҳат медиҳанд, ки мисли Исо зиндагӣ кунем (1 Юҳанно 2:6). Исо танҳо он кореро мекард, ки медид, ки Рӯҳулқудс мекунад. Агар мо низ чунон рафтор кунем, мо ҳам солимии ақл ва ҳам далериро пайдо мекунем, ки барои бартараф кардани буҷуръатӣ ва назорат зарур аст.

## Худовандо, ман бояд чӣ кор кунам?

Бисёр вақт мо ба шароитҳое меафтем, ки онҳо моро ҳамту фалаҷ мегардонанд. Агар мо ақли Масеҳро надошта бошем, онгоҳ мо вазифаҳои аз тарафи Худо дар наздамон гузошташударо тамоман иҷро карда наметавонем. Бо чунин як мушкилӣ ман дар Мексико бархӯрдам.

Маро ба Монтеррей барои башоратдиҳии умумишаҳрӣ даъват намуданд. Ман танҳо барои як бегоҳ даъват будам ва хароҷоти сафарро худам пардохт намудам. Нисфи рӯзро ман дар дуо гузарондам. Дар вақти дуо ман абри сиёҳро дар болои бино дидам, ки он ҷо ҷамъомад бояд мешуд. Ман аз Худоро пурсидам, ки ин чӣ маъно дорад ва Ӯ ба ман фаҳмонд: «Ҷон, ин торикӣ бар зидди ҷамъомади имрӯза мубориза мебарад. Дуо гуфтанро давом деҳ».

Тадҳини қавӣ омада маро дар дуо мустаҳкам гардонд. Баъд аз сӣ дақиқа ман боз як чизро дидам. Равшании раъду барқаз боми бино рост ба осмони сиёҳ зад. Ман аз Худо пурсидам, ки ин чӣ маъно дорад. «Ин ҷалоли доштанашавандаи Ман, ки имшаб ба ҷамъомад меояд»,- Ӯ ба рӯҳи ман гуфт. Ман хеле ба ҳаяҷон омадам.

Ҷамъомад соати 6-и бегоҳ таъин шуда буд. Мо камтар пештар омадем ва ба мо хабар доданд, ки намояндагони ҳукумат мехоҳанд пастори ташкилкунандаи ҷамъомадро бинанд. Мансабдорон бо ҳамроҳии ду офисерони либоси низомипӯш буданд.

Пастор ва ман ба вохӯрии онҳо рафтем. Якчанд вақт мансабдор бо пастор бо забони испониявӣ гап зад, баъд бо забони англисӣ аз ман савол кард: «Шумо бо забони испониявӣ гап мезанед?»

- Не, ҷаноб,-ҷавоб додам ман.

Он гоҳ ӯ ба ман фармон дод: «Имрӯз шумо наметавонед ба ин анбӯҳ чизе гӯед, ба ғайр аз фаъолиятҳое, ки ба саёҳат дахл доранд. Баъд ӯ ба пастор рӯ овард ва бо ӯ гап зад. Ман аз пасторро мушоҳида кардам. Ӯ тамоман хушҳол наменамуд. Дар воқеъият ӯ ҳатто тарсида ҳам ба назар менамуд.

Мансабдор нутқи худро тамом кард ва бо ҳамроҳии низомиён рафт. Пастор маро ба канор бурд ва гуфт: «Ҷон, ин одам-намояндаи ҳукумат ва ӯ гуфт, ки ту набояд мавъиза кунӣ. Аз рӯи қонунҳои Мексико, агар ки ту шаҳрванди ин мамлакат набошӣ, наметавонӣ бе иҷозати махсус мавъиза кунӣ. Одатан ин қонунро татбиқ намекунанд,-давом дод пастор,-вале дида мешавад, ки ба ин ҳавон маъқул нест, ки ту дар ин ҷо ҳастӣ, ва ӯ қарор кард аз ин қоида истифода кунад. Ва боз гуфт, ки мехоҳад туро дар идораи худ соати 9-и субҳ рӯзи душанбе бубинад».

Ман наметавонистам бо гӯшҳои худ бовар кунам. Ман фавран ба пастор гуфтам: «Гӯш кун, ман ба ин ҷо парвоз кардам, тамоман барои он не ки мавъиза накунам. Агар ки ту танҳо барои ман ноором ҳастӣ, онгоҳ иҷозат деҳ, ки ман мавъиза кунам».

Пастор гуфт: «Ҷон, ин метавонад ба калисои ман ҳам таъсир кунад. Бисёр мушкилиҳо пайдо шуданаш мумкин. Ин мансабдор аз ҳама боло аст. Беҳтар ки ту мавъиза накунӣ». Пастор тарсид, ҷуръатро аз даст дод, ва ман дигар чора надоштам, ба ғайр аз дуо гуфтан, барои он ки хизматгузорӣ дар ҳукми ӯ буд.

Ман аз бино баромадам. Ин комплекси варзишӣ дар худи маркази Монтеррея буд. Дар назди бино як майдонча буд, ва ман хостам дар гирди он қадам занам. Ман медонистам, ки Худо ба ман аллакай ҷалолро нишон дода буд, ки дар имрӯза ҷамъомад зоҳир мегардад. Ман медонистам, ки Худо ба ман гуфта буд, ки ин ҷо биёям. Вале ман намедонистам, ҳоло чӣ кунам. Фикрҳо дар сари ман пароканда мешуданд: «Оё мумкин ки ин мансабдор, барои иҷро кардани он чизе ки Худо маро барои он фиристод, дар ҳақиқат ба ман халал мерасонад?» Онгоҳ ман андеша ронданро сар кардам. Ин шахс наметавонад боздорад он чизеро, ки Худо ба ман дар дуо нишон дода буд. Аммо ҷанги дохилӣ давом дошт: «Ба ҳар ҳол чӣ бояд кард?»

Ва он гоҳ ман гуфтам: «Падар, ман намедонам, чӣ кор кунам, лекин Ту аз ин ҳодиса дар ҳайрат нестӣ. Ту пешакӣ медонистӣ, ки чӣ рӯй медиҳад. Барои ҳамин ба ман ҳикмат ва маслиҳати Ту дар ин ҳолат лозим аст». Ман дар рӯҳ дуо гуфтанро шурӯъ кардам, ва ҷои Навиштаҷот ба фикри ман омад.

> Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад (Масалҳо 20:5).

Исо гуфтааст, ки аз батни имондорон наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд (Юҳанно 7:38). Ман ба маслиҳати Худо мӯҳтоҷ будам. Ба ман ақли Масеҳ даркор буд. Бо забонҳо дуо гуфтан кӯмак мекунад, ки он зоҳир шавад.

Баъд аз он, ки боз якчанд дақиқа дуо гуфтам, дар ақли ман оромӣ буд то ки ман боз чизеро аз Худо шунавам. Ва ногаҳон фикр гӯё аз дили ман хез зад: «Ба ин одамон дар бораи аз ҳама сайёҳатчии бузургтарин, ки як вақте ба Мексико омада буд, накл кун».

Ман баланд дод задам: «Ин он чизе, ки даркор аст! Вай шахс гуфт, ки ман метавонам дар мавзӯи сайёҳат ягон чиз нақл кунам. Ман дар бораи сайёҳатчии бузургтарин, ки ба Мексико омада буд,-дар бораи Исои Масеҳ нақл мекунам!» Хурсандӣ маро фаро гирифт ва ман хандиданро сар кардам.

Ман ба бино баргаштам. Барои фароғати ман Худо аллакай бо пастор кор карда буд. Пастор хабар дод: «Худо бо ман гап зад ва гуфт, ки ту бояд он кореро кунӣ, ки Вай ба ту гуфтааст».

Ман ҷамъомадро бо чунин суханон сар кардам: «Ба ман фармон дода аст, ки ба шумо танҳо дар мавзӯи сайёҳат гап занам, бинобар ҳамин имрӯз ман мехоҳам ба шумо дар бораи сайёҳатчии бузургтарине, ки як вақт ба Мексико омада буд, нақл кунам».

Қариб як соат ман дар бораи Исо ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда мавъиза кардам. Якчанд одамон Исоро ҳамчун Худованди худ қабул карданд. Дар ин гуруҳ як ланг буд. Баъди дуо оиди қабули Исо, Худованд ба ман гуфт: «Ин мардро ман мехоҳам дар навбати аввал шифо диҳам».

Ман ба ӯ назар кардам ва гуфтам: «Ҷаноб, Рӯҳи Худо мегӯяд, ки шуморо шифо додан мехоҳад». Ман ба ӯ даст гузоштам ва дуо гуфтам. Баъд ман аз дасти ӯ гирифтам ва мо роҳ рафтанро сар кардем. Дар аввал ӯ бисёр оҳиста буд. Пасон тезтар ва тезтар ҳаракат кард. Ба наздикӣ аллакай боваринок роҳ мерафт, баъд мо якҷоя давидем. Дар охири охир, ман дасташро сар додам ва ӯ худаш давид.

Анбӯҳи одамон гиря карданд. Одамон бо ҳар хел дарду бемориҳо ба пеш давида баромаданд. Дар ин серодамӣ ман тарҷумони худро гум

кардам. Садҳо одамон дар саҳна ғалоғула мекарданд. Бисёриҳо шифо ёфтанд, аз ҷумла як зан, ки аз таваллуд тамоман як гӯшаш кар буд, ва гӯши дуюмаш қисман. Ӯ чунон гиря кард, ки болотанааш аз ашк тар шуда буд. Ин аҷоиб буд!

Ман намедонистам, ки он мансабдор ду нафарро ба ҷамъомад равон карда буд, то ки агар ман мавъиза кунам, маро ҳабс намоянд. Онҳо айнан ҳамон вақт омаданд, ки ман барои марди ланг дуо мекардам. Як ташкилотчӣ ба онҳо гӯш дод ва шунид, ки чӣ хел яке аз ҷосусон ба дигараш гуфт: «Биё аввал бубинем, ки ӯ чӣ мекунад ва баъд ҳабс мекунам».

Вақте онҳо диданд, ки чӣ тавр ланг шифо ёфт, яктояш аз дигараш пурсид: «Ту фикр мекунӣ ин дар ҳақиқат аст?» Онҳо наздик омаданд ва мушоҳидаро давом доданд, ки Худо чӣ мекард.

Вақте ки онҳо диданд, ки зани кар шифо ёфт ва баъд чӣ хел гиря кард, яктои аз онҳо гуфт: «Ман фикр мекунам, ин дар ҳақиқат аст».

Пас аз ин, писарчаи панҷсола ба рӯи фарш афтод, эҳтимол аз таъсири қувваи Худо. Инро дида, онҳо розӣ шуданд: «Ҳа, ин як чизи ҳақиқӣ!» Ва ин ду шахс, ки барои ҳабс кардани ман фиристода шуда буданд, ба пеш барои дуо баромаданд! Ҳаллулуёҳ!

Дар рӯзи оянда ман мамлакатро тарк кардам ва худро бо вохӯрӣ бо он мансабдор ба мушкилӣ нагузоштам. Баъди як ҳафта он пастори мексикоӣ ба Иёлоти Муттаҳида омад ва як рӯзномаи монтерриро бо худ овард. Ӯ аз саҳифаи якум ба ман мақоларо дар бораи ҷамъомади мо хонд.

Дар мақола гуфта мешуд, ки ҳукуматдорон маро қаллоб эълон намуда, гуфтаанд ки ман танҳо пул мехоҳам. (Рӯҳ ба ман гуфта буд, ки ягон тин аз мамлакат нагирам ва ман барои ҳамаи харҷҳояш худам пулашро дода будам. Чунин чизро хонда ман фаҳмидам барои чӣ). Аммо пасон дар рӯзнома тасдиқ шуда буд, ки рӯзноманигорон худашон дидаанд, чӣ хел одамон дар асл шифо меёфтанд! Ҷалол ба Худо!

Ҳукуматдорон кӯшиш карданд, ки маро бо таҳдидҳои худ боздоранд. Агар ман ва пастор ба ин таҳдидҳо иҷозат медодем, ки моро назорат кунанд, бахшиши Худо бе амал мемонд. Ҳеҷ кас он бегоҳ наҷот намеёфт, шифо намеёфт. Вале каломи Хуҳо, ки Ӯ аз ҷониби Рӯҳи Худ ба ман гуфт, часурӣ дод, то аз байни беҷуръате, ки бар зидди ман равон шуда буданд, рахна намояд. Ин аст қувваи ақли солим.

***Худо он чизеро, ки одамон ночиз мехисобанд, истифода мебарад, то ки чизхои имконнопазирро ичро намояд***

# *Боби 14*

## БА ПЕШ ҲАРАКАТ КУН

Наҳемё як марди яҳудӣ буд, ки дар замони асорати Исроил зиндагӣ мекард. Якчанд сол пеш бобулиён омаданд ва Иерусалимро пурра валангор карда буданд. Онҳо аксарияти сокинони онро ё куштанд ё ба асирӣ бурданд. Деворҳои Ерусалим сӯзонда ва барбод дода шуданд, ва шаҳр дар харобазор монда шуда буд.

Худо ба дили Наҳемё хоҳиш гузошт, ки ба Ерусалим баргардад ва деворҳояш ва худи шаҳрро аз нав созад. Наҳемё ба шоҳи бегоназамин содиқона хизмат мекард ва пеши чашми ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ пайдо кард. Шоҳ ба ӯ иҷозат дод, ки рафта, ҳар он кореро, ки Худо дар дилаш гузоштааст, иҷро намояд. Наҳемё зуд ба Ерусалим равон шуд, боқимонда одамони Исроилро ҷамъ овард ва онҳоро рӯҳбаланд намуд, ки ҳар он чизеро, ки душман вайрон кардаст, барқарор намоянд.

Лекин онҳо ба муқобилияти шаддид вохӯрданд. Се ҳокимони маҳаллӣ Санбалат, Тубиё ва Ҷашам намехостанд, ки деворҳо барқарор карда шаванд. Онҳо зидди тараққиёти Исроил буданд, ва нақша доштанд Наҳемё ва боқимондаи халқро боздоранд. Барои тарсонидани онҳо ҳар намуд нақшаҳоро истифода мебурданд.

Вақте ки ин пешвоён бори аввал дар бораи нақшаҳои Наҳемё хабар шуданд, онгоҳ «ба онҳо истеҳзо карданд ва таҳқир намуданд» (Наҳемё 2:19). Онҳо на фақат кӯшиш карданд, ки Наҳемё ва одамони ӯро рӯҳафтода намоянд, балки ҳамчунин ҳаракат карданд ҳамин хел кунанд, ки онҳо дар чашми халқ аҳмақ намоянд. Онҳо тамасхур мекарданд ва иброзҳои пастзананда мекарданд. «Агарчи онҳо бино мекунанд, агар шағол бар он барояд, ҳисори сангини онҳоро хароб хоҳад кард» (Наҳемё 4:3).

Аксар вақт одамон ба шумо хандида ё он кореро, ки шумо карда истодаед, намоиш дода, кӯшиш мекунанд шуморо тарсонанд. Онҳо метавонанд, тамасхур ва шубҳа кунанд, ки шумо барои иҷро кардани

он чизе, ки Худо ба дилатон гузоштааст, қодир ҳастед. Онҳо метавонанд инро ба рӯятон гӯянд, ё ин саволҳо ва тамасхурҳоро дар байни дигарон паҳн намоянд. Ё, мумкин аст, зидди шумо на як шахс ё гурӯҳи одамон муқобилат менамоянд, балки шумо бо ақли худ мубориза мебаред, вақте ки чунин фикрҳо шуморо тирборон мекунан: «Одамон чӣ фикр мекарда бошанд? Оё онҳо ба ман механдида бошанд? Ман мағлуб мешавам?».

Дар чунин ҳолатҳо муҳим аст, ки мо донем, ки Худо ба мо чиро амр фармуда буд ва ба хотир орем, ки Ӯ «нотавони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад» (1 Қӯринтиён 1:27). Худо он чизеро, ки одамон ночиз меҳисобанд, истифода мебарад, то ки чизҳои имконнопазирро иҷро кунад. Он гоҳ тамоми ҷалол ба Ӯ дода мешавад!

Наҳемё рӯза дошт ва дуо кард, то даме, ки ақли Худоро дарк кард. Он гоҳ ӯ далерона ҳуҷуми душманонро зад. «Худои осмон моро комёб хоҳад кард, ва мо, ки бандагони ӯ ҳастем, бархоста, бино хоҳем намуд; вале шуморо насибе ва ҳаққе ва зикре дар Ерусалим нест» (Наҳемё2:20).

Вақте ки онҳо фаҳмиданд, ки Наҳемёро боздошта наметавонанд ва исроилиён дар корашон муваффақ ҳастанд, ба ғазаб омаданд. Онҳо дигар ханда намекарданд, чунки хандаовар набуд. Онгоҳ онҳо қарор карданд, ба шаҳр ҳамла оварда, ба қавми он халал расонанд (Наҳемё4:7-8).

Хашм - боз як аслиҳаи бечуръатӣ аст. Он бо мақсади шуморо доштан ё дастгир карда истифода мешавад. Аз ҷунин намуди хашм таҳдидҳои дағал, ё моҳирона омада метавонанд. Чунин ҳуҷум-хеле тарзи самараноки тарсонидан аст. Ман бисёр вақт мушоҳида намудам, чӣ тавр одамон барои гурехтан аз хашми дигарон, он чизеро, ки медонистанд, ки дуруст аст, рад мекарданд, ё он чиро, ки мебоист иҷро мекарданд, иҷро намекарданд. Онҳо ба гузашткуниҳои махсус мерафтанд, то ки осоиштагии бардурӯгро нигоҳ доранд.

## Фишор аз дарун ва берун

Наҳемё на фақат бо ҳуҷуми бехудоёни бегона рӯ бу рӯ шуд, балки дар байни одамони худаш низ мушкилиҳо пайдо шуданд. Ин ба он шароитҳое дахл дошт, ки бо он онҳо бархӯрда буданд. Бисёр вақт, ҳангоме ки Худо ба мо ягон вазифа медиҳад, мо бо муқобилият ва мухолифатҳам аз берун ва ҳам аз дарун вомехӯрем.

Одамони Наҳемё ҳамту хаста шуданд. Ба онҳо лозим омад, ки миқдори зиёди хокро берун кунанд, ки ба пешравии кори онҳо халал мерасонд (Наҳемё4:10). Боз як мушкилӣ буд. Кормандони бой ба оилаҳое, ки

пештар қарздор буданд фишори молиявӣ меоварданд. Сарватмандон ба ивазаш заминҳоеро, ки онҳо кишт менамуданд, талаб мекарданд (Наҳемё 5:1-8). Он коргароне, ки оилаҳои онҳо азоб мекашиданд, далериро аз даст медоданд. Ин мушкилиҳои дохилӣ ҳатто ба дараҷаи зиёдтар нисбат ба берунӣ, халал мерасонданд, ки бар таҷовуз ва ҳамла аз тарафи душман муқобилат кунанд.

## Беҷуръатӣб дар ҳар тараф

Ман дар чунин ҳолатҳо будам. Вақтҳои аввал, ки ман сафар карданро шурӯъ намудам, аз ман хоҳиш карданд, ба як калисо, ки пастори худро гум карда буд, кӯмак кунам. Калисо дар як шаҳри хурд ҷойгир буд, ки ҳаштсад нафар аҳолӣ дошт. Баъди ду хизматгузорӣ ҳамаи наврасон тавба карданд ва қувваи Худоро аз сар гузарониданд. Ҳамчунон бо бисёрии калонсолон рӯй дод. Аз сабаби он коре, Худо мекард, омадани одамон ду баробар зиёд шуд ва қариб ба сад нафар расид. Ман ва занам нисбати ин одамон чунон шафқатро ҳис кардем, ки шаш хизматгузории навбатии худро монондем ва қарор кардем инҷо меистем, то ки таҳкурсии боқувватро дар ин калисо гузорем ва онро барои пастори нав тайёр намоем.

Лекин ба баъзе аз одамон дар шӯрои калисо он чизе, ки ман мавъиза кардам, маъқул нашуд. Яке аз онҳо барои он хашмгин шуд, вақте ки ӯ ба ҷамъомади сеюм омад, ҳамаи наврасон дар ду қатори аввал нишаста буданд, дар ҷое, ки вай ва занаш одатан менишастанд. Пештар ҷавонписарон ва ҷавондухтарон калисо дар қатори охирон менишастанд.

Дигарон ҳис карданд, ки хизматгузориҳои ман аз ҳад зиёд пурқувватанд. Сабаб дар он буд, ки одамон аз шӯрои калисо мехостанд маро назорат кунанд. Онҳо мехостанд, ки дар калисо ҳама чиз мувофиқи хости онҳо шавад. Баъди чанд ҷамъомад ман билохирон гуфтам: «Дар боқимонда шаш моҳ ман ҳукмро ҳа дасти худ мегирам, ва баъд инро пастори нави шумо мекунад. Ин фақат бо чунин тарз шуда метавонад. Шумо қарор кунед».

Дар ҳамон рӯзе, ки онҳо мебоист дар бораи қарори худ эълон мекарданд, ба ман як нашъафуруши маҳаллӣ занг зад. Зани ӯ ба ҷамъомадҳои ман меомад. Ӯ ба ин нашъафуруш эътироф кардааст, ки бо дӯсти беҳтарини ӯ зино кардааст. Ин мард қарор кард, ки хашми худро ба ман ва ба калисо мерезад. Ӯ ба ман гуфт, ки ин бегоҳ барои ман мушкилӣ месозад.

Ман ба таҳдиди ӯ бисёр аҳамият надодам. Баъд аз якчанд соат яке аз аъзоёни шӯрои калисо, ки моро дастгирӣ мекард, гуфт, ки ин ҷавон занг зад ва таҳдид намуд, ки дар ҷамъомад моддаи тарканда (бомба) мегузорад. Ман ба ӯ ҷавоб додам: «Ба полис занг зан ва аз онҳо хоҳиш намо, то ки ин бомбаро пайдо кунанд».

Баъд аз якчанд соат ба ман аз полис занг заданд. Офисер гуфт: «Ҷаноби Бивер, лутфан, ба стансия биёед ва ба ин ҳуҷҷатҳо имзо гузоред, то ки мо барои ин ҷавонқарор оиди ҳабсро дода тавонем».

Ман ҷавоб додам: «Офисер, ман намехоҳам, ки шумо ӯро ҳабс намоед. Ӯ дар азоб аст. Ҳама он чизе, ки ман аз шумо мепурсам,-ҳимояи начандон калон дар атрофи бино имрӯз бегоҳӣ».

Ӯ гуфт: »Соати кории ман баъд аз чор соат тамом мешавад ва дигар идораи полис дар масофаи сия панҷ мил аз ин ҷо дур аст. Онҳо ин бегоҳ ҳеҷ касро фиристода наметавонанд.

Ман гуфтам: «Ман ба ҳар ҳол намехоҳам, ки ӯро ҳабс кунед».

Офисер ба ман савол дод: «Ҷаноби Бивер, чанд вақт аст, ки шумо дар ин шаҳр зиндагӣ мекунед?».

Ман гуфтам, ки ман ин ҷо тамоман зиндагӣ намекунам.

Полис чавоб гардонд: «Ҷаноби Бивер, ман ин одамро медонам. Ӯ дар ин маҳалла бисёр номи бад дорад. Ӯ барои фурӯши нашъа гумонбар аст, агар ӯ боз шаробхӯр ҳам набошад, онгоҳ ман ба ҳеҷ чиз ҷавоб дода наметавонам».

Ман бо гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам. Полис мегӯяд, ки ин одам хатарнок аст ва ман фаҳмидам, ки ин дар асл чунин аст. Аммо мисли пештара ман ҳис намекардам, ки бояд ҳуҷҷатҳоро барои дастги кардани ӯ имзо кунам. Барои ҳамин, рад кардам ва ба офисер миннатдории худро баён намудам.

Лекин ба ман лозим омад, ки на фақат бо таҳдидҳои он ҷавон сарукор дошта бошам, балки инчунин бо шӯрои калисо. Ман фикр кардам: «Ин хандаовар аст, шӯрои калисо ба ман мушкилӣ месозад. Онҳо намехоҳанд, ки ман ин ҷо истам. Ва ҳоло бошад, ба ман ва оилаам кадом як девона таҳдид мекунад».

Ҳама он коре, ки ман кардан мехостам, ин хоки поямро афшонда, то нишасти офтоб оилаамро аз ин шаҳрча гирифта равам. Агар ман намедонистам, ки маро Худо фиристод, барои оилаам шуда аз ин ҷо мерафтам. Аммо аз се сабаб дилаш роҳ намедод, ки ман равам. Якумаш, маро Худо ба инҷо фиристод ва ман нашунидаам, ки Ӯ ба ман рав гуфта бошад. Дуюм, ман намехостам ҳамаи ин одамонро, ки Худо ба онҳо аллакай таъсир карда буд, гузорам. Ва сеюм, агар аз сабаби беҷуръатӣ як дафъа гурезӣ, онгоҳ дафъаи оянда гурехтан боз осон мешавад.

Ман хоҳиши Худоро медонистам ва қарор кардам, ки агар бо шӯрои калисо розӣ шавад, дар инҷо мемонам. Ҳамон рӯз ман тамоми нисфирӯзӣ дуо гуфтам. Ин яке аз дуоҳои боқувваттарине буд, ки ман ягон вақт аз сар гузаронида бошам. Бахшиши Худо дар ман боқувват шуд. Ман ба он шом тайёр будам.

Аммо вақте ки ман ба калисо омадам, онгоҳ фаҳмидам, ки истода наметавонам. Шӯрои калисо пеш аз саршавии ҷамъомад ҷамъ шуда буд. Яке аз дяконҳоба ман нақл кард, ки ҳама барои рафтани ман овоз доданд. Он хизматгузории бегоҳина бояд ки охирон мешуд.

Ман гамгин шудам, вале қарор кардам, ки диққати худро ба он чизе, ки Худо барои одамон он шом кардан мехоҳад, равон мекунам. Ман номаи қавиро мавъиза кардам ва қуввати Худо чунон пуртаъсир омад, ки одамон ба рӯи фарш афтоданд. Бисёр шахсоне, ки аз Худо дур шуда буданд, ҳаёти худро ба Худованд бахшиданд. Ва он одаме, ки ба ман таҳдид карда буд, ҳатто пайдо нашуд. Дар охири хизматгузорӣ ман эълон кардам, ки шӯрои калисо намехоҳад, ки ман дар инҷо монам. Овозҳои ҳайратовар, норозигӣ аз тарафи одамон паҳн шуд. Ман намехостам ҷудоиро ба миён биёрам ва аз ҳамин сабаб, оромиро нисбати рафтани худ ҳис кардам.

Баъд аз як ҳафта айнан ҳамон шӯроъ пасторро интихоб карданд ва чуноне ки дертар маълум гардид, гомосексуалист аст. Соли оянда онҳо чор маротиба пастори онҳо иваз шуд. Рӯҳи бечӯръатӣ ва тарсониданӣ, ки дар байни аъзоёни шӯрои ҳамон калисо амал мекард, ба вайронкуниҳои ҷиддӣ дар ҷамъият оварда расонид.

## Боқувват ва бодиққат бимон

Ҳамон вақте ки Наҳемё муборизаи дохилии байни одамони худро ҳал карда шуд, мавҷи навбатии бечӯръатӣ бархест.

> Санабалат ва Ҷашам назди ман фиристода, гуфтанд: биё, то дар Кафирим, ки дар водии Уну мебошад, якҷоя вохӯрем. Ва онҳо қасд доштанд ба ман бадӣ кунанд. Вале ман қосидон назди онҳо фиристода, гуфтам: ман ба кори бузурге машғул ҳастам ва наметавонам фурӯд оям. Чаро кор, вақте ки онро хобонда назди шумо фурӯд оям, ба таъхир афтад. Ва онҳо чор дафъа бо чунин суханон назди ман фиристоданд, ва ман ба онҳо чунин ҷавоб гардондам (Наҳемё 6:2-4).

Бо кӯшиши Наҳемёро аз кораш боздоштан, Санабалат ва Ҷашам ба ӯ муқобилият мекарданд. Вале Наҳемё боқувват монд ва диққати худро дар он коре, ки Худо ба ӯ фармон дода буд, нигоҳ дошт. Ӯ намехост, ки ба ӯ барои иҷрои вазифааш халал расонанд.

Душман мехоҳад моро ба тарафе барад, то ки мо дар кори худ бесамар монем. Шайтон ин корро фақат як маротиба намекунад. Ӯ якрав аст. Мо бояд ба қарорҳои худ пурқувваттар бошем, нисбати он ки ӯ ба худ. Бинобар ин дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо бояд «бо имони қавӣ ба ӯ муқобилат кунем» (1 Петрус 5:9). Калимаи «қавӣ» маънои

«пурқувват, мустаҳкам ва ҷунбониданашаванда»-ро дорад. Аз ҳад зиёд одамон баъд аз якчанд зарбаи шайтон таслим мешаванд, ба ҷои он ки қатнашавандабошанд, то даме ки ғалаба пурра ба даст оварда нашавад.

Санбалат канизи худро ба назди Наҳемё дафъаи панҷум фиристод. Ин дафъа бо номае, ки дар он ӯро барои исён ва болобардорӣ аз болои шоҳи Яҳудиён айбдор карда буд (Наҳемё6:5-7). Ин дуруғи рӯйрост буд.

Наҳемё ба ҳар ҳол бознаистод. Ӯ бисёр серкор буд, то ки ба бадгуӣ эътибор диҳад. Бисёр вақт мо аз кори худ мемонем, барои кӯшиши он ки муносибати худро бо он душмане, ки моро тарсониданӣ аст, нағз кунем.

Ба ман зарур шуда буд, ки ба одамон нигоҳ кунам ва ба онҳо гӯям: «Барои чӣ шумо ба дуруғи ин одам иҷозат медиҳед, ки ба он коре, ки Худо шуморо даъват кардааст, таъсир расонад? Танҳо барои он, ки ӯ шуморо айбдор мекунад, ин маънои онро надорад, ки ӯ ҳақ аст ё ҳатто ростиро меҷӯяд! Шумо бояд донед, ки Худо дар бораи шумо ва дар бораи нақшаҳои Ӯ барои шумо чӣ мегӯяд. Чаро ба аҳмақиҳо эътибор додан даркор аст?» Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Ба аблаҳ мувофиқи беақлии вай ҷавоб надеҳ, мабодо ту низ ба вай монанд шавӣ» (Масалҳо 26:4).

Шахси охирине, ки Наҳемёро барои боздоштан кӯшиш кард, як марде буд, ки омада пешгӯӣ кард, ки Наҳемё бояд дар маъбад пинҳон шавад, чунки душманон мехоҳанд ӯро кушанд (Наҳемё 6:10). Агар Наҳемё кори худро мегузошт, одамони ӯ боз ҳам суст мешуданд ва кор нотамом мемонд.

Наҳемё чавоб дод: «Оё шахсе мисли ман метавонад бигрезад? Ва кист мисли ман, ки вориди маъбад шавад ва зинда монад? Ман нахоҳам рафт!» (Наҳемё6:11). Наҳемё фаҳмид, ки умуман Худо ин одамро нафиристодааст. Ӯ пешгӯии худро бар зидди Наҳемё кард, чунки ӯро Тубиё ва Санбалат киро гирифта буданд. Ҳоло бинед, ки баъд аз ин Наҳемё чӣ гуфт:

> Ӯ барои он киро карда шудааст, ки ман ба ҳарос афтам, ва ин тавр амал намоям, ва гуноҳ кунам, ва барои онҳо бадном шавам, то маро беобрӯ созанд (Наҳемё 6:13).

Душман метавонад обрӯи шуморо резонад, ӯ тарсонида маҷбур месозад,ки бо тамоми қувваатон худро ҳимоя кунед. Наҳемё ақли Худовандро дошт, бинобар ин ӯ ростӣ ва покиро аз бадӣ ва фиреб фарқ карда метавонист.

Наҳемё нақшаҳои Санбалат, Ҷашам ва Тубиёро фош кард:

> Зеро ки ҳамаи онҳо моро тарсонда, дар дили худ мегӯянд: «Дасту дили онҳо аз кор хунук шуда, он ба ҷо оварда намешавад». Ва алҳол, дастҳоямро барои кор қавӣ гардон! (Наҳемё 6:9).

Боз мо мақсади тарсонданро мебинем: моро камқувват кардан, то ки иродаи Худо иҷро карда натавонем ва дигар ба беҷуръаткунанда муқобилат накунем. Агар мо бар зидди ин устуворона наистем, онгоҳ сайди душман мешавем.

Вақте ки мо ба ҳудуди шайтон по мегузорем, вай ҳар гуна роҳҳоро истифода мебарад, то ки моро маҷбур созад, ки ҷуръатро аз даст диҳем. Ӯ ин корро фақат як маротиба карда, баъд таслим намешавад. Агар шайтон тавонад моро боздорад, кори моро ба қафо кашад, ё моро камқувват гардонад, онгоҳ ӯ Малакути Худоро аз ҳаракат кардан ба пеш бозмедорад.

Наҳемё ва одамони ӯ сохтмони деворро ба итмом расониданд. Ҳоло шаҳр муҳофизат шуда буд ва дар роҳи барқароршавӣ қарор гирифта буд. Ин осон набуд. Муқобилиятҳои шадид дар ҳар қадами ин роҳ интизор буд. Аммо одамон медонистанд, ки Худо гуфта буд ва таслим шуданро рад карданд.

## Муқобилиятҳоро бартараф кардан

Ғайрати Наҳемё – мисоли классикии он ки, имондорон бояд чӣ хел бошанд:

> На ин ки аллакай расида бошам, ё комил шуда бошам, балки саъю кӯшиш менамоям, ки шояд ман ҳам бирасам, чунон ки Исои Масеҳ ба ман расидааст (Филиппиён 3:12).

Калимаи асосӣ дар ин ҷо «кӯшиш». Агар Павлус бо Рӯҳи Муқаддас »кӯшиш менамоям»гуфта бошад, пас ба ӯ низ ба монанди Наҳемё зарур шудабуд, ки бисёр вақт муқобилиятҳоро бартараф кунад. Вале мо дар ин securityзнамеистем. Мо бояд ба пеш ҳаракат кунем. Павлус давом додааст:

> Ман сӯи мақсаде шитоб менамоям, ки фарҷоми ғолибонаи даъвати Худост аз арши аъло дар Исои Масеҳ (Филиппиён 3:14).

Даъвати арши аъло ва паст ҳаст. Даъвати арши аъло - ин дар замин бо стандартҳои осмон зиндагӣ кардан ва дидани он, чӣ тавр Малакути Худо дар ҳаёти шумо зоҳир мегардад. Одамоне, ки дар даъвати арши аъло зиндагӣ мекунанд, ба гирду атрофи худ таъсир мерасонанд. Дар ин қудрати ба онҳо дода шуда, қарор ёфта, онҳо муҳити рӯҳониро тағир медиҳанд, ба ҷои дар зери фишор будан, озодиро меоранд.

Торикӣ наметавонад рӯшноиро пахш кунад. Рӯшноӣ торикиро фаро мегирад. Чӣ қадаре, ки рӯшноӣ зиёд бошад, ҳамон қадар торикӣ гум мешавад. Вақте ки мо дар қудрати Малакути Худо роҳ мегардем,

ҳамин тавр аст. Онгоҳ мо чизҳои моро иҳотакардаро зери қудрати он мегузорем.

Исо метавонист ҳамроҳи гунаҳкорон хӯрок хӯрад, барои он ки Ӯ муҳитро назорат мекард. Агар ки шумо дар Худо боқувваттар бошед, нисбати шахси бехудо дар шайтон, он гоҳ шумо муҳитро зери назорат нигоҳ медоред. Агар гунаҳкор дар гуноҳаш қавитар бошад, нисбати имондор дар одилӣ, он гоҳ беимон муҳити рӯҳониро назорат мекунад.

Вақте ки шумо қарор мекунед, ки дар даъвати арши аъло зиндагӣ мекунед, шумо бо муқобилтиятҳо вомехӯред. «Ва ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд» (2Тимотиюс 3:12). Ва ҳамчунон ба мо гуфта шудааст: «зеро ки мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем» (Аъмол 14:22).

Аммо бисёрии масеҳиён бозмеистанд ва дар даъвати паст зиндагӣ мекунанд. Барои чӣ? Онҳо намехоҳанд бо муқобилиятҳо дар роҳи даъвати худ вохӯранд. Онҳо тайёр ҳастанд розӣ шаванд бо он чизе, ки онҳоро иҳота кардааст, ба ҷои он ки шароитҳоро бо ҳуҷуми худоӣ тағир диҳанд. Бисёр осон аст бо анбӯҳи одамон якҷоя шудан, нисбати аз он баромадан. Бо муқобилиятҳо вохӯрда, баъзеҳо ба гузашткунӣ мераванд, ва роҳи ками муқобилиятро меҷӯянд.

Ман чунин меҳисобам, ки муқобилиятро хоҳиш надоштани мо мумкин аст, қисман аз барои он бошад ки мо ҳаракат мекунем ба худ ҳаёти осон ва бофароғктро созем. Мо боғайратона ҳаёти худро месозем, бо ҳар тариқ аз ҳар душворӣ гурехтан мехоҳем. Ман намехоҳам сахтиҳои ҳаётро сафед кунам, вале ман дар асл чунин меҳисобам, ки мо ба нақшаҳо ва барномаҳои худ зиёдтар таваккал мекунем, нисбати он ки ба Худо таваккал кунем.

Мо худро суғурта кардаем. Агар касал шавем, ба назди духтурон мешитобем, ҳатто ақаллан пешакӣ дуо намекунем. Мо медонем, ки суғуртаи мо ҳамаи хароҷотҳои моро рӯйпӯш мекунад. Кори мо ҳар рӯз моро бо чекҳо ба маблағи муайян таъмин менамояд. Агар ки мо кори худро аз даст диҳем, дар бекорӣ ҳам худро бароҳат ҳис мекунем. Нафақа ва пардохтҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст. Агар нафақа ба мо дода нашавад, ягон дигар барномаро ёфтан мумкин аст, ки он ҷо барои мо ғамхорӣ мекунанд,-мумкин аст ҳатто танбалии моро пардохт кунанд.

Телевизион ҳатто моро ба тарзи ҳаёти камфаъол тела медиҳад. Ҳар Амрикоӣ ба ҳисоби миёна бисту чор соат дар як ҳафта оинаи нилгунро тамошо мекунад! Мо ба ширкати телевизион ва Ҳолливуд иҷозат медиҳем, ки ба ҷои мо фикр кунад. Принсипҳои мо дар асоси он чизе,

ки мо аз барномаҳои онҳо фурӯ мебарем, шакл мегирад.

Мошинҳои хӯрокпазӣ (микроволновие печи) ва тарабхонаҳои ғизои зудтайёр ба мо хӯроки фавриро бе ягон ҳаракат аз тарафи мо ваъда медиҳанд. Баъзеҳо ҳатто хӯроки бепулро ваъда медиҳанд, агар таомро дар мӯҳлати понздаҳ дақиқа ба мо дастрас накунанд. Мо почтаи фаврӣ дорем, хушкашӯӣ дар як соат, акс дар як лаҳза, зуд равғанмолидани мошин ва дастрасӣ ба хабарҳои ҷаҳонӣ тамоми шабонарӯз. Ва ин танҳо баъзе аз фароғатҳо, ки ба мо дастрас аст.

Бисёрии аз онҳо аҷоиб ҳастанд. Онҳо қодиранд, вақти моро барои он чизҳое, ки дар асл муҳиманд, озод менамоянд. Аммо бисёр вақт мо афзалиятҳоро нодуруст мегузорем. Имрӯз аксарияти одамон ба он чизе, ки барояш дар ҳақиқат ҷиддӣ кор кардан лозим аст, кӯшиш намекунанд.

Муттаассифона, чунин тарзи фикрронӣ ба калисои ғарбии мо ҷо шуд. Бисёр кам масеҳиён хислати истодагарӣ ва устуворӣдоранд, то ки даъвати арши аълои Худоро ба даст оранд. Бо муқобилиятҳо вохӯрда, онҳо ба роҳи кам мукобилият дошта, давр мехӯранд. Дар вақти авввал ин роҳ, ки комёбии осонро ваъда медиҳад, интихоби хуб ба назар мерасад. Вале ин роҳ хислатҳои ширгармии рӯҳониро дорад: гузашткунӣ, рӯҳафтодагӣ ва худнигоҳдорӣ.

Исо ба мо таълим додаст, бар зидди кӯҳҳои душман истем ва баъд онҳо аз ҷояшон меҷунбанд. Агар бо дигар суханон гӯем: кӯҳи худро таркон, ҳатто агар онро санг ба санг пора кардан зарур шавад. Ба мисли Наҳемё, ҷанговарони ҳақиқӣ дар Исои Масеҳ, аз ҳар як ҳолат рахна мекунанд бо боварӣ, ки ба онҳое, ки имон доранд, ҳеҷ чизи имконнопазир нест (Матто 17:20). Ва баръакс, онҳое, ки роҳи осонро интихоб менамоянд, барои аз муқобилият гурехтан, кӯҳҳои худро давр мезананд.Системаи ин ҷаҳон аз тарафи мире тасдиқ шудааст, ки дар ҳаво ҳукмронӣ мекунад (Эфсусиён 2:2). Осмон дар ҷанҷоли кушод бо ин таъсирот аст. Агар ки мо бо роҳи осмон равем, мо доимо бо муқобилият аз тарафи системаи ин ҷаҳон вомехӯрем. Бадбахтона, ин системаи ҷаҳонӣ дар калисоҳои мо низ ҳукмрон аст.

Ман чунин муқобилиятро бо ҳаракати киштӣ, ки бар зидди ҷараён дар дарёи равон шино мекунад, муқоиса мекунам. Шумо бояд ҳамеша бар муқобили ҷараён киштии худро ронед. Чӯбдасти киштиронии шумо бояд дар даруни об бошад ва шумо бояд шино кунед ва шино кунед.Шумо як лаҳза ҳам истда наметавонед. Агар истед, шояд боз ягон вақт ҳаракатро аз рӯи мувозинат давом диҳед. Лекин ин дер давом намекунад ва аз рӯи ҷараён шуморо ба поёни дарё мебарад. Бинии қаиқи шумо, эҳтимол то ҳол аз болои ҷараён равона мебошад, аммо худатонро ба поён мебарад. Ин тасвир нишон медиҳад, ки вақте ки имондорон ба пеш ҳаракат намекунанд, чӣ рӯй

медиҳад. Онҳо чунин намуд мекунад, ки ҳанӯз масеҳӣ ҳастанд, аммо дар асл бошад, ба қафо ба олам лағҷида мераванд. Диндор мешаванд, қувва ва самаранокиро гум мекунанд. Агар суханони Исоро иқтибос оварем: «ба ҳеҷ чиз кор намеоянд» (Матто 5:13)!

## Пурқувват бош!

Павлус Тимотиюсро барои бахшиши Худоро авҷ гирондан,насиҳат намуда, илова кард: «Пас, эй фарзандам, бофайзе ки дар Исои Масеҳ аст, қавӣ бош»(2 Тимотиюс 2:1). Барои ба пеш рахна кардан ва бартараф намудани беҷуръатӣ мо бояд пурқувват бошем.

Чӣ тарзе ки Павлус калисои Қӯринтро огоҳ кард: «ҳушёр бошед, дар имон устувор бошед, мардвор ва матин бошед» (1 Қӯринтиён 16:13). Имондори далер шароитҳои душворро рӯ ба рӯ пешвоз мегирад, на ин ки аз онҳо мегурезад.

Худо Еҳушаъ ибни Нунро на як бор, балки ҳафт маротиба рӯҳбаланд кардааст, ки пурқувват ва қавӣ бошад!

Фақат қавӣ ва далер бош, то ки бо риояти дурусти тамоми шариате ки Мусо, бандаи Ман, ба ту амр фармудааст, амал намоӣ; аз он ба тарафи рост ё чап дур нашав, то ба ҳар ҷое ки меравӣ, муваффақият ба даст оварӣ (Еҳушаъ 1:7).

Нигаред, Худо мегӯяд қавӣ ва далер бош. Бо чӣ мақсад? Барои дар ҷангро ғалаба кардан ё барои пешвои бузург шудан? Не, барои каломи Худовандро нигоҳ доштан. Ин корро карда Еҳушаъ ибни Нун метавонист пешвои бузург шавад ва дар ҷангҳо ғалаба кунад! Беҷуръатӣ кӯшиш мекунад, ки моро аз озодии итоат кардан ба ирода ё каломи Худо маҳрум созад. Барои ҳамин мо бояд ҳамеша пурқувват ва қавӣ бошем, то ки ҳатто надониста он чиро ки, мо медонем, ки дуруст аст, рад накунем.

Биёед таърифи калимаи «далер»-ро медиҳем:

Муносибат, ё ҷавоб ба шароит, вақте ки мо тайёр ҳастем, возеҳ вохӯрем ва ҳал кунем ҳар чиро, ки барои мо мушкилу хатарнок ва дардовар аст; мо инро мекунем, ба ҷои гурехтан аз бархӯрӣ.

Ҳоло, мебинем, муқобилмаъноии калимаи »далерӣ»кадом калима аст. Шояд шумо ба таври автоматикӣ тахмин мекунед, ин тарс ва камқувватӣ аст. Ва то як дараҷае ин дуруст аст. Аммо беҳтараш калимаи «рӯҳафтода шудан»-ро гирем. (Дар забони англисӣ калимаи «courage» (далерӣ) ва «discouragement» (беҷуръатӣ) антонимҳои бевосита мебошанд.-мис.тарҷ). Худо ба Еҳушаъ ибни Нун ва ба мо фармон дода аст, ки қавӣ ва далер бошем ва дар дилҳои худ ба рӯҳафтодагӣ роҳ надиҳем!

Биёед таърифи калимаи «рӯҳафтода шудан»-ро медиҳем:

Аз далерӣ маҳрум кардан; бовариро кам кардан, умедро дуздидан; ба ҳолати рӯҳафтодагӣ овардан

Дар хотир доред, чӣ тавр Илёс аз рӯҳафтодагӣ пур шуда буд, вақте ки ӯро Изобал тарсонд? Ӯ таслим шуд ва гурехт. Ӯ чунон ҳаросонда шуда буд, ки аз мавқеи қудрати ба ӯ додашуда баромад. Мо бояд ба рӯҳафтодагӣ ҳамчун ба душман муносибат кунем. Мо ба қуваи он аҳамият намедиҳем ва ин моро аз даъвати аълои Худо медорад. Агар Худо ба Еҳушаъ ибни Нун ҳафт маротиба »қавӣ ва далер бош»гуфта бошад, онгоҳ мо низ бояд ба ин аҳамият диҳем. Рӯҳафтодагӣ қотил аст! Агар бар зидди он наистем, вай моро маҷбур мекунад, ки таслим шавем.

> Одил бо имон хоҳад зист; ва агар касе рӯй гардонад, ҷони Ман ба вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард (Ибриён 10:38).

Муҳим аст дарк кардани он, ки Худо аз тарси мо ҳаловат намебарад. Ба мо гуфта шудааст: «Касе ки ғолиб ояд, ворисы ҳама чиз хоҳад шуд, ва Ман барои ӯ Худо хоҳам буд, ва ӯ барои Ман писар хоҳад буд; валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дуруғгӯёнро-насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст» (Ваҳӣ 21:7-8).

Калимаи «тарсончак» маънои онро дорад, ки касе «дар назди дард ва таҳдид тарси шармоварро нишон медиҳад». Оё ҳушёркунанда нест, ки Худо тарсончаконро бо қотилон ва зинокорон дар як қатор мегузорад? Аммо мо баҳонаҷӯӣ карда мегӯем, ки рафтори тарсончакона-ин ҳамту як сустӣ аст.

Не, тарсончакӣ аз беимонӣ пайдо мешавад. Ва беимонӣ ба фарзандони Исроил бо баробари ҳаёт шуд. Онҳо ҳеҷ ба замини ваъдашуда надаромаданд. «Ва мо мебинем, ки онҳо аз боиси беимонӣ натавонистанд дохил шаванд»(Ибриён 3:19).

Айни чунин чиз имрӯз рӯй медиҳад. Тарсончакон ғолиб намеоянд. Онҳо чизи ваъдашударо намегиранд. Худованд моро насиҳаткорона ба воситаи Павлус рӯҳбаланд мекунад:

> Фақат ин ки муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед, то ки ман-хоҳ омада шуморо бинам, хоҳ аз шумо дур бошам-дар бораи шумо бишнавам, ки шумо дар як рӯҳ қоим буда, якдилона барои имони Инҷил ҷидду ҷаҳд менамоед (Филиппиён 1:27-28).

Устуворона истед ва нагузоред, ки душманонатон шуморо тарсонанд. Далер, пурқувват ва қавӣ бошед, ки барои вохӯрдан ва ҳал кардани муқобилиятҳо тайёр бошед, на ин ки аз онҳо гурезед! Дар ояти оянда Павлус давом медиҳад:

> Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба ӯ на танҳо имон оваред, балки барои ӯ уқубат ҳам кашед (Филиппиён 1:29).

Ин чӣ хел уқубат аст, ки мо бояд аз сар гузаронем? Петрус ба ҷавоб медиҳад:

> Пас, чӣ тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад, то ки боқии умри ҷисмонии худро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки мувофиқи иродаи Худо ба сар барад (1 Петрус 4:1-2).

Мо уқубатҳоро аз сар мегузаронем, ҳангоме ки ҷисми мо ё таъсири дигарон моро маҷбур мекунад, ки ба як самт равем, дар он вақте ки иродаи Худо барои мо – тамоман дигар самт рафт аст. Ба мо амр дода шудааст, ки далер ва қавӣ бошем, то ки каломи Худовандро нигоҳ дорем.

Петрус мегӯяд, ки мо бояд бо чунин фикр мусаллаҳ шавем. Масеҳие, ки барои уқубат кашидан мусаллаҳ ва тайёр нест, мисли аскари беяроқ дар майдони ҷанг аст. Ӯро ё мекушанд, ё ба асирӣ мегиранд. Масеҳиёне, ки хоҳиши уқубат кашиданро надоранд, метавонанд осон ба зиндони тарси одамӣ - беҷуръатӣ афтанд.

Мо бояд интизор бошем, ки мо бо муқобилиятҳо бармехӯрем, ки он ҳангоми кӯшиши ба даъвати аъло даромадан, меояд. Аммо Павлус зуд бо боварӣ мегӯяд: «Ва Худованд маро аз ҳар амали бад халосӣ дода, барои Малакути Осмонии Худ маҳфуз хоҳад дошт. Ӯро то абад ҷалол бод. Омин!» (2 Тимотиюс 4:18). Худо бар ҳар ҳол моро ба ҷалоли Худ меорад. Ҳаллелуёҳ!

Бодиққат насиҳатҳои зеринро аз каломи Худо хонед: Ҳамин хел хонед, ки гӯё пештар онро ҳеҷ гоҳ надида будед. Бозистед ва барои бодиққат дар бораи ҳар як калима фикр кардан вақт ҷудо кунед. Ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат диҳед, ки ин калимаҳоро равшан гардонад.

> Агар Худо тарафгири мо (ман) бошад, зидди мо (ман) кист? (Румиён 8:31).

> Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер?..аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем (Румиён 8:35,37).

> Шумо, эй фарзандон, аз Худо ҳастед, ва онҳоро мағлуб кардаед, зеро ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст (1 Юҳанно 4:4).

Дили худро пок нигоҳ дор, ва дар мавқеи қудрати худ ҳамчун фарзанди Худо ва хизматгузори Худо биист. Он гоҳ ту далерона гуфта метавонӣ: **«Худованд мададгори ман аст; наметарсам. Одамизод чӣ метавонад ба ман бикунад?»**

# *Охирсухан*

Хулоса, ман ба шумо насиҳат медиҳам, ки ҳеҷ гоҳ ба мағлубиятҳои пештара иҷозат надиҳед, ки шуморо боздорад. Оядаи худро аз рӯи гузаштаатон доварӣ накунед! Агар шумо чунин рафтор кунед, он гоҳ шумо ҳеҷ гоҳ аз ин гузашта намебароед! Муҳим нест, чӣ қадар зиёд шумо афтода будед. Умеди абадӣ ҳаст: Худо мутахассиси тарсончаконро ба қаҳрамонон табдил додан аст! Ҳаллелуёҳ! Қуввати Ӯ дар заифӣ зоҳир мегардад.

Ҳамчун намунаи рӯҳбаландӣ ба ҳаёти Андриюс, бародари Шимъӯн Петрус нигоҳ кунед. Дар он шабе, ки Исоро дастгир карданд, «ҳамаи шогирдон Ӯро гузошта, гурехтанд» (Матто 26:56). На танҳо Петрус тарсид; Андриюс ҳам хаёти худро наҷот доданӣ шуда гурехт. Аммо як рафтори тарсончакона маънои онро надошт, ки Андриюс ҳамин хел тарсончак мемонад.

Баъд аз эҳёшавии Исо Андриюс дар Ҳабашистон мавъиза кард, ки он ҳам зери ҳукмрони румиҳо буд. Ана ин нақл дар бораи воқеъаҳои таърихие, ки Исоро мадҳ кардаанд. Вақте ки Андриюс муфассал мавъиза карда, бисёриҳоро ба имон ба Масеҳ овард, ҳоким Ҳаҷҷайаз сенати румӣ иҷозат пурсид, то ки ҳамаи масеҳиёнро маҷбур кунанд, ки қурбонӣ оваранд ва ба бутҳои румӣ саҷда намоянд. Андриюс қарор кард, ки бар зидди Агей мебарояд ва назди ӯ рафт. Вай гуфт, ки довари одамон пеш аз ҳама бояд ба Довар осмон саҷда кунад. Андриюс гуфт, ки саҷда ба Худои ростӣ ҳамаи дигар худоёни бардуруғ ва бутҳои нобиноро аз ақл меронад.

Аз Андриюс хашмгин шуда, Агей фармон дод, то ки фаҳманд, оё ӯ ҳамон одаме нест, ки ба наздикӣ дар маъбади ғайрияҳудиён бесару сомонӣташкил карда, ва ҳамаи одамонро боварӣ кунонд, ки ба масеҳият дохил шаванд, ба «сектаи шугунҳо», ки аз тарафи румиҳо ғайриқонунӣ эълон карда шудааст.

Андриюс ҷавоб гардонд, ки ҳукматдорони Рум ростииро нафаҳмиданд. Писари Худо, ки ба замин барои нафъи одамон омад, таълим дод, ки худоёни румӣ-золиманд, душмани одамизоданд, ки одамонро маҷбур мекунанд, ки Худоро таҳқир кунанд, ва ӯро аз одамон рӯ гардонад. Андриюс мегуфт, ки ба шайтон хизмат карда, одам ба ҳар хел беномусӣ меафтад ва баъд мемирад ва ҳеҷ чиз ба ғайр аз корҳои бади ӯ намемонад.

Консул ба Андриюс фармон дод, ки дигар чунин мавъиза накунад, дар акси ҳол ба ӯ маслуб карданро таҳдид кард. Ва он гоҳ Андриюс ҷавоб гардонд: «Ман ҷалол ва шарафи салибро мавъиза намекардам,

агар худам аз марг дар салиб метарсидам». Ӯро ба маслуб кардан барои таълимоти нави сектантӣ ва рад карданидини худоёни римӣ ҳукм баровarданд.

Ба маҳалли маслубкунӣ рафта истода, ва дар назди худ салибро дида, Андриюс ҳатто намуди андомашро дигар накард. Ӯ дар нутқи худ таслим нашуд. Ҷисмаш заиф мешуд, аммо ақлаш, ҳол он ки бо мурдаистодагон ин бисёр вақт мешавад, ӯро нагузошт. Ӯ гуфт: «Оҳ салиб, дилкаш ва дер интизорбуда! Бо тайёрӣ дар ақл, бо хурсандӣ ва хоҳиш ба назди ту меравам. Ман, шогирди он Касе ки, дар ин ҷо овезон буд, ҳама вақт туро ҳурмат мекард ва ба оғуши ту дода мешавам».

Ин аллакай тамоман он одаме набуд, ки ҳангоме ки Исоро дастгир карданд, барои ҳаёти худро наҷот додан гурех. Ӯ тағир ёфта буд.

Воқеъанҳамаи шогирдоне, ки гурехта буданд, дар охир барои шаҳодати худ дар бораи Исои Масеҳ кушта шуданд. Худо ба онҳо афзалият дод, то ки бо он чизе, ки аз он гурехта буданд, вохӯранд. Вақте ки онҳо ҳаёти худро гузоштанд, қувваи беҷуръатӣ ва тарс шикаста шуд!

Шумо бояд бо он тасаллӣ ёбед, ки «Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд» (Филиппиён 1:6). Шаҳодат дар бораи ҳаёти он шогирдон тасвири он аст, ки чӣ тавр Худо метавонад мағлубияти моро ба ғалаба мубаддал намояд! Таслим нашавед, лекин ҷуръат намуда, ба он Касе, кишуморо дӯст дошт ва барои шумо ҳаёти худро дод, бовар кунед.

Биёед якҷоя дуо мегӯем:

Падар, ба номи Исои Масеҳ, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро дар муҳаббат ва ҳикмати Худ устувор гардонӣ. Маро бубахш, ки ман дар вақтҳои душвор таслим шудам, то ки фароғат ва амнияти худамро муҳофизат намоям. Худованд Исо, имрӯз ман қарор мекунам, ки аз худ рӯ гардонам ва салиби худро гирифта аз қафои Ту равам. Ман хизматгори Ту ҳастам, ман файзи Туро қабул мекунам, ки он ба ман қувват медиҳад, ки бо тамоми далерӣ ва муҳабат каломи Туро эътироф намоям ва иродаи Туро иҷро кунам.

Ва ҳоло ба рӯҳи тарс ва назорат мурочиаӣ кунед:

Ман каломи тарсондан ва назоратро мешиканам, ки ба ҳаёти ман аз тарафи худам ва дигар одамон гуфта шудааст. Дар ҳаёти худ ман чанголи тарсро дар назди одамон мешиканам. Шумо, рӯҳҳои палиди торикӣ, ман худро ба Худо тобеъ мегардонам ва зидди шумо меистам. Ман ба шумо дар ҳаёти худ ҷо намедиҳам, барои ҳамин дафъ шавед, ба номи Исои Масеҳ. Омин.

Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин (Яҳудо 24-25).

**“Дар қудрати Худо додагӣ гард, вагарна касе дигар онро аз ту гирифта, зидди ту истифода мебарад.”**

Ҳар одам дар як лаҳзаи ҳаёташ тарсонда буда, беҷуръат шуда буд! Оё дар ҳақиқат медонӣ чаро ин рӯй дод ё чӣ кор кунӣ, ки ин дигар рӯй надиҳад? Ҷон Бивер таҳдиду фишорро фош карда, забти тарсоварро шикаст медиҳад ва ёд медиҳад чӣ тавр бахшоишҳои Худоро озод карда, ҳукмронии Ӯро дар ҳаёти худ мустаҳкам кунӣ.

**Ту ин корро карда метавонӣ!**

Бо решаҳои каҷи беҷуръатӣ рӯ ба рӯ шав ва фаҳм чаро “не” гуфтан ба ту душвор аст, чаро ту аз зиддият метарсӣ, чаро кӯшиш мекунӣ, ки аз муқобилат гурезӣ, ва чаро ин қадар зиёд қуввати худро сарф мекунӣ, ки ба дигарон писанд оӣ.
Ба тарси худат иҷозат надеҳ, ки туро ақиб нигоҳ дорад! Аз ғамгинӣ, ноумедӣ ва нофаҳмӣ озод шуда, бо ҷасорату боварии нав дар қудрати Исои Масеҳ гард.



Ҷон Бивер хоҳиши бузург дорад, ки бинад чӣ хел одамон зиёдтар бо Худо наздик мешаванд ва дар бораи чизҳои абадӣ зиндагӣ мекунанд. Ӯ муаллифи машҳури байналхалқӣ ва китобҳояш аз 40 забон зиёдтар миллионҳо ба чоп мерасанд. Ба воситаи таълимоти худ Ҷон Бивер ҳақиқатҳои чуқурро ошкор мекунад, ки мо даъват мекунад, ки бо Худо дар сатҳи нав вохӯрем. Боз вай дар тамоми дунё мавъиза мекунад ва соҳиби намоиши телевизионӣ “*The Messenger*”, ки дар зиёда аз 216 халқҳо тамошо карда мешавад. Ҷон Бивер ва занаш Лиза, кӣ муаллифи машҳур ва мавъизачии байналхалқӣ мебошад, дар Колорадо ҳамроҳи чор писарони худ зиндагӣ мекунанд.

*Китоб – тӯҳфа аз тарафи муаллиф мебошад ва барои фурӯш нест.*

teach reach rescue
Messenger International.
www.messengerintl.org

Follow John Bevere on Facebook & Twitter